**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ А.ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳукми дастнавис*

**ТДУ:373:681.3+001.76**
**ТКБ: 74.200 ( 2 тоҷик.)**
**С-57**

**САФАРЗОДА ГУЛИСТОН САФАР**

# НАҚШИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Ҷонмаҳмадова Гулрафтор, номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарту барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ**

**ДУШАНБЕ- 2023**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА………………………………………………………..… 3-12**

**БОБИ 1. БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ…...12-75**

1.1. Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ……......……………………………………………12-34

1.2. Ваъи иҷрои барономаҳои давлатии рушди соҳаи маориф: дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ...……………...………..….…..……35-57

1.3. Барномаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф......................................……………...……………57-75

Хулосаи боби 1.....………………………………………………76-78

**БОБИ 2. ТАКМИЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОР – ЯКЕ АЗ ҲАДАФҲОИ АСОСИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ……………………………………………79-135**

2.1. Такмили ихтисос – омили асосии рушди салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва баланд бардоштани сифати таҳсилот…....….……………79-97

2.2. Муносибати босалоҳият ба таълим – унсури асосии ислоҳот ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф......................................97-117

2.3. Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба раванди татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва арзёбии натиҷаҳо.....……….....117-135

Хулосаи боби 2……………………………………………….…..136-139

**ХУЛОСАИ УМУМӢ....………………………………….......140-146**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА………………147-158**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз масъалаҳои мубрам дар сиёсати дохилӣ ташкил додани низоми таълиму тарбияи сифатан нави насли наврас ба ҳисоб рафта, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ пеш омаданд, ки аз мураккабтарин масоили муҳими он навсозии соҳаи маориф маҳсуб меёфтанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим будани соҳаи маорифро барои рушди минбаъдаи кишвар дарк намуда, ба рушди бемайлони соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, вобаста ба имконот соҳаи маорифро дар сиёсати стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок эълон намуд.

Дар воқеъ, дар ҳам гуна давлат маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ омили пешбарандаи ҷомеаи инсонӣ ва яке аз пояҳои муҳимми давлатдорӣ мебошад. Рушду нумӯи ҳар як давлату миллат, ба вижа дар шароити муосир, ба сиёсати дурандешонаю пайгирона дар самти мактабу маориф ва ташаккули низоми таҳсилот тибқи талаботи таҳсилоти байналмилалӣ вобастагии қавӣ дорад.

Мактабу маориф дар шароити кунунии рушд ва ҷаҳонишавии низоми таҳсилот ва дастовардҳои беназири технологияи таълимию иттилоотӣ дар сиёсати давлатӣ мақоми меҳвариро соҳиб мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пайваста изҳор менамоянд, киояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад ва дар хотир бояд дошт, ки танҳо

миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд.

Дар ҳақиқат, соҳаи илму маориф яке аз соҳаҳои калидии ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз рушду инкишофи он пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ вобастагии амиқ дорад. Имрӯз ислоҳоти соҳаи маориф бомаром идома дорад. Самти муҳим дар ислоҳоти соҳаи маориф ин баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, дар ин замина силсилаи тадбирҳо доир ба сохтмону барқарорсозӣ, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ андешида мешавад. Дар ин раванд, мо бояд аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё ба таври васеъ истифода намоем ва рушди муназзами соҳаи маорифро таъмин намуда, мутахассиси рақобатпазирро дар бозори меҳнат тарбия намоем. Бинобар ин, зарур аст, ки муаммоҳои соҳаи маориф объективона таҳқиқ гардида, тадбирҳои мушаххас бахри бартараф намудани онҳо андешида шавад.

Аз ин хотир, барои ноил шудан ба ин мақсадҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ даҳҳо стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ба тасвиб расондааст, ки дар рушди маорифи кишвар бе шак нақши басо созгорро гузошта, барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва ҳар чи зудтар ворид шудани таҳсилоти миллӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ, ҷавобгӯ гаштани мазмуну мундариҷаи таълим, стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ба ин васила, таъмини рақобатпазирии низоми маорифи кишвар ба талаботи бозори ҷаҳонии таҳсилот шароит ва заминаҳои мусоидро фарҳам сохтанд.

Тақдири имрӯзу фардои кишвар аз рушди маориф, ки ҳадафи татбиқи барномаҳои давлатӣ маҳсуб меёбад, вобаста буда, ҳар қадар низоми маориф дар ҷумҳурӣ рушд кунад ва насли наврас донишманду бомаърифат, навовару ихтирокор ба камол расад, ҳамон қадарояндаи мамлакат шукуфон хоҳад шуд.

Вобаста ба ин, бояд таъкид сохт, ки раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳқиқу таҳлил ва арзёбии илмиро тақозо мекунад, то ки ба нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар баҳои объективона дода шуда, мушкилоти дар роҳи амалисозии талаботи онҳо мавҷуда саривақт бартараф ва дар ин самт боз тадбирҳои амаливу иловагии дигар ба нақша гирифта шаванд. Сарфи назар аз он ки оид ба раванди иҷрои ин ё он барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар нашрияҳои даврии соҳавӣ аҳёнан хабару мақолаҳои мутахассисон ва кормандони соҳаи маориф ба табъ мерасанд, дар онҳо ҷанбаҳои илмии ин раванд ба таври мукаммал таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Андешаву мулоҳизаҳои дар боло ироашуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи мо барои рушди минбаъдаи маорифи кишвар масъалаи ниҳоят муҳим ва саривақтӣ буда, метавонад дар амри иҷрои саривақтии муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва дар маҷмуъ ба татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ба қадри имкон саҳмгузорӣ ва мусоидат кунад.

Ин ҳадафҳо моро водор сохт, ки таҳқиқоти диссертатсиониамонро дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" интихоб намоем.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Оид ба барномаҳои давлатии соҳаи маориф ва вазъу раванди татбиқи онҳо мактабшиносон, олимону ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва дигар зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар нашрияҳои даврии соҳавӣ як силсила мақолаҳо ва маводи дигари таҳлилӣ ба табъ расондаанд, вале дар онҳо ҷараёни амалишавии ин ё он барномаи давлатии алоҳида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нашудааст.

Дар самти татбиқи Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 мақолаҳои омӯзгор И. Холназаров “Такмили ихтисоси омӯзгорон дар мадди аввал” ва “Сохтори хадамоти методиро таҷдиди назар мебояд”, олимон Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев, С. Собиров, С. Ҳасанов мақолаҳои хешро зери сарлавҳаи “Такмили ихтисос (нишондиҳандаи оморӣ)” ба табъ расонидаанд, ки ниҳоят фарогири иҷроиши маълумотҳои оморӣ дар татбиқи Барномаи давлатии мавриди назар мебошанд.

Муҳаққиқ М. Бадалов дар мақолааш “Ҳамгироии ҳадафҳои маориф барои рушди устувор бо барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон” ҳадафҳои таҳсилот барои рушди устувор равшан сохта, омӯзгор Ф.Толибова дар мақолааш “Маориф боз ҳам дар меҳвари таваҷҷуҳ” қадамҳои устуворонаи ислоҳоти маорифро мавриди муҳокима қарор додааст.

Г. Сафарзода дар мақолааш таҳти унвони “Барномаҳои давлатии соҳаи маориф” проблемаҳои татбиқи мушкилоти татбиқи барномаҳои давлатиро мавриди баррасӣ қарор дода, олимони мактабшинос Г. Пиракова дар китобаш “Барномаҳои давлатии соҳаи маориф (Душанбе: Бухоро, 2018) ва Х. Қурбонзода дар мақолааш дар мавзуи “Татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон” андешаҳои ҷолибе пешниҳод намуда, нақши барномаҳои давлатиро дар рушди маорифи кишвар арзёбӣ кардаанд.

Ҳ.Искандаров яке аз мактабшиносони шинохтаи тоҷик дар мақолаҳояш зери унвони “Қонуни талаби замон”, “Такмили ихтисос масъалаи ҷиддист”, “Мактаб ва бунёди ҷомеаи солим” ба раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар мақолаҳои Ф.Ҷамшед “Ташаккули салоҳияти иттилоотию коммуникатсионӣ”, Ш. Раҷабзод “Чаро муассисаҳои таълимӣ бо тахтаҳои электронӣ таъмин нестанд?”, Б.Абдураҳим “Забономӯзӣ-омили ташаккули сатҳи маърифат” ва Н.Аҳророва “Марҳилаи нави

забономӯзӣ”, Х. Қодирова “Ҷавонон ва таҳаввулоти замон” андешаҳои ҷолибе пешниҳод шуда, талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро оид масоили матраҳкардаашон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд.

Роҷеъ ба раванди татбиқи низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ коршиносон Сангинов С., Маҳкамов Д., Ҳазратқулова Н., Бобохонов Х. корҳои арзандаро сомон бахшиданд.

Ҳамин тавр, омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ собит сохт, ки масъалаи раванди татбиқи барономаҳои давлатии рушди соҳаи маориф то ба имрӯз ба таври мукаммал аз ҷиҳати илмӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор наёфта, дар таҳқиқи мавзуи мазкур ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди маориф **ихтилофоти зерин** арзи ҳастӣ мекунанд:

- сари вақт дастрас нагардидани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ба раёсату шуъбаҳои маориф;

- наандешидани тадбирҳои зарурӣ дар минтақаҳо оид ба татбиқи Барномаҳои давлатӣ;

- бо сабабҳои норасоии молиявӣ ба курсҳои такмили ихтисос ҳозир нагардидани омӯзгорон;

- ба таври дастрас дар минтақаҳои дурдаст нагузаронидани семинарҳои омӯзишӣ, конференсия, мизҳои мудаввар ва вохӯриҳо оид ба роҳу усулҳои иҷрои талаботи барномаҳои таълимӣ ва ғ;

- ба таври бояду шояд ҷиддӣ муносибат накардани мудирони раёсату шуъбаҳои маориф ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ба иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;

- аксаран иҷро карда нашудани талаботи дахлдори барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби  мақмоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ғ.

Ихтилофоти дар татбиқи барномаҳои давлати мавҷуда проблемаи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян сохтанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, аз он ҷумла Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 анҷом дода шуда, бевосита бо мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи омӯзиши стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи "Таҳқиқ ва такмили мазмуни стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Таҳлили вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва ошкорсозии нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар, муайян сохтани роҳу усулҳои самарабахши татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуд:

1. Таҳлили вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълим.
2. Баррасии раванди иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ.
3. Ошкор сохтан ва ба таври назариявию амалӣ асоснок намудани шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон.

4. Муайян сохтани талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили ихтисос ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, ҳамчунин оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим.

5. Дарёти роҳу воситаҳои ҳалли проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи муосир, омӯхтани муносибатҳои умуминазариявӣ дар татбиқи барномаҳои давлатӣ.

6. Ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии татбиқи талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ва арзёбии натиҷаҳои он.

**Объекти таҳқиқот** – вазъ ва раванди татбиқи муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф.

**Предмети таҳқиқот -** нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маориф.

**Фарзияи таҳқиқот:** Барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба таври самаранок татбиқ мегарданд, агар:

- дар муассисаҳои соҳаи маориф оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ нақшаю чорабиниҳои мушаххас таҳия ва татбиқ карда шаванд;
- дар муассисаҳои таълимӣ оид ба татбиқи талаботи дахлдори барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф бештар семинарҳои омӯзишиву мизҳои мудаввар баргузор карда шаванд;
- роҳои банақшагирӣ ва амалисозии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ коркард ва мавриди амал қарор гирад;
- шароит ва муҳити иҷтимоӣ-педагогии муассисаҳои таълимӣ оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ омӯхта шавад;
- масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ дар амри иҷрои талаботи барномаҳои давлатии соҳаи маориф баланд бардошта шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила баргузор карда шуд.

**Дар марҳилаи якум (солҳои 2017-2018)** таҳлили назариявии масъала амалӣ гашта, фарзия, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуда, маводи назариявӣ ҷамъоварӣ гардида, нақшаву методҳои таҳқиқот ва баргузории озмоишҳо коркард гардиданд.

**Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2019-2020)** вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавриди омӯзишу таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шуда таҳлил карда шуда, озмоиши назариявӣ ва таҷрибавии фаъолияти якҷояи ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ гузаронида шуд, дастгоҳи илмии таҳқиқот дақиқ гардонида шуд.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2021-2022)** муқарраротии назариявии ба даст оварда дақиқ гардида, таҳлил гузаронида шуд, мавод ва маълумотҳои озмоишӣ санҷида шуда, банизомдарории онҳо амалӣ гардид. Хулосаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, матни комили диссертатсия таҳия гардид.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** диалектикаи рушд, донисташавандагии ҷаҳон, муносибати системавии ба шахсият нигаронидашуда, фаъолиятнокӣ, аксиологӣ ва фарҳангшиносӣ ба муайянсозии мазмуни таҳсилот; тафаккури нави сиёсию фарҳангӣ, ки моҳияти онро ваҳдати миллӣ ва худшиносӣ, аз ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ватандӯстӣ, аз ҳимояи тамомияти арзии давлат ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил мекунанд; корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ оид ба педагогика, психология, фалсафа, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик дар соҳаи педагогика ва методикаи таълим, татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар раванди таълиму тарбия, заминаи консептуалии навсозии раванди таълиму тарбия дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа дар бар мегиранд.

Зимни таҳлили раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф равишҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, маҷмуӣ ва ягона истифода шуда, принсипҳои методологии таърихӣ ва объективӣ, ки воқеият ва эътимоднокии баррасии илмии раванди таълимро дар муассисаҳои таълимӣ таъмин мекунанд, низ риоя карда шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**: Заминаҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим бахшидашуда; корҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккул ва рушди мазмуни дунявии таълиму тарбия дар шароити муосир дар Тоҷикистон; манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба давраи ташаккул ва рушди низоми маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол; пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии ташаккули муҳити муосири инноватсионии муассисаҳои таълимӣ ва масоили коркарди сиёсати нави идоракунии демократии соҳаи маориф ва илм ташкил медиҳад. Дар таҳқиқот ҳамчунин муқаррароти назариявӣ ва бунёдии дар санадҳои дастурӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ, консепсияву стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгардида, ки ба проблемаи таҳқиқшаванда марбут мебошанд, мавриди истифода қарор дода шудаанд

**Сарчашмаҳои маълумот:** Маводи таҳқиқот дар заминаи сарчашмаҳои зерин омода гаштааст:

- осори илмӣ-педагогӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву фалсафӣ;

санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм;

- стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;
- стандартҳои давлатии таҳсилот, санадҳои меъёрӣ, ки татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ба танзим медароранд;
- модули санҷиши салоҳиятҳои касбӣ, ки дараҷаи салоҳиятҳои касбии омӯзгорро арзёбӣ менамояд;
- стандарту, барномаҳои таълими муассисаҳои таълимӣ;

- таҷрибаи муҳаққиқон ва маълумотномаи гуруҳҳои корӣ, ки масъалаи вазъ ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маорифро омӯхтаанд.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯхтан ва мавриди арзёбӣ қарор додани вазъ ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф; ба мушоҳида гирифтани раванди истифодаи технологиҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ – омӯзишу таҳлили фаъолияти омӯзгорону хонандагон, баргузории корҳои озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада, таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди самараноки онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар шуъба ва раёсатҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиали он дар минтақаи Бохтар, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, баъзе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Омӯзиш ва таҳлили маводи бойгонӣ, маълумотномаҳои шуъбаву раёсатҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, консепсия ва стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои

давлатии рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, стандарту барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ имкон доданд, ки маводи муқаддамотӣ барои коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъоварӣ карда шавад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

- вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуда, нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф муайян карда шудааст;

- мушкилоти раванди татбиқи барономаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор карда шуда, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилот нишон дода шудааст;

- собит гардидааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор мебошад, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард;

- роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур шудааст;

- талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди омӯзиш ва озмоиш қарор ѐфта, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва арзёбӣ шудааст ва дар ин замина тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа шудааст.

**Нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда:**

1. Дастоварду комёбиҳои дар ҷумҳурӣ дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ бадастомада аз бисёр ҷиҳатҳо самараи иҷрои саривақтии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф маҳсуб меёбад.

2. Мушкилоти асосии дар бисёр ҳолатҳо амалӣ нашудани талаботи барономаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар он аст, ки иҷрои

чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шҳру ноҳияҳо вогузор шудааст ва онҳо барои амалисозии ин тадбирҳо шароитҳои моддиву иқтисодӣ надоранд;

3. Ташкили шароитҳои мусоид дар муассисаҳои такмили ихтисос ҷиҳати ба кормандони соҳаи маориф омӯзонидани роҳҳои татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;

2. Ташкили гуруҳҳои корӣ ва ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо фиристонидани онҳо ҷиҳати мусоидат ба иҷрои саривақтии муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва тавзеҳи талаботи барномаҳо ва роҳу усули амалисозии онҳо дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ;

4. Муайян намудани мушкилот ва проблемаҳои мавҷудаи соҳаи маориф вобаста ба талаботу нақшаҳои ичрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дарёфти шароитҳои педагогӣ, моддиву техникӣ ва молиявию иқтисодӣ ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти дар ин ҷода мавҷуда;

5. Дар баробари шарикони рушд ҷалби бахши хусусии мамлакат ҷиҳати саҳмгузорӣ дар татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот**. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки:

- аз мавқеи илмӣ-назариявӣ муайян гардидааст, ки дастоварду комёбиҳои соҳаи маориф аз биёр ҷиҳатҳо дар заминаи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба вуқуъ пайвастаанд ва андешидани чораҳои мушаххси самаранок баҳри иҷрои чорабиниҳои дар барномаҳои давлатӣ пешбинишуда бе ягон шак ба рушди минбаъдаи соҳаи маорифи кишвар мусоидат хоҳанд кард;

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ барои аҳли маорифи кишвар дар самти мактабшиносӣ маводи ёрирасон хизмат хоҳад кард;

- диссертатсияи мазкур ба сарчашмаҳои муътамадии илмиву назариявӣ такя намуда, моҳиятан андешидани чораҳои иловагиро бобати татбиқи пурраи барномаҳои давлатӣ, ислоҳи камбудиву норасоиҳо фарогир аст ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки:

-таҳқиқоти мазкур ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф масъулияти роҳбарони тамоми зинаҳои таҳсилотро беш мегардонад;

- он метавонад дар ҳамчун дастури назариявӣ ва методӣ дар семинару курсҳои омӯзишӣ мавриди истифода қарор дода шавад;

- натиҷаву хулосаҳои таҳқиқот метавонанд боси бартарафсозии мушкилоту норасоиҳои дар раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкоршуда гашта, масъулияти иҷрокунандагонро баланд бардорад;

- натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон барои амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва инчунин дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба таври васеъ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосии диссертатсия ифода ёфта, онро муносибати маҷмуӣ ба таҳқиқи мушкилот зимни татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, дурустии интихоби усулҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои он, мутобиқати усули микдорӣ ва сифатии таҳлил, ки дар кори таҷрибавӣ- озмоишӣ тасдиқ гардидаанд, муайян месозад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихсисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогика умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 4* – “Назария ва консепсияи таълим” (консепсияҳои

рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – “Консепсияҳои таълим” (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводҳо; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин ироа, тасвиб ва татбиқ шудаанд:

- дар ҷаласаҳои кафедраҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он;
- дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф;
- дар конфронсҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;
- аз тариқи нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда;
- натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот борҳо дар конференсияҳо, ҷаласаҳои кафедраҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифта, мунтазам дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ироа ва тасвиб шудаанд.

**Интишорот оид ба мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии таҳқиқот дар шакли 8 мақолаи илмӣ, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Сохтори диссертация.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳо, тавсияҳо ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мазмуни диссертатсия дар 183 саҳифаи чопи компюторӣ дарҷ гардида, дорои 30 ҷадвал ва 2 диаграмма мебошад.

# БОБИ 1. БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ - ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## 1.1. Соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ

Дар таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ давлатдории тоҷикон пас аз истиқлолияти воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи сиёсат ва бо дастгирии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд. Сарфи назар аз мураккабиҳо ва мушкилоти замони гузариш, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар таҳти назорат ва пуштибонии худ қарор додаанд.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои асосии пешрафти устувори иқтисоди давлатӣ мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили раванди мураттабу босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, хулоса, аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Маҳз аз ҳамин хотир, бо дарназардошти нақш ва аҳамияти маориф дар рушди устувори иқтисоди миллӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии мамлакат таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш

бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар соли 2015 таъкид доштанд, ки ҳатто дар солҳои вазнини ибтидои Истиқлолият "тамоми фикру андешаи ман ҳамчун Сарвари давлат дар баробари таъмин намудани сулҳу оромии кишвар ба ҳалли масъалаҳои маориф ва дастгирии ин соҳаи барои ҷомеа ва давлат ниҳоят муҳим банд буд. Ва чунонки мушоҳида мекунед, ман ҳамаи имконияту василаҳоро ба хотири таҳким бахшидани пояҳои илму маориф равона карда, ба рушди ин соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ диққати махсус медиҳам ва ин масъаларо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумат бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо дастгирӣ менамоям" [72].

Ба ин маънӣ, Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки «Маориф омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат аст» ё «Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам». Ин андешаҳои ҳакимонаи Пешвои миллат дар бораи маориф ва тарбияи насли наврас дар таърихи давлатдории Тоҷикон беҳтарин дастуру ҳидоятҳоянд, ки аз раванди ҳаёти сиёсию воқеии мамлакат маншаъ мегиранд.

Дарвоқеъ, дар ҳама давру замонҳо шинохтани миллат, аломати рушду инкишофи ҳар як давлат ва сатҳи зиндагию дараҷаи некуаҳволии халқ аз пояи маориф, хоса таълиму тарбия арзёбию баҳогузорӣ карда мешуд.

Аз ин хотир, Пешвои миллат ба рушду инкишофи бемайлони соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва унвондор пайваста таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамоянд. Аз ин ҷост, ки тайи сӣ соли истиқлолият соҳаи маориф ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ беш аз 450 санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки баҳри рушди бемайлони соҳаи маориф ва илм заминаи мусоид фароҳам оварданд [109].

Ҳукумати ҷумҳурӣ барои амалӣ намудани ин сиёсат аз тамоми имкониятҳо истифода мебарад, то ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик яке аз кишварҳои ободу сарсабзу хуррам, аз нигоҳи илму маориф пешрафта бошад ва собит созад, ки, воқеан ҳам, тоҷикон миллати бофарҳанг, соҳибмактабу соҳибқаламу соҳибилманд [92, с. 4].

Чунон ки маълум аст, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар кушишҳои бешуморе баҳри дигаргун сохтани мазмуну мундариҷаи таълим дар мутобиқат бо талаботи замони нав бо мақсади ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии муассисаҳои миллӣ ба харҷ дода шуда, як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Дар ин давра Тоҷикистон вазъи ниҳоят сангини дохилӣ ва минтақавиро аз сар мегузаронид. Ҳамзамон, дар давраҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дахолати қувваҳои муайяни давлатҳои хориҷӣ ва баъзе гуруҳҳои сиёсӣ боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид. [81, с.15].

Маҳз дар чунин шароит азнавсозии соҳаи маориф шурӯъ шуда, алалхусус, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҳамчун аввалин санади меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф дар шароити ниҳоят душвори иқтисодиву сиёсӣ принсипҳои сиёсати давлатро дар соҳаи маориф муайян намуд ва барои рушди бемайлони соҳа заминаҳои хуб фароҳам овард. Қонуни мазкур барои рушди устувори таҳсилот дар кишвар  асос гузошта, минбаъд барои таҳияи лоиҳаи дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф заминаи ҳуқуқӣ муҳаѐ сохт. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо таҳия ва тасдиқ гардида, ҳамин тариқ, дар мамлакат заминаи

қонунгузорӣ дар соҳаи маориф дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ гузошта шуд [32], [38].

Ва пӯшида нест, ки ин санадҳо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумиро то андозае ба танзим даровarда, дар ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар байни субъектҳои раванди таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди донишандӯзии хонандагон, истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълим ва технологияи инноватсионӣ, таҳкими заминаи моддӣ – техникӣ ва дар маҷмӯъ, бобати баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат карда тавонист.

Дар ин марҳилаи ҳассос тамоми кормандони соҳаи маориф ба татбиқи қонун машғул шуда, раванди низоми таълимро ба қадри дастрас пеш мебурданд. Дар Тоҷикистон муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият намуда, ба қадри имкон кори таълиму тарбияи насли наврасро ба роҳ монда буданд.

Дар солҳои 90-уми қарни XX, дар мамлакат сатҳи баланди маълумотнокии аҳолии калонсол аз рӯи барӯихатгирии аҳолии соли 1989 ошкор гардид, ки қариб 77 % аҳолии калонсол дорои таҳсилоти олӣ буданд. Дар баробари муваффақиятҳо дар соҳаи маорифи даврони Шӯравӣ камбудиҳо низ ҷой доштанд, ки яке аз онҳо ҳангоми омӯхтани фанҳои таълимӣ, диққати бештарро ба масъалаи аз худ намудани факту рақамҳо равона гардида, маърифати функсионалиро суст инкишоф медоданд [81, с.25].

Инчунин, қобилияти хонандагон дар ҳалли масъалаҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯза дучор мешаванд, инкишоф намеёфт. Насли наврас дониши тайёрро дар низоми кухнаи таълим аз худ намуда, малакаю маҳораташон кушода намегаш, қобилияти эҷодкорона фаъолият намударо ҳосил карда наметавонист. Вобаста ба ҳалли камбудиҳои мавҷуда зарур дониста шуд, ки дар низоми таҳсилот ислоҳотҳои ҷиддӣ гузаронида шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки ба инкишоф ва пешрафти соҳаи маориф ҷанги шаҳрвандӣ, мушкилоти иқтисодӣ, нарасидани нерӯи барқ, вазъияти

нооромии кишвар садди роҳи дигаргуниҳо дар соҳаи маориф мегардид ва ҷараёни таълим дар низоми куҳна амал менамуд [52, с.53].

Соли 1992 дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди чорабиниҳои банақшагирифта иҷро нагаштанд. Дар соли хониши 1992-1993 дар валояти Хатлон ва шаҳри Душанбе дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дарсҳо қатъ гардиданд. Омӯзгорон ва шогирдони зиёд фирор карданд ё ба ҳалокат расиданд.

Солҳои аввали Истиқлолият дар ноҳияҳои Дарбанд, Рашт, Тоҷикобод, Лахш, Сангвор проблемаҳое ошкор гардиданд, ки ҳалли босифати худро тоқазо доштанд. Заминаҳои моддию таълимӣ дар аксар ноҳияҳо паст гардида, нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ, ба таҳсил фаро нагирифтани кӯдакони синни мактабӣ, махсусан духтарон дар синфҳои миёнаву боло, набудани китобҳои дарсиву методӣ ва ашёҳои таълим, ҳифзи иҷтимоии аҳли маориф аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим буданнд.

Дар баъзе минтақаҳо мактабҳоро месӯзониданд, дар баъзе минтақаҳо ҳамчун макони зисти низомиён ва фирориён истифода мебурданд ва тамоми таҷҳизоту лавозимоти онҳоро таллаву тороҷ мекарданд. Ба омӯзгор дигар эҳтиром намонда буд, чунин сурат гирифтани кор ба он оварда расонид, ки қисми зиёди омӯзгорон тарки мансаб намуданд ва ин ҳама мушкилоти ҷойдошта ба души маориф бор гардид.

Дар нимсолаи якуми соли хониши 1993 дар бисёре аз муассисаҳои таълимӣ дарсҳо шурӯъ шуда, дар соли хониши 1993-1994 ва солҳои минбаъда дар аксари муассисаву таълимгоҳҳо машғулиятҳо ҷараён гирифта, бештари хонандагону донишҷӯён ба таълим фаро гирифта шуданд. Иштироки хонандагону донишҷӯён дар дарс дар баъзе минтақаҳо 60-75 % ва дар маркази ҷумҳурӣ 92 %- ро ташкил медод [39].

Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ низомиён ба кори муассисаҳои таълимӣ дахолат мекарданд. Баъзан бо яроқу аслиҳа омада аз омӯзгорон баҳои

сазовор гузоштан ба дониши донишҷӯёнро талаб мекарданд, ки ба беҳдошти сифати таълим бетаъсир намемонд [81, с.55].

Дар солҳои 2004- 2007 ба таълим фаро гирифтани фирориёни иҷборӣ ва таъмиру тамрини биноҳои валангоргаштаи муассисаҳои таълимӣ оғоз гардид. Дар солҳои таҳсили 1997- 1998 аз сабаби паст будани сатҳи зиндагии мардум ва нарасидани омӯзгорон 35%-и бачагони синни томактабӣ ба таҳсил фаро гирифта нашуданд.

Дар вилояти Хатлон водии Рашт ва Ҳисор бо сабабҳои мухталиф кӯдакистонҳо аз фаъолият монданд. Дар шаҳри Кӯлоб аз 11 кӯдакистон танҳо 2- тояш фаъолият менамуду халос. Биноҳои ин муассисаҳо низ аз низоъю кашмакашиҳои дохилӣ зарар дида, ба нестӣ расида буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли ин масъала тадбирҳои зарурӣ андешида, диққати асосиро ба мактаб- интернатҳо равона намуд, зеро дар ҳамон вақт кӯдакони зиёд бе сарпараст, ятим ва дар ҳолати камбизоатӣ қарор доштанд. Ба вазъияти вазнини иқтисодӣ нигоҳ накарда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи бештарро ба рушди мактаб- интернатҳо равона намуд. Бо ташаббуси шахсии ӯ дар шаҳру ноҳияҳои мухталиф чандин муассисаҳо ташкил карда шуданд.

Оҳиста-оҳиста вазъи мактаб-интернатҳо беҳтар гардида, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ пайдо гардида, таъминот бо китобҳои дарсӣ ва омӯзгорону мураббияҳо, таҷҳизотҳои техникӣ, маводи хӯрока ва сару либос ҳалли хешро ёфт. Дар назди ҳар як мактаб-интернат хоҷагиҳои ёрирасон ва сарпарастон мавҷуданд, ки ёрию мадади беғаразонаи худро мерасонанд.

Дар баробари ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз мактаб дур намондани кӯдаконе, ки ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ даст мезананд, бетараф нашуда, барои онҳо ташкил додани мактаб- интернати махсусро пешниҳод намуд. Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва тамоми муассисаҳои зерсохтори он тадбирҳоеро меандешиданд, ки

чунин ҷавонон тарбияи хуб гирифта, аз ин роҳи хатарнок гарданд. [39, с. 67].

Ҳукумати мамлакат тайи солҳои 1994-1997 ба масъалаи ба таълим фаро гирифтани кӯдакони маъюб ва дорои иллати ҷисмонӣ диққати хоса зоҳир намуд. Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва филиалҳои он дар тамоми минтақаҳо барои омода намудани омӯзгорон ва мураббиён барои кор бо чунин категорияи кудакон омӯзиш ва тайёр кардани мутахассисонро сомон бахшиданд.

Дар ин давра фаъолияти марказҳои корҳои тарбиявии беруназмактабӣ ба роҳ монда шуда, масъалаи ташкили истироҳати тобистонаи мактаббачагон дар шаҳру ноҳия ба миён гузошта шуд. Барои ҳалли бобарори ин масъала ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он бо омӯзгорон ва мураббиён курсҳои сайёр, конференсия, семинар ва мизҳои мудаввар баргузор намуда, дар сатҳи баланд баргузор намудани онро таъмин карданд. Ҳамин буд, ки дар соли 1997 бештар аз 100647 нафар хонандагон ба истироҳатгоҳҳои тобистона фаро гирифта шуданд.

Дар ҳамин давра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили сохтори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, дар заминаи маркази эҷодиёти техникӣ, стансияи табиатшиносони ҷавон ва сайёҳони наврас, Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Яке аз самтҳои афзалиятноки кори муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷалби хонандагон ба махфилҳо ва ширкати бевоситаи онҳо дар ҳар гуна чорабиниҳо мебошад.

Ё ки масъалаи дигари мубрами соҳаи маорифи кишвар – вазъи мураккаби таҳия ва чопи китобҳои дарсиро ба ёд меорем, ки бо дахолат ва дастгирии бевосита Сарвари давлат комилан ҳаллу фасли худро ёфт. Ҳанӯз соли 1995 Пешвои миллат аз нарасидани китобҳои дарсӣ изҳори ташвиш намуда, дар суханронии худ дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ оид ба таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ таъкид карда буданд, ки “Масъалаи дигари ҳалталаб, масъалаи бо

китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ таъмин намудани мактаббачагон мебошад”. Сарвари давлат китобро калиди дониш ва воситаи асосии саводнокшавии мактабиён дониста, ба хонандагон на ҳамеша дастрас будани онро ёдовар шуда, ҳидоят фармуда буданд: “Ҳол он ки мо бояд, на танҳо худамон, балки дигар макотиби ҷамоҳири ҳамсояро, ки соҳиби мактабҳои тоҷикианд, бо китоб таъмин кунем”.

Масалан, то соли 2000 бо сабабҳои маълум маблағҳои буҷети давлатӣ барои таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ нокифоя буд. Ба ин нигоҳ накарда, дар соли 1995 аз 47 номгӯи китобҳои дарсӣ, танҳо 10 номгӯи он, соли 1999 ҳамагӣ 9 номгӯ бо теъдоди 780 000 нусха чоп гардид.

Хушбахтона, бо шарофати ҳидоят ва дастгириҳои Пешвои миллат таълиф ва чопи китобҳои дарсӣ бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуд ва дигар дар ин ҷода мушкилоте арзи ҳастӣ намекунад. Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон зиёда аз 200 номгӯи китобҳои дарсӣ бо теъдоди беш аз 20 млн. нусха ба маблағи умумии бе аз 100 млн. сомонӣ ба нашр расид. Дар ин давра чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таълимии тоҷикӣ ба анҷом расонида шуда, ҳоло тарҷумаи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои русӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркманӣ бомаром идома дорад [81, с.39].

Сиёсати давлат дар соҳаи маориф ба мустаҳкам намудани пояи моддӣ- техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ нигаронида шудааст. Бояд иқрор шуд, ки дар ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ба сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ диққати махсус дода мешавад.

Бахусус, ҳамасола дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ теъдоди зиёди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ таъмиру азнавсозӣ карда мешаванд, ки ин яке аз падидаҳои ҳамон ғамхориҳо мебошад. Ҳамчунин бо назардошти афзоиши ҳамасолаи аҳолӣ ва афзоиш ёфтани шумораи хонандагон сохтмони мактабҳои нав ва тармиму таъмири онҳо яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, бо ин мақсад Барномаи давлатии

сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2008, №436) низ қабул карда шудааст, ки он сохтмони 804 мактаб барои 119650 ҷойи нишаст бо маблағи умумии зиёда аз 59 миллион сомониро дар бар мегирад [7, с. 45].

Барномаи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, сарчашмаҳои маҳаллӣ, сармоягузории дохиливу хориҷӣ, сектори хусусӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дигар корхонаҳо, новобаста аз шакли моликияташон, амалӣ гардид. Дар доираи амалисозии барномаи мазкур солҳои 2008-2016 дар ҷумҳурӣ 2254 муассисаи таълимӣ ва биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба маблағи 2 млрд. 316 миллиону 259 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Умуман, аз соли 1991 то ба имрӯз дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода супорида шуда, танҳо соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар қаламрави кишвар 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст ва соли 2021 то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда шуданд [7, с. 23].

Ин ҷо мехоҳем оид ба нақши Барномаи мазкур дар бартарафсозии мушкилоти нарасидани мактабҳо ва ҷойи нишаст ѐдовар шавем. Дар вилояти Хатлон то қабули барнома 129 мактаб дар ҳолати садамавӣ, 97 мактаби ба таъмири асосӣ ниёз дошта, илова ба ин, 58 мактаб ва синфхонаҳо дар вагонҳо, 99 мактаб дар хонаҳои шахсӣ фаъолият мекарданд, онҳо азнавсозӣ ва таъмиру барқарор карда шуданд. Ниҳоят, бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло омада, дар вилояти Хатлон аз хонаҳо баровардани 93 мактаб, аз вагонҳо 49 мактаб, азнавсозию барқароркунии 120 мактаби садамавӣ, таъмири 94 мактаб ва сохтмони 31 мактаб ба нақша гирифта шуда буд [81, с.94].

Дар солҳои 2008-2010 аз тарафи соҳибкорони ватанӣ 55 муассиса дорои 8912 ҷои нишаст бо маблағи 15 млн 231,6 ҳазор сомонӣ сохта ба истифоша дода шуд.

Дар натиҷаи иҷрои чорабиниҳои Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 ба ҷойи муассисаҳои таълимии дар хонаҳои шахси, вагонҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгирбуда биноҳои нави муассисаҳои таълимӣ бунёд шуда, мушкилоти дар ин ҷода мавҷуда пурра бартараф карда шуд [7].

Масалан, аз оғози амалисозии барномаи мазкур то имрӯз танҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба ҷойи 93 мактаби дар хонаҳои шахсӣ ҷойгирбуда 458 синфхона барои 10992 ҷойи нишаст ва ба ҷойи 49 мактаби дар вагонҳо ҷойгирбуда 271 синфхона барои 7125 ҷойи нишаст, дар маҷмӯъ дар натиҷаи дуруст ташкил намудани кор баҳри татбиқи барномаи мазкур дар вилоят 729 синфхона барои 18117 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд [7, с.24].

**Ҷадвали 1. Маълумот оид ба теъдоди муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон**

| Ноҳияҳо | Муассисаҳои таълимӣ | | | | | | | Ҷамъи муассисаҳо | Шумораи хонандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миёна | Асосӣ | Ибтидоӣ | Гимназия | Литсей | Мактаб-интернат | Мак.интерн абароилаёка мандон | | |
| Бохтар | 15 | | | 2 | 4 | | | 21 | 23429 |
| Вахш | 48 | 14 | | | 1 | 1 | | 64 | 39824 |
| Восеъ | 60 | 6 | 3 | 1 | | 1 | 1 | 72 | 44186 |
| Данғара | 61 | 9 | 2 | 1 | 1 | | 1 | 75 | 33617 |
| Дӯстӣ | 38 | 5 | 2 | 1 | | | | 46 | 23761 |
| Хуросон | 47 | 13 | | | 1 | | | 61 | 24548 |
| Қубодиён | 53 | 6 | | 2 | | 1 | | 62 | 36560 |
| Ҷ.Балхӣ | 53 | 6 | 9 | 1 | | 1 | | 70 | 40891 |
| Кӯшониён | 51 | 2 | 7 | 1 | | 1 | 1 | 63 | 48181 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А.Ҷомӣ | 50 | 10 | 3 | | | | 1 | 64 | 35824 |
| Кӯлоб | 47 | 2 | | 1 | 3 | 1 | 1 | 55 | 44599 |
| Ҷайҳун | 41 | 2 | | 1 | | 1 | | 44 | 28392 |
| Муъминобод | 41 | 13 | 1 | 2 | | 1 | | 58 | 18928 |
| Ҳамадонӣ | 41 | 4 | 3 | 1 | 1 | | | 50 | 29266 |
| Фархор | 55 | 4 | 6 | 2 | 2 | 1 | | 70 | 33879 |
| Панҷ | 40 | 6 | 3 | 1 | 1 | | | 51 | 24601 |
| Леваканд | 10 | 3 | | | 2 | | | 15 | 11225 |
| Темурмалик | 32 | 7 | 5 | 1 | | 1 | 1 | 47 | 13428 |
| Ховалинг | 25 | 18 | 3 | 1 | 1 | 1 | | 49 | 11826 |
| Шаҳритус | 42 | 7 | 2 | | 1 | 1 | | 54 | 25734 |
| Ш.Шоҳин | 43 | 8 | 5 | | | 1 | | 57 | 11153 |
| Ёвон | 68 | 7 | 3 | 1 | 1 | | | 82 | 48639 |
| Норак | 20 | 5 | 4 | 1 | 1 | | | 31 | 13328 |
| Н.Хусрав | 24 | | 1 | 1 | | | | 26 | 8127 |
| Балҷувон | 20 | 10 | 14 | 1 | | 1 | | 46 | 7015 |
| **Ҷамъ дар вилоят** | | | | | | | | **1333** | **680961** |

Дар давраи фаъолияти ин барнома дар шаҳри Кӯлоб 4, ноҳияҳои Шаҳритус 2, Носири Хусрав 2, Қубодиён 1, Дӯстӣ 1, Ҷайҳун 1, Панҷ 3, Вахш 5, Хуросон 1, Абдураҳмони Ҷомӣ 1, Муъминобод 6, Ш.Шоҳин 8, Балҷувон 6, Ховалинг 7, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 2, Фархор 2 ва дар ноҳияи Восеъ 1 мактаб аз хонаҳои шахсӣ ва дар ноҳияҳои Носири Хусрав 3, Панҷ 3, Ёвон 11, Вахш 6, Хуросон 4, Абдураҳмони Ҷомӣ 8, Ҷайҳун 1, Ҷалолиддин Балхӣ 1 ва дар ноҳияи Восеъ 1 мактаби дар вагонҳо ҷойгирбуда, ки ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ набуданд, ба синфхонаҳои нав таъмин гардиданд [7, с.25].

Умуман дар маҷмӯъ дар 20 шаҳру ноҳияҳои вилоят 70 мактаби садамавӣ, аз он ҷумла, дар Кӯлоб 4, Леваканд 1, Восеъ 3, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 3, Фархор 5, Данғара 2, Ш.Шоҳин 9, Темурмалик 3, Муъминобод 4, Ховалинг 7, Балҷувон 3, Вахш 2, Кушониён 3, Қумсангир 3, Ҷалолиддини Балхӣ 2, Дӯстӣ 5, Қубодиён 5, Хуросон 3, Ёвон 3 ва дар

ноҳияи Носири Хусрав 2 мактаби садамавӣ ба барнома дохил гардида, барои 15505 ҷойи нишаст азнавсозӣ ва барқарор гардонида шуд.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки тайи солҳои 2012 ва 2013 дар қаламрави вилояти Хатлон 3 мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Данғара ва Бохтар аз ҷониби дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуд, ки ҳар яке аз онҳо имконияти фарогирии 640 нафар хонандаро доранд. Мактабҳои мазкур аз синфхонаҳои таълимӣ, бинои хобгоҳи писарон ва духтарон, бинои истиқоматӣ барои омӯзгорон, китобхона, синфхонаи компютерию лингафонӣ, ҳавзҳои шиноварӣ, толорҳои варзишӣ, маҷлисгоҳ, ошхона ва дигар биноҳои ёрирасони муҷаҳҳаз иборат мебошанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таваҷҷуҳи сокинон ва соҳибкорони саховатманд ба сохтмони мактабу синфхонаҳо, таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ афзуда, дар бобати бунёди муассисаҳои таълимӣ саҳм гирифта истодаанд. Масалан, мактаби навбунёди ҳозиразамон дар ноҳияи Данғара аз ҷумлаи аввалин муассисаи таълимии хусусӣ дар вилоят ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ бо маблағи 16 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст. Мактаби мазкур аз се ошёна,18 синфхонаи таълимӣ, ҳуҷраҳои маъмурӣ, китобхона, толори барҳавои варзишӣ, маҷлисгоҳ ва ошхона иборат мебошад. Ҳамзамон, мактаб дорои синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла барои омӯзиши технологияи компютерӣ ва илмҳои дақиқ буда, барои 640 хонанда пешбинӣ шудааст. Инчунин боз як мактаби хусусии типи нав: гимназияи хусусӣ барои 640 нафар хонандагони болаёқат, дар ноҳияи Вахш бо тамоми шароитҳои таълимию тарбиявӣ ва маишӣ сохта ба истифода дода шудааст. Мехостам мавқеи соҳибкорони ватаниро дар рушди маориф ва таълиму тарбия қайд намоям, ки мисоли равшани он аз ҷониби онҳо сохта ба истифода додани гимназия дар ноҳияи Фархор барои 420 ҷойи нишаст мебошад [44:26].

Аз соли 2000 ин ҷониб барои рушди маорифи кишвар маблағҳои институтҳои молиявии байналмилалӣ 34,3 млн. доллари ИМА, Хазинаи католикӣ 31,9 млн. доллар, Бонки исломии рушд 22,6 млн. доллар, Бонки Осёии рушд 21,5 млн. доллар, Хазинаи Саудии Рушд -15 млн.доллар, Бонки Олмонии Рушд 21,4 млн. доллар, ОПЕК 2 млн. доллар ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 мил. доллари ИМА масраф гардидааст.

Аз сабаби аз байн рафтани зарурияти омӯзиши баъзе касбҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 50% ихтисосҳои нодаркор ихтисор гардида, таълими 20 ихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда шуд. Солҳои аввали Истиқлолият дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба таври таҷрибавӣ нақшаи таълимии модулӣ барои ихтисосҳои сохтмончӣ, ронанда, кафшергарони газию барқӣ ва занбурпарварӣ ҷорӣ карда шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани мақоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ масъалаи таъсис додани муассисаҳои нави таълимӣ дар шакли литсею коллеҷ ба миён омад. Норасоии омӯзгоронро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарк намуда, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Мастчоҳ, Лахш, Роғун коллеҷҳои омӯзгорӣ ташкил дода шуданд. Дар натиҷа теъдои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ ба 16 адад расонида шуд [131, с.69].

Дар даврони Истиқлолият на танҳо мазмуни таҳсилот, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ мазмуни нав пайдо намуданд ва ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонида шуданд. Барои ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқ намудани таҳсилот мафҳуми нави литсей ва коллеҷ пайдо гардида, вориди сохтори муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ гардонида шуданд, ки ин омили таъминоти методӣ ва кадрӣ шуд.

Баъди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди муассисаҳои касбӣ диққати махсус зоҳир карда шуд. Аввалин иқдоми давлат ва ҳукумат аз он иборат буд, ки бо мақсади баланд бардоштани мақоми

муассисаҳои миёна ва олии касбӣ қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгориро ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дод [131, С. 33].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ислоҳоти соҳа ва талабот бо мутахассисон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва донишкадаву донишгоҳҳои дигар ихтисосҳои нав кушода, дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар шуъбаҳои омодасозии кадрҳои илмӣ таъсис дода шуд.

Дар ин давра ба масъалаи такмили салоҳиятҳои касбии кормандони соҳаи маориф диққати ҷиддӣ дода шуда, барои ҷалби онҳо ба курсҳо шароит фароҳам овард. Барои кормандони соҳаи маориф заминаи хуби бозомӯзӣ ва такмили ихтисос пайдо гардид. Ҳар сол дар донишкадаи ҷумҳуриявӣ 150-170 курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои таълимӣ, мудирону мураббияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро баргузор мегарданд.

Хароҷотҳои умумии барои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ҷудошуда, масалан танҳо дар вилояти Хатлон дар соли 2008-2015 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ - 320333,4 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бошад - 76615,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. [7, с.23].

Инчунин дар натиҷаи амалӣ гардидани Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ пойгоҳи моддӣ – техникии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Хатлон мустаҳкам шуда, барои дастрасии таҳсилот ва рақобатпазирӣ шароит муҳайё гардид. Барои гузаштан ба таҳсилоти ҳатмии умумӣ замина фароҳам оварда шуда, баҳри беҳтар гардидани шароити таҳсил ва болоравии сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат намуд [7, с.23].

Аз соли 1993 сар карда масъалаи маблағгузорӣ ба рушди соҳаи маориф афзоиш ёфт. Президенти кишвар аз ибтидо то ба имрӯз ба соҳаи маориф ҳамчун ба муҳимтарин соҳаи иҷтимоии мамлакат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, ҳамасола ҷиҳати зиёд кардани маблағгузории соҳаи

маориф супориш медиҳанд ва сол ба сол афзоиш ёфтани маблағгузории соҳаи маориф аз ин шаҳодат медиҳад. Масалан, соли 2020 маблағгузории соҳаи маориф ба 5 миллиарду 689 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2015 12 фоиз ва дар муқоиса бо даҳ соли пеш 15 баробар зиёд буда, он 19,2 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 5,7 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад.

Масъалаи ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар тамоми соҳаҳо, хусусан, дар соҳаи маориф ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ мегардид. Дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илм доир ба масъалаи тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешид.

Дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ соли 1992 бештар аз 475 нафар ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба мамолики хориҷӣ фиристода шуданд, ки ин анъанаи нек сол аз сол афзоиш ёфта, ҳамасола ба беш аз панҷ ҳазор расид ва торафт харитаи он васеъ гардида, ҳамасола ба беш аз панҷ ҳазор нафар мерасад.

Дар ин росто, бо мақсади интихоб ва тайёр намудани мутахассисони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар таҳсили шаҳрвандони ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ Маркази барномаҳои байнамилалӣ ва Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис дода шуд, ки дар натиҷа таҳсили шаҳрвандони мамлакат дар хориҷа густариш ёфт. Аз рӯзи таъсисёби то ба имрӯз Марказ тавонист бо зиёда аз 24 давлатҳои хориҷӣ шартномаи ҳамкорӣ бандад ва аз ҳисоби Стипендияи байналмилаии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дурахшандагон” шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои таҳсил фиристад.

Ин аст, ки ҳамасола маблағгузорӣ ҷиҳати тайёр кардани кадрҳо дар хориҷи кишвар аз ҳисоби Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» афзуда, соли 2010 ин маблағ

4 529 403 сомонӣ, соли 2020 ин маблағгузорӣ 9 200 000 сомониро ташкил додааст, ки нисбатан 2 баробар зиёд шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки қабули довталабон дар соли таҳсили 2015-2016 ба муассисаҳои таълимӣ ва илмии хориҷи кишвар 4 512 нафар ва ҳоло дар хориҷи кишвар зиёда аз 40000 нафар донишҷӯён, магистрон ва аспирантҳои мо ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки қариб аз 10 баробар зиёдтар аст.

Раванди сохтмон ва таҷдиду барқароркунии муассисаҳои таълимӣ дар даврони истиқлолият тавассути ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ дучанд афзуд. Аз ин ҳисоб низ солҳои 1998-2021 аз ҷониби Маркази идораи лоиҳаи кредит дар соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ беш аз 1000 мактаб сохта ва аз таъмиру таҷдид бароварда шуданд. Ин бори дигар аз таваҷҷӯҳи маорифпарваронаи Сарвари давлат ба соҳаи маориф шаҳодат медиҳад.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф фаъолияташро аз нав ташкил намуда, қадамҳои нахустинро дар ташкили маорифи навин гузошт, ки саршори ислоҳот ва навсозиҳо буд. Бахусус, солҳои 2001-2011 дар ҳаёти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи таҳаввулот ва дигаргунсозиҳои куллӣ маҳсуб меёбад. Бахусус дар самти рушди пояҳои ҳуқуқию меъёрӣ ҳуҷҷатҳои муҳими зиёде ба тавсиб расиданд, ки ба рушди бемайлони соҳаи маориф мусоидат намуданд. Бо мақсади ворид гардидан ба низоми байналмилалии таҳсилот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” чандин маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Қабули Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва даҳҳо номгӯй барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба такомул ва пешрафти соҳаи маорифи кишвар такони ҷиддӣ бахшид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди таҳсилоти томактабӣ моҳи октябри соли 2005 Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010-ро қабул намуд [21]. Барномаи мазкур кормандони соҳаи маориф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро водор намуд, ки пояҳои моддӣ-

техникии ин соҳаро пурқувват намоянд. Маҳз баъди ба тавсиб расидани барномаи мазкур дар ноҳияҳои Шӯробод, Мӯъминобод, Ховалинг, Кӯҳистони Мастчоҳ муассисаҳои томактабӣ бунёд ёфтанд.

Дар аксари шаҳру ноҳияҳо ба таъмиру тармими биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ оғоз намуданд. Ин раванд дар ноҳияҳои Шаҳритус, Бохтар, Ҷайҳун, Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, вилояти Хатлон, ноҳияҳои Ашт, Конибодом, Панҷакент, Ғончӣ, Истаравшан, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Хисор, Шаҳринав бунёд ва азнавсозии боғчаҳои бачагон оғоз гардид.

Вазорати маориф омода намудани кӯдаконро ба мактаб ба инобат гирифта, соли 2009 Барномаи таълими кӯтоҳмуддат барои омодагии кӯдакони синни 5-7 сола ба мактабро таҳия намуд. ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он ба омодагии мураббияҳо ва мудирони кӯдакистонҳо баҳри татбиқи ин барнома тадбиру чораҳои зарурӣ андешиданд [37, с.35].

Нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар пешрафти таълимро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007-ро тасдиқ намуд[13, с.35]. Ҷиҳати иҷрои талаботи Барномаи мазкур дар муассисаҳои таълимӣ соатҳои таълими фанни асосҳои техникаи компюторӣ зиёд гардида, омӯзиши он дар синфҳои 7-11 ҷорӣ гардид. Барои омӯзиш ва омода намудани омӯзгорон ба иҷрои ин барнома ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон курсҳои омоданамоии омӯзгоронро ба роҳ монданд. Дар асоси ин амалисозии чорабиниҳои ин Барномаи давлатӣ дар 1823 муассисаи таълимӣ синфхонаҳои компютерӣ ташкил дода шуданд ва ин синфхонаҳои компютерӣ бо 11516 компютер муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимии ин масъаларо ба инобат гирифта, марҳилаи дуюми Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-

2015-ро тасдиқ намуд, ки он 106% иҷро гардида, агар пештар ба як компютер 22 нафар хонанда рост меомад, акнун ба 15 нафар расид.

Дар даврони Истиқлолият пайваст намудани тамоми зинаҳои таҳсилот ба шабакаи байналмилалии Интернет яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Агар дар солҳои 2011-2015 ҳамагӣ 854 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шабака пайваст шуда бошад, ҳоло тамоми муассисаҳои таълимӣ бо шабака пайваст гардидаанд ва метавонанд маводҳои заруриро дастрас намоянд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ барои маорифи Тоҷикистон яке аз вазифаҳои марказӣ, дар баробари омӯзиши забони давлатӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ҳисоб мерафт. Пешвои миллат зимни аксар суханрониҳояшон батакрор иброз медоштанд, ки пешрафти ҷомеаи башарӣ ва тағйироти куллие, ки имрӯз дар ҷаҳон рӯй медиҳад, моро водор месозад, ки барои дастовардҳои бузурги илмию техникии ҷаҳонро аз худ намудан забонҳои хориҷиро аз худ намоем. Ҷиҳати мукаммал омӯхтани забонҳои русӣ ва англисӣ ва фароҳам овардани шароити хуби таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, 2015-2020 ва 2021-2030 таҳия ва тасдиқ гардида, ҷиҳати татбиқи амалии ин барномаҳо як қатор чораҳои судманд андешида шуданд. Холо дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфи 2 забони русӣ ва аз синфи 3 омӯзиши забони англисӣ оғоз гардида, то синфи 11 идома меёбад.

Рушду тараққии тамоми соҳаҳои давлатдорӣ пеш аз ҳама аз мактаб, ки парваришгоҳи илму дониш, сайқалгоҳи ақлу хирад ва хазинаи маънавии ҳар як қавму миллат ба шумор меравад, сарчашма мегирад. Дар замони Шӯравӣ ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард. Ифтитоҳи мактабҳои навъи муосир ва ҷараён гирифтани усулҳои фаъоли таълими фанҳои гуногун дар даврони Истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи маориф ҷаҳиши бузургеро ба вуҷуд овард. Имрӯз дар

ҷумҳурӣ 165 муассисаи типпи нав, аз ҷумла 9 мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат бо фарогирии қариб 8 ҳазор хонанда, 85 гимназия барои зиёда аз 53 ҳазор толибилм ва 71 литсей барои 36 ҳазор хонанда бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки дар онҳо беҳтарин шароитҳои таълимандӯзӣ барои хонандагон муҳайё карда шудааст.

Солҳои хониши 2007-2008 71 нафар хонандагони болаёкат дар олимпиада ва мусобиқаҳои байналхалқӣ, осиёгӣ, умумироссиягӣ ширкат варзиданд, ки ин теъдод дар соли 2009 ба 77 нафар расид, ки 47 ҷойи аввалро ишғол намуданд. Пешравиро дар ин самт ба инобат гирифта, дар соли 2010 дар даври аввали олимпиадаи байналхалқии фосилавӣ бештар аз 5995 хонандаи синфҳои 5-9 ширкат варзиданд, ки гувоҳи рушди низоми маорифи Тоҷикистон мебошад. Ин раванд сол аз сол вусъат ёфта, теъдоди иштирокчиёни олимпиадаҳои байналмилалӣ аз Тоҷикистон афзоиш ѐфта, шумораи ғолибон низ то рафт зиѐд мешавад.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани низоми таҳсил дар муассисаҳои типи нав - гимназия ва литсейҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зиёдеро таҳия ва тасдиқ намуд. “Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат”, “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ”, “Низомномаи литсей дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи гимназия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дастури тартиби қабули хонандагон ба литсей (мактабҳо, гимазияҳо)-и Президентӣ барои хонандагони болаёқат” ва “Тартиби таъини директорон ва гузаронидани озмуни қабули муовинони директор, мураббиён ва кормандони ёрирасон ба литсейҳо (мактабҳо, гимназияҳо)-и Президентӣ барои хонандагони болаёқат” таҳия ва қабул гардиданд, ки рушди маорифро дар даврони Истиқлолият муаррифӣ менамоянд.

Барои дар амал татбиқ намудани ислоҳоти соҳаи маориф ва ташаккули тафаккури илмиву техникии хонандагон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии чумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ,

озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2011-2015” [15, с.52] тасдиқ гардид, ки дар ин замина дар аксари муассисаҳои таълимии мамлакат кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ташкил карда шуданд.

Соҳаи таҳсилоти касбӣ давра ба давра беҳтар гардида, бо мақсади иҷрои талаботи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 аз соли 2005 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва аз соли хониши 2009 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ гузаштан ба низоми кредитии таҳсилот оғоз гардид [31, с.67], яке аз нишондиҳандаҳои ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардидани таҳсилоти касбии малакат маҳсуб ѐфта, дар солҳои соҳияистиқлолӣ ба 49 адад расидани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз он шаҳодат медиҳанд.

Омӯзишу таҳлилҳо аз он далолат мекунанд, ки дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукуамти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкилу роҳандозии мактабҳои хусусӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала дар Консепсия ташкили мактабҳои хусусӣ ифодаи хешро ёфтааст. Барои татбиқи Консепсияи мазкур дар кишвар мактабҳои хаттотӣ, наққошӣ, кандакорӣ, гилкорӣ, мусиқӣ, шашмақомхонӣ, фалаксаройӣ, роғсаройӣ, гуруғлихонӣ, заргарӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, зардӯзӣ ва ғайра таъсис дода шудааст, ки эҳѐ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ саҳми босазо мегузоранд.

Дар ин мактабҳои ҳунаромӯзӣ наврасону ҷавонон дар давраи фориғ аз таҳсил бо нозукиҳои касбу ҳунарҳои мардумӣ шинос шуда, онҳоро азхуд мекунанд.

Бояд таъкид карда, ки муассисаҳои таълимӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун рукни мустақил арзи вуҷуд намуда, бо симои ҳақиқии худ ва бар пояи фарҳанги миллӣ, забон, таърих ва анъанаву арзишҳои милливу умумибашарӣ фаъолият карда, дар пешрафти соҳаи маориф саҳмгузорӣ карда, дар афрӯхтани чароғи маърифат, ташаккули

ахлоқи маънавӣ, таълиму тарбияи шахси босалоҳият ва рушди соҳаи маориф ба методологияи муосир такя намуда, сиёсати далатӣ ва стратегияи миллии рушди маорифро батадриҷ пиѐда месозанд.

Тавре аз таҳлилҳо бар меояд, тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маориф маҳз бо иқдому ҳидоят ва дастгириҳои Пешво миллат дигаргуниҳои назарраси миқдорию сифатӣ ба амал омада, таҳсилоти Тоҷикистон ба стандартҳои ҷаҳонӣ то рафт наздик мешавад.

Бояд гуфт, ки дар сиёсати иҷтимоии кишвар соҳаи илму маориф дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ боқӣ монда, Ҳукумати Тоҷикистон минбаъд низ тамоми имкониятҳоро барои рушди он истифода хоҳад кард.

Дар ин ҷода танҳо ба мо - кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари дастгириҳои Пешвои миллат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардорем, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонем, наврасону ҷавононро ба азбаркунии донишу салоҳиятҳои калидии асри XXI ташвиқ намуда, салоҳиятҳои эҷодӣ ва тафаккури техникии онҳоро мунтазам ташаккул диҳем.

## 1.2. Ваъи иҷрои бароиомаҳои давлатии рушди соҳаи маориф: дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ

Қабул ва амалисозии барномаҳои давлатӣ дар воқеъ мушкилоти дар татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф мавҷударо батадриҷ бартараф сохта, ба рушд ва ҳалли бисёр аз масоилу муаммои соҳаи маориф ҳаматарафа мусоидат карданд.

Дар раванди таҳсилоти босифат вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ аз татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ иборат мебошад. Дар ин ҷода заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаро таҳким бахшида, санадҳои танзимкунандаи таълимро

таҳия намуда, ҳамзамон, амалишавии он санадҳоро зери назорати доимӣ қарор додан зарур аст. Зеро, боиси таассуф аст, ки қисме аз чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф бо сабабҳои хунукназарии роҳбарони муассисаҳо, назорати сусти кормандони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия ва вилоятҳо татбиқи хешро намеёбанд ва барои чунин амал касе низ ҷавоб намегӯяд.

Масъалаи дигаре, ки соҳаи маорифро ба ташвиш овардааст, ин масъалаи кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳо, майдончаҳои географӣ ва ғайра мебошад. Бо мақсади такон бахшидан ба ин самт Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 [15] қабул гардид.

Мо дар доираи нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъ ва раванди иҷрои чорабиниҳои банақшагирифтаи ин Барномаро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додем.

Қабл аз ҳама , бояд таъкид намуд, ки муқаррароти Барномаи мазкур муассисаҳои тамоми зинаи таҳсилотро водор менамояд, ки оид ба раванди татбиқи ин Барномаҳои давлатӣ нақша-чорабинии хешро мурратаб сохта, тадбирҳои амалишавии онро андешанд, раванди татбиқшавии Барномаро зери назорати сахт қарор дода, аз масъулон сахт талаб намоянд.

Омӯзишу таҳқиқи нишон дод, ки ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он баҳри татбиқи Барномаи мазкур дар марказ ва минтақаҳо корҳои зиёди фаҳмонидадиҳиро анҷом доданд. Бо мудирони кабинетҳо ва омӯзгорони фанни физика, химия ва лабарантҳои кабинетҳои номбурда семинару машваратҳои методӣ баргузор намуданд. Низомнома ва ҳуҷҷатҳои меъёриро дар бораи техникаи бехатарӣ дар раванди баргузор намудани озмоишҳо омода намуданд. Қоидаҳои бехатариро дар кабинетҳо, озмоишгоҳҳо омода намуданд, аммо мутаассифона ин масъала дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва зинаҳои касбӣ ҳалли хешро то ҳол пайдо нанамудааст.

Бо мақсади муайянсозии вазъ ва раванди дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон корҳои омӯзишиву озмоишӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа ошкор карда шуд, ки мутаносубан вазъи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳои муҷаҳҳаз таълимӣ дар шаҳру ноҳия ноҳияҳои вилоят чунин аст:

**Дар шаҳри Бохтар** дар тӯли 3 соли раванди амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар таҷҳизоти озмоишӣ танҳо барои 11 кабинети фаннӣ харидорӣ гардида, ба муассисаҳои таълимии шаҳр дастрас шудааст.

**Ҷадвали 2. Иҷрои нақшаи Барнома дар шаҳри Бохтар**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 кабинети фаннӣ | 1 адад 33% | 11 кабинети фаннӣ | 0 % | 12 кабинети фаннӣ | 13 адад 108% | 26 кабинети фаннӣ | 14 адад 54% |

**Дар шаҳри Левакант** дар давраи 3 соли амалишавии Барнома аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант таҷҳизоти озмоишӣ барои кабинетҳои фанни химия, физика, биология, математика харидорӣ нагардида, соли 2020 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 кабинети фаннӣ – кабинетҳои физика, химия ва биология барои шаҳри Левакант ҷудо гардида дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 дастрас карда шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Ҷадвали 3. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Левакант**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 11 кабинети фаннӣ | 0% | 13 кабинети фаннӣ | 3 адад 23% | 29 кабинети фаннӣ | 3 адад 10,3% |

**Дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** маълум гардид, ки давоми 3 соли давраи амалишавии Барнома аз ҷониби макомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ таҷҳизоти озмоишӣ барои кабинетҳои физика, биология ва география харидорӣ гардида, 3 кабинети фаннӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии ноҳия дастрас шудааст.

**Ҷадвали 4. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ**

| Соли 2018 | Ичро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 кабинети фаннӣ | 6 адад 100% | 11 кабинети фаннӣ | 0% | 15 кабинети фаннӣ | 3 адад 20% | 32 кабинети фаннӣ | 9 адад 28,1% |

**Ҷадвали 5. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Панҷ**

| Нақшаи соли 2018 | Иҷро | Нақшаи соли 2019 | Иҷро | Нақшаи соли 2020 | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 0% | 10-адад | 0% | 12-адад | 3-адад иҷро шуд |

**Ҷадвали 6. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Кӯшониён**

| Нақшаи соли 2018 | Иҷро | Нақшаи соли 2019 | Иҷро | Нақшаи соли 2020 | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 0% | 12-адад | 0% | 14-адад | 4-адад (28,6%) |

**Ҷадвали 7. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Кӯшониён**

| Нақшаи соли 2018 | Иҷро | Нақшаи соли 2019 | Иҷро | Нақшаи соли 2020 | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 6 | 0% | 14 адад | 1 адад | 14 адад | 4 адад |

**Ҷадвали 8. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 13 кабинети фаннӣ | 0% | 13 кабинети фаннӣ | 3 адад 23% | 31 кабинети фаннӣ | 3 адад 9,6% |

**Ҷадвали 9. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Ҷайҳун**

| Нақшаи соли 2018 | Иҷро | Нақшаи соли 2019 | Иҷро | Нақшаи соли 2020 | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 адад | Иҷро нашуд | 11 адад | Иҷро нашуд | 11-адад | Иҷро нашуд |

**Ҷадвали 10. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Дӯстӣ**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 10 кабинети фаннӣ | 0% | 14 кабинети фаннӣ | 3 адад 21% | 29 кабинети фаннӣ | 3 адад 10,3% |

**Ҷадвали 11. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Қубодиён**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 кабинети фаннӣ | 4 адад 57% | 12 кабинети фаннӣ | 0% | 13 кабинети фаннӣ | 3 адад 23% | 32 кабинети фаннӣ | 21,8% |

**Ҷадвали 12. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Носири Хусрав**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 10 кабинети фаннӣ | 0% | 13 кабинети фаннӣ | 0% | 28 кабинети фаннӣ | 0% |

**Ҷадвали 13. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Шаҳритуз**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 12 кабинети фаннӣ | 0% | 14 кабинети фаннӣ | 3 адад 21,4% | 31 кабинети фаннӣ | 3 адад 9,7% |

**Ҷадвали 14. Иҷрои нақшаи Барнома дар ноҳияи Вахш**

| Соли 2018 | Иҷро | Соли 2019 | Иҷро | Соли 2020 | Иҷро | Ҷамъ дар 3 сол | Иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 кабинети фаннӣ | 0% | 14 кабинети фаннӣ | 0% | 12 кабинети фаннӣ | 3 адад 25% | 31 кабинети фаннӣ | 3 адад 9, 7% |

**Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба иҷрои Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020:**

1. Омӯзиш ва таҳлили вазъи иҷрои Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020, ки маблағгузории он ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон, ба истиснои баъзе ҳолатҳои аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ, соҳибкорони маҳаллӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъмин шудани якчанд озмоишгоҳҳои таълимӣ, асосан иҷро нашудааст;

2. Аз он ки чорабиниҳои Барномаи давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо иҷро нашудааст ва вазъияти иҷрои Барнома дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ низ чунин аст, бояд муҳлати иҷрои Барнома тамдид карда шуда, сарчашмаҳои маблағгузории таҷдиди назар карда шавад карда шавад;

3. Барои омӯзгорони фанҳои физика, химия, биология, география, математика ва технологияи иттилоотӣ ва мудирони озмоишгоҳҳои таълимии муассисаҳои таълимие, ки кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳи таълимии муҷаҳҳаз доранд, ҷиҳати истифодаи дурусти озмоишгоҳҳо ва технологияи муосир дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳо курсҳои мақсаднок ва сайёр ташкил карда шавад;

4. Намунаи дафтари қайди таҷҳизоти озмоишӣ ва аёнияти таълимии харидоришуда таҳия ва барои муассисаҳои таълимии кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳдошта дастрас карда шавад;

5. Харидории таҷҳизоти озмоишӣ ва аёнияти таълимӣ барои кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимии физика, биология, география, математика, технологияи иттилоотӣ, суруд ва мусиқӣ тибқи Номгӯйи дар Барнома дарҷшуда ба роҳ монда шавад.

6. Дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо бо иштироки кормандони масъули дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо ва мудирони шуъбаҳои молия оид ба амалигардонии Барнома семинарҳои методӣ ва дастурдиҳӣ гузаронида шавад;

7. Барои муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ, марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ як Барномаи давлатии муҷаҳҳазгардонӣ таҳия ва қабул карда шуда, таваҷҷуҳи шарикони рушд ба ин масъала ҷалб карда шавад.

8. Дар маркази вилоят ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мағозаҳои фурӯши таҷҳизот ва асбобу воситаҳои таълимӣ барои кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилотии шаҳру ноҳияҳои ташкил карда шавад, то ки бо дарёфти маблағ дар мавридҳои зарурӣ муассисаҳои таълимӣ бе ягон мушкилот таҷҳизоти мавриди зарураташонро харидорӣ ва дарёфт карда тавонанд.

Тибқи талаботи Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 солҳои 2004-2005 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба литсей ва миёнаи касбӣ ба коллеҷ табдил дода шуда, сохтори онҳо ба муассисаҳои олии касбӣ наздик гардонида шуд.

Бинобар ин, дар ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он банақшагирии чорабиниҳо барои аз курси таълимӣ гузаронидани мудирони кафедра ва деканҳои факултаҳо давом ёфт. Мувофики дархости ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он мутахасисони беҳтарини кабинети методӣ ва ходимони

шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Академияи таҳсилот ба минтақаҳои Тоҷикистон сафарбар гардида, раванди татбиқи Барномаи давлатиро зери назорат қарор доданд ва ба муассисаҳои таълимӣ ёрии методӣ расониданд [52, с.102].

Мебояд таъкид сохт, ки яке аз омилҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот ба баргузор намудани олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иртибот дорад, ки тавасути ин амал дарёфт ва рушди истеъдодҳо низ таъмин карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи мазкур Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 [22] қабул гардид, ки дар партави қарори мазкур дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори нав - Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 68 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо 510 воҳиди корӣ таъсис дода шуд, ки ин тадбир натиҷаи хуб ба бор овард [22, с.45].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, таҳкими ҳаракати олимпӣ мунтазам тадбирҳои судманд андешида, тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2014 баргузории олимпиадаҳоро тавассути Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба роҳ мондааст, ки натиҷаи назаррас дода истодааст.

Дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявии дар соли 2018 баргузорнамуда 1307 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ иштирок намуданд, ки аз ин миқдор 297 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида, аз он 63 нафар бо медали тилло, 95 нафар бо медали нуқра, 139 нафар бо медали биринҷӣ сарфароз гардонида шуданд. Ба ифодаи дигар, аз рӯйи нишондодҳои умумӣ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо гирифтани 149 ҷойи ифтихорӣ, ки аз он 46 медали тилло, 44 медали нуқра, 59 медали биринҷӣ мебошад.

Дар ин озмун мавқеи аввалро вилояти Суғд, бо гирифтани 138 ҷойи ифтихорӣ ишғол намуд, ки аз он 29 медали тилло, 43 медали нуқра, 66 медали биринҷӣ мебошад. Мақоми дуюмро, вилояти Хатлон бо гирифтани 107 ҷойи ифтихорӣ, ки аз он 18 медали тилло, 41 медали нуқра, 48 медали биринҷӣ мебошад. Мақоми сеюмро бошад ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо гирифтани 41 ҷой, ки аз он 4 медали тилло, 10 медали нуқра, 27 медали биринҷӣ мебошад сазовор гардиданд. Зинаи чорумро бошад ВМКБ бо гирифтани 8 ҷойи ифтихорӣ, ки аз он 1 медали тилло, 3 медали нуқра, 4 медали биринҷӣ сазовор гардид.

Дар маҷмӯъ хонандагони кишвар дар соли 2018 дар 14 олимпиадаи байналмилалӣ, ки дар давлатҳои Қазоқистон, Ҳиндустон, Руминия, Россия, Малайзия, Булғория, Беларус, Ветнам, Италия, Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка баргузор гардидаанд, фаъолона иштирок намуда, сазовори 201 медал гардиданд, ки аз ҷумла, 47 медали тилло, 71 медали нуқра, 83 медали биринҷӣ мебошад. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2017- 103 медал: 33 медали тилло, 36 медали нуқра, 39 медали биринҷӣ зиёд мебошад.

Қабул ва амалисозии чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017) [72] ба масъалаи компютерикунонӣ ва иттилотикунонии муассисаҳои таълимии тамоми зинаи таҳсилот такони ҷиддӣ бахшида, барои муҳайёсозии шароитҳои иттилоотӣ-тенологии муассисаҳои таълимӣ заминаҳои мусоидро фароҳам сохт [72].

Гуфтан бамаврид аст, ки Призиденти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатдории хеш, бахусус, дар иртибот ба рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад, бомаром дар бораи баланд бардоштани сатҳу сифати забономӯзии толибилмон қариб дар аксари суханрониҳояш масъалагузорӣ намуда, таъкид мекунад, ки ҷавонони давраи муосир, на танҳо дар омӯзишу истифодаи забони

адабии тоҷик - забони тоҷикӣ маҳорату малакаи баландро доро бошанд, балки дар омӯхтану азбар намудани забонҳои байналмиллалӣ, пеш аз ҳама барои аз худ намудани забонҳои русиву англисӣ низ қобилияту истеъдод дошта бошанд.

Барои мақсади ноил шудан ба ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ се бор барои се давра Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумурии Тоҷикистонро қабул кард, ки дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур такони ҷиддӣ бахшид. Иҷрои Барномаи мазкур то соли 2030 идома ѐфта, умед аст, ки дар ин самт маорифи кишвар ба дастовардҳои шоѐн комѐб хоҳад шуд.

Вобаста ба ин, бояд ёдовар шуд, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба суст амалӣ гардидани ду масъала изҳори ташвиш намуда, ҳамчунин, вобаста ба ин таъкид карданд, ки агарчи дар тамоми зинаҳои таҳсилот Барномаи мазкур роҳандозӣ гарида бошад ҳам, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо дар ин масъала қонеъкунанда нестанд» [109]:

1.Нарасидани омӯзгорони баландтахассус;

2. Иҷро нагардидани Барномаи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ [17].

Барои он ки Тоҷикистон ба ҷомеаи пешрафтаи башарӣ ҳамқадам гардад, Пешвои миллат масъалаи мазкурро дар мадди назар дошта, ба Ҳукумати мамлакат, Вазоратҳои маориф ва илм, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дод, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 Барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд [109].

Боварӣ дорем, ки қабули чунин барнома ва мувофиқи дастурҳои Президент баҳри татбиқи он назорати ҳамешагии иҷрои онро ба роҳ мондан минбаъ яке аз омилҳои таҳким бахшидани сатҳу сифати таълими

фанҳои гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ дар тамоми муассисаҳои таълимии қаламрави ҷумҳурӣ хоҳад гашт.

Ҳамчунин, ҳолат ва ҷараѐни татбиқи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) ва муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои зикршуда, мавҷудияти миқдорӣ ва сифатии китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасони таълимию методӣ, сатҳи салоҳиятмандии омӯзгорони муассисаҳои таълимии шаҳри Панҷакентро мавриди омӯзиш ва таҳқиқу арзѐбӣ қарор додем.

Омӯзиши масъалаҳои қайдгардидаро аз рӯи нақша дар самтҳои зерин амалӣ намудем:

1. Омӯзиши фаъолияти донишкада ва коллеҷи омӯзгорӣ, инчунин шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент оид ба иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ.

Дар ин самт ба масъалаҳои зерин диққат дода шуд:

1. Фаъолияти донишкада, коллеҷ ва шуъбаи маъориф (мутахассисон, кабинети методӣ) доир ба таълими забонҳои русӣ ва англисӣ.

2. Вазъи таъмини хонандагони муассисаҳоитаҳсилот бо маводи таълимӣ (китобҳои дарсӣ) ва илмӣ–методӣ барои омӯзгорон.

3. Салоҳияти омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ; нақша-чорабиниҳои донишкада, коллеҷ ва шуъбаи маорифи шаҳр оид ба такмили ихтисос ва баланд бордоштани савияи касбии омӯзгорони ин фанҳо.

4. Қарорҳои шӯрои донишкада, коллеҷ ва шуъба маориф оид ба такмили таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии зикршудаи дар соли таҳсили 2020 -2022 (алоҳида аз рӯи забони таълим ва зинаҳои таълим).

5. Дархосту пешниҳодот доир ба ҳалли проблемаҳои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилот.

**Ҷараёни иҷрои нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муассисаҳои таълимии шаҳри Панҷакент:**

Шиносоӣ бо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун (донишкада, коллеҷ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) собит кард, ки кор дар самти муқарраршуда бо низоми муайян ва нақшаю чорабиниҳои тасдиқшуда ҷараён дорад. Аз ҷумла:

**Дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент** вазъи иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 пайваста дар мадди назари роҳбарияти таълимгоҳ қарор дорад. Доир ба Барномаи давлатии мазкур дар донишкада гӯшаи махсус, ки дар он бандҳои барномаи давлатӣ ба пурраги нишон дода шудаас,т вуҷуд дорад.

Доир ба банди 2-и Барномаи вазъи таълими омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Донишкада дорои 8 факултет мебошад. Мувофиқи нақшаи таълимии донишкада дар нимсолаи якум ва дуюми тамомӣ ихтисосҳои донишкада мувофиқи нақшаи таълимӣ забони русӣ аз рӯи ихтисос дар ҳаҷми 6 кредит (144 соат) омӯзонида мешавад. Тамоми дарсҳои омӯзгорон мувофиқи барномаҳои корӣ (силлабусҳо) гузаронида мешавад. Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур аз тарафи омӯзгорон чорабиниҳои фарҳангӣ гузаронида мешаванд ( ҳуҷҷатҳо оиди иҷрои чорабиниҳои фарҳангӣ дар ҷувздони алоҳидаи Шӯрои методӣ дар кафедраҳо мавҷуд мебошанд). Дарсҳо тариқи усули фаъоли таълим бо истифода аз тахтаҳои электронӣ ва аёниятҳо гузаронида мешаванд. Бояд қайд намуд, ки гуруҳҳои академӣ, ки зиёда аз 20 нафар донишҷӯро дарбар мегиранд, ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешаванд.

Дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент кафедраи забон ва адабиёти рус, ки ба факултаи забонҳои хориҷӣ тобеъ аст, фаъолият менамояд. Дар кафедраи забон ва адабиёти рус 7 нафар

омӯзгорони штатӣ ва 1 нафар ҳамкори дорои маълумоти олӣ фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар соли таҳсили 2022-2023 соатҳои таълимӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар гурӯҳҳои таълимии ғайриихтисос кам карда шудаанд, ки ин боиси паст шудани сатҳи омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ оварда мерасонад. Дар факултети забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ омӯзиши як қатор фанҳои таълимии тахассусӣ бо забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои супориши вазорат оид ба азхуд кардани 400 вожаҳои серистеъмол бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар Донишкада бо фармоиши ректор комиссияи босалоҳият таъсис дода шуда, озмуни “Беҳтарин донандаи луғат” гузаронида шудааст. Ин озмун дар се давр баргузор шуда, ғолибон бо сипосномаи ректори донишкада ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардидаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати омӯзиши забони русӣ ва англисӣ мувофиқи нақша – чорабинии кафедраи забон ва адабиёти рус мунтазам дар донишкада вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳои кафедраҳо чорабиниҳои фарҳангиву фароғатии зиёд гузаронида шуданд, ки ин чорабиниҳо боиси равнақ додани нутқи шифоҳии донишҷӯён гардиданд.

Аз моҳи сентябри соли 2015 дар назди Донишкада “Маркази омӯзиши илм ва фарҳанги забони русӣ” амал мекунад, ки мувофиқи дастурамали марказ, ки аз тарафи ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ва ректори Дошишгоҳи давлатии омӯзгории Омск ба имзо расидааст, фаъолият мебарад. Дар назди марказ курсҳои такмили ихтисос аз тарафи Донишкадаҳои Федератсияи Россия барои омӯзгорони донишкада, инчунин омӯзгорони мактабҳои миёнаи шаҳру деҳоти Панҷакент ҳамасола тариқи фосилавӣ ва бевосита бо иштироки омӯзгорон бо пешниҳод намудани шаҳодатномаҳо гузаронида мешаванд. Дар маркази омӯзиши илм ва фарҳанги забони русӣ

маҳфилҳои омӯзиши забони русӣ барои донишҷӯён ва хонандагони мактабҳои миёна низ аз тарафи омӯзгорони кафедраи забон ва адабиёти рус гузаронида шудаанд. Маҳфилҳои омӯзишӣ мувофиқи барномаҳои корӣ, ки дар ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти рус баррасӣ гардидаанд, гузаронида мешаванд. Инчунин, чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ бахшида ба ҷашнвораҳои миллии Россия гузаронида шудаанд, ки аз аксҳо, наворҳои видеои ва овезаҳои дар назди кафедраи забон ва адабиёти рус мавҷуд буда, хабардор шудан мумкин аст. Дар Марказ китобхонаи хурд, дорои маводҳои таълимӣ, методӣ, бадеӣ, илмӣ, луғатҳои гуногун иборат буда мунтазам аз тарафи намояндагии Россотрудничество дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ройгон пурра мегарданд, ки аз ин маводҳо бевосита омӯзгорони донишкада ва мактабҳои шаҳру деҳоти Панҷакент, инчунин донишҷӯёну хонандагони дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Панҷакент истифода бурда метавонанд.

Инчунин, дар назди кафедраи забон ва адабиёти рус китобхонаи хурд дорои зиёда аз 500 адад китобҳои бадеӣ бо забони русӣ мавҷуд аст, ки донишҷӯён ва омӯзгорон аз он бевосита истифода мебаранд. Дар кафедра шӯъбаи рузона, фосилавӣ ва магистратура фаъолият мебарад, ки мувофиқи нақшаҳои таълимӣ дарсҳо гузаронида мешаванд. Гурӯҳҳои академии зиёда аз 18 донишҷӯ иборат буда барои гузаштани дарсҳои амалии кафедраи забон ва адабиёти рус ва кафедраи забони англисӣ ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешавад.

Тибқи нақшаи дурнамо дар панҷ соли охир ҳамаи омӯзгорони кафедраҳои забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ аз курси такмили ихтисос гузаштаанд.

Бахри муайян намудани сатҳи дониши донишҷӯён аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ аз ҷониби роҳбарияти таълимгоҳ гурӯҳҳои махсуси корӣ созмон дода шуда, сатҳи дониши донишҷӯён тариқи корҳои санҷишии хаттӣ ва тестӣ муайян карда шуда, натиҷаи он дар гӯшаи «Сифати таҳсилот» бароварда шуда, дар ҷаласаҳои Шӯрои

олимон ва ҷаласаҳои назди ректор мавриди баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор дода, қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст.

Дар донишкада мунтазам конференсияҳои илмӣ гузаронида мешаванд, ки маводҳои конференцияҳо дар маҷмӯи мақолаҳои донишкада чоп шудаанд. Бояд қайд намуд, ки магистрантони донишкада натиҷаи таткиқотҳои илмии худро дар мақолаҳои худ дарҷ намуда, дар маҷалаҳои илмии донишкада ва берун аз он чоп карданд.

Дар кафедраҳои забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ мунтазам тавассути гузаронидани корҳои хаттӣ, пурсишҳои шифоҳӣ ва корҳои тестӣ дар мавзӯҳои гуногун санҷиш гузаронида, натиҷаҳо дар ҷаласаҳои кафедраҳо натиҷагирӣ карда шудаанд.

Раёсати Донишкада тасмим гирифтааст, ки дар соли хониши 2023-2024 барои ихтисосҳои забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ боз 2 синфхонаҳои лингофониро бо шароитҳои муосир барои донишҷӯён пешкаш намояд.

Таҳқиқоти озмоишӣ ошкор сохт, ки дар **Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент** низ иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар зери назорати ҷиддии маъмурияти муассиса қарор дорад.

Барои дар амал татбиқ намудани талаботи Барнома дар Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент мувофиқи нақша як қатор чорабиниҳо гузаронида шуда, дар оянда низ дар нақша ҳаст. Дарсҳои кушоди намунавӣ, мизҳои мудаввар доир ба асарҳои хондашуда, дарс – презентатсия, чорабиниҳои илмӣ – адабӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо гузаронида мешаванд. Дар чорабиниҳои фарҳангӣ омӯзгорон донишҷӯёнро бо маданияту фарҳанги халқҳои забони омӯхташаванда шинос мекунанд. Донистани маданияту фарҳанги халқу миллатҳои дигар дар шароити бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ ба донишҷӯён манфиати муфид доранд, онҳо метавонанд дар чунин шароит худро аз баъзе амалҳои номатлуб нигоҳ доранд ва идора намоянд.

Дар соли хониши 2020-2022 масъулини барномаи забони русӣ ҷиҳати амалисозии талаботи бандҳои дахлдори Барнома нақша – чорабиниҳо тартиб дода ва аз рӯи он амал карда истодаанд.

Моҳи феврали соли ҷорӣ омӯзгор Ӯтамуродова М. озмуни хониши ифоданок аз эҷодиёти адибони русро гузаронидааст. Натиҷаҳои озмун нишон медиҳад, ки донишҷӯён, на танҳо аз гурӯҳҳои ихтисосӣ, балки аз гурӯҳҳои ғайриихтисос ҳам ба омӯзиши адабиёти рус ва забони русӣ таваҷҷуҳи хоса доранд.

Дар рӯзҳое, ки мо ҷараёни амалисозии Барномаро дар Коллеҷ мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор дода будем, омӯзгорон Бобоева Н., Бобоева П., бо барномаи презентатсионӣ дар мавзуи “Роль русского языка в современном мире” ҳафтаи забони русиро баргузор намуданд. Худи ҳамин рӯз дар синфхонаи забони русӣ намоиши расмҳои беҳтарин ва ҷамъбасти иншо дар мавзӯи “Мама –самый родной человек” баргузор гардид. Рӯзи дуввум омӯзгор Каримзода Ҷ. дарси кушод дар мавзуи “Мама - смысл жизни” бо донишҷӯёни гурӯҳи 217 гузаронид. Ҳамон рӯз байни донишҷӯёни гурӯҳҳои 101, 102, 104, 105 озмуни эссеи беҳтарин ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар мавзуи “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ” гузаронида шуд. Рӯзи сеюми ҳафта омӯзгорон Ҳамроева М. ва Ӯтамуродова М. дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои мухталиф озмуни хониши ифоданокро таҳти унвони “О матери, о весне” баргузор намуданд ва дар байни беҳтаринҳо ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро муайян намуданд.

Дар рӯзи чорум омӯзгорон Бобоева П. ва Каримзода Ҷ. дар байни донишҷӯёни гурӯҳҳои 210, 211, 212,217 озмуни “Знатоки русского языка” –ро гузарониданд. Дар рӯзи панҷум ҳафта ҷамъбаст карда шуда, донишҷӯёни фаъол мукофотонида шуданд.

Дар доираи ҳафта озмуни “Эссеи беҳтарин” дар мавзуи “Забон донӣ – ҷаҳон донӣ” байни донишҷӯёни гурӯҳҳои 101, 102, 104 ва 105 гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯён фаъолона иштирок намуданд. Эссе ба 2 забон: тоҷикӣ ва русӣ навишта шудааст. Дар ин озмун Абдуллоева Сафина аз

гурӯҳи 105 ҷойи якум, Неъматзода Маҳина аз гурӯҳи 102 – ҷойи дуюм ва Каримова Малика аз гурӯҳи 101 ҷойи сеюмро ишғол намуданд.

Дар озмуни расми бехтарин ҷои аввалро Аҳмадзода Комёб ва Ҳомидова Нигора гирифтанд. Дар озмуни иншои беҳтарин: ҷои якумро Каримова Малика, ҷои дуюмро Неъматзода М. ҷои сеюмро Атоева Интизора гирифтанд. Донишҷӯѐни зерин: Амонова Ш. Раҳимова Т. Ҳусайнова М. Акрамова Ҳ. Бозорова М. Пӯлодова Ҳ. Бобоева Ф. Бобоева З. Ашӯрова Г. Бобозода Ф. Икромова Ш. барои иштироки фаъол дар чорабиниҳо бахшида ба ҳафтаи забони русӣ бо китобҳо ва ифтихорномаҳо мукофотонида шуданд.

Дар Коллеҷ ҳамчунин олимпиадаи дохилитаълимгоҳӣ аз фанҳои забони русӣ ва забони англисӣ гузаронида мешавад. Санаи 16.11.2021 дар Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент даври аввали олимпиадаи дохилитаълимгоҳӣ аз фанни забон ва адабиёти рус баргузор гардид, ки дар он 25 нафар донишҷӯён аз гурӯҳҳои мухталиф ширкат варзиданд. Дар ин давр аз донишҷӯён диктанти санҷишӣ дар мавзӯи "Легенда о хлебе" гирифта шуд. Аз диктанти санҷишӣ 10 нафар донишҷӯ муваффақ дониста шуда, барои иштирок дар даври дуввум пешниҳод гардиданд.

Санаи 17.11.2020 даври аввали олимпиада аз фанни забони англисӣ гузаронида шуд, ки дар он 25 нафар донишҷӯён аз ихтисосҳои гуногун ширкат варзиданд. Аз донишҷӯён диктанти санҷишӣ зери унвони "A Forgetful Tourist" гирифта шуд ва 11 нафар донишҷӯ баҳои мусбӣ гирифтанд.

Даври дуюми олимпиадаи факултети фанҳои гуманитарӣ аз санаи 19.12.2021 то санаи 27.12.2021 дар толори хурди Коллеҷ ва қисман дар қироатхонаи он гузаронида шуд.

Даври дуюми олимпиада аз фанни забон ва адабиёти рус санаи 20.12.2021 гузаронида шуд. Дар ин давр ба донишҷӯён саволномаҳои тестӣ, хониши ифоданоки порчаҳои назмӣ ва насрӣ, хондан, нақл ва тарҷума кардани матн пешниҳод карда шуд.

Пас аз гузаштани ду давр Хусайнова М. донишҷӯи курси дуюми гурӯҳи 314 бо 192 хол соҳиби ҷои якум, Амонова Ш. донишҷӯи гурӯҳи 414 бо гирифтани 177 хол сазовори ҷои дуюм ва Бобоева З. донишҷӯи гурӯҳи 414 бо 150 хол соҳиби ҷои сеюм гаштанд. Вобаста ба натиҷаҳои ба дастомада аз ҷониби маъмурияти коллеҷ бо мақсади ҳавасмандгардонӣ донишҷӯёни ғолиб бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки бо донишҷӯёни номбурда омӯзгорони масъул пайваста хамкорӣ мекунанд ва онхоро ба давраҳои минбаъда омода месозанд.

Дар коллеҷ дарсгоҳи забони русӣ мавҷуд аст, ки сол то сол ободу муҷаҳҳаз мегардад. Вожанома, лавҳаҳо, гӯшаҳои деворӣ ва овезаҳо аз тарафи масъулини нақшаи тасдиқшудаи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2030 дар роҳравҳои Коллеҷ насб карда шудааст. Донишҷӯён аз вожаномаи забони русӣ, ки ҳар ҳафта матни он иваз карда мешавад, ба таври васеъ истифода мекунанд.

Дар Коллеҷ маҳфилҳои фаннии доимоамалкунанда фаъолият мекунанд, ки ба он аъзоёни нав ҳамасола қабул мешаванд. Маҳфили забони русӣ «Пушкинский дом» мебошад. Ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе рӯзи забони русӣ муайян карда шудааст, ки дар ин рӯз донишҷӯён бо забони русӣ гуфтугӯ менамоянд. Омӯзгорони фанни забони русӣ пайваста барои боз ҳам ҷолибу шавқовар гузаштани машғулиятҳои худ дарс – презентатсияҳо мегузаранд. Ҷонишини директор оид ба таълим ва тарбия, декани факултети фанҳои гуманитарӣ ва мудири кафедраи забонҳо аз вазъи таълими ин фанҳо дар гурӯҳҳои мухталиф доимо бохабар мешаванд.

Омӯзгорони фанни русӣ хамасола дастурҳои методӣ омода намуда, бо қарори шӯрои олимон онро нашр мекунанд ва барои истифода ба устодону донишҷӯѐн пешниҳод менамоянд, аз он ҷумла, метавонем дастурҳои методии «Учение – свет, а не учение тьма» (сборник пословиц и

поговорок), «Скороговорки и чисто говорки», «Краткий словарь литературоведческих терминов», “Маҷмуаи лексияҳо аз фанҳои забони русӣ”, «Маҷмуаи лексияҳо аз фанҳои методикаи таълими забон ва адабиёти рус, таърихи адабиёти хориҷа, таърихи адабиёти рус»-ро номбар кунем.

Омӯзишу таҳқиқи масъалаи мазкур ошкор сохт, ки **Шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент** низ ҷиҳати амалӣ намудани Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар доираи бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои таҳияшуда чораҳои тадбирсоз андешидааст, чунончи:

**Банди 3:** Ичрои талаботи банди мазкур мавриди назар ва иҷро буда, дар кулли муассисахои таҳсилоти миѐнаи умумии шаҳр масъалаи мазкур зери назорат ва таваҷҷуҳи ҷиддӣ карор дорад.

**Банди 4:** Такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ низ хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, ба курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ сафарбар кардани омӯзгорон дар маркази диққат қарор дорад ва бояд зикр намуд, ки омӯзгорон тибқи нақша давра ба ба давра аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаронида шудаанд. Вобаста ба ин, дар ҳамкорӣ бо филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд аз рӯйи нақша мунтазам бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбӣ омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ ба курсҳои такмили ихтисос сафарбар карда шудаанд. Бо ин мақсад тибқи нақша 5 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ  ва 3 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ ба курсҳои такмили ихтисоси вилоятӣ сафарбар карда шудаанд.

Ҳамзамон, аз тарафи ширкати “Глобал Партнёр” бо ҷалби 12 нафар омӯзгорони забонҳои хориҷии муассисаҳои таълимии Ҷамоати деҳоти Хурмӣ курсҳои 3 моҳа, аз санаи 15.02.2022 то 05.04.2022  ташкил карда шудааст.

**Банди 5:** Таҳияи дарсҳои намунавии телевизионӣ ва чорабиниҳои берунасинфӣ аз фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, ташкили дарсҳои намунавии телевизионӣ аз фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди назари ҳамешагӣ қарор дорад. Ҳамчунин, ба мақсади иҷрои талаботи банди мазкур ҳафтаҳои фаннӣ, конференсияву семинарҳо ва дигар чорабиниҳои маърифативу омӯзишӣ аз рӯйи масоили такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил ва гузаронида шудаанд, ки шабнишиниҳои адабӣ – бадеии дар ин самт гузаронидаи омӯзгорону хонандагони МТМУ рақамҳои 1, 3, 15, 6, 71, 25, 6, 32, литсейи шаҳр, гимназия дар мавзӯъҳои “Здравствуй, зимушка – зима”, “День защитника отечество”, “Мама – самое главное слово”, “Навруз – праздник весны” ва ғайра тавассути телевизиони маҳаллии “Симо – ТВ” намоиш дода шудаанд.

Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бахри забондонӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махусусан забони русӣ ва англисӣ эътибори хоса зохир менамоянд. Бо ин максад, дар МТТ № 1 оид ба мавзӯъҳои “Времена года”, “Транспорты”, «Фрукты», дар МТТ №3 дар мавзӯъҳои “Дидактическая игра”, “Весна пришла” ва аз фанни забони англисӣ дар МТТ№ 3 дар гурӯхи омодагӣ ба мактаб дар мавзӯи “Овоз ва ҳарфи “Д”, дар МТТ №№ 7, 9 дар мавзӯъҳои «Родина моя», «Моя любимая профессия», “Зимные забавы» дарсҳои кушоду намунавӣ гузаронида шуда, ба воситаи телевизиони маҳаллии “Симо – ТВ” манзур карда шуданд.

Инчунин, дар МТМУ №1 аз тарафи омӯзгорон Шамсиева Т. дар мавзӯъҳои «День защитника отечество», «Мамин праздник» аз тарафи омӯзгор Рофиева И. дар мавзӯъҳои «День матери», чорабиниҳои берунасинфӣ, аз тарафи омӯзгори литсейи шаҳр Арслонова З. дарсҳои кушод дар мавзӯъҳои ”Слова которые отвечают на вопросы что делать? Что сделать?, “ Книга наш лучший друг” , “Имя ангела - МАМА”, аз тарафи омӯзгор Каримзода Ҷ. оид ба мавзӯи “Правописание приставки и

предлога", аз тарафи омӯзгор Усарова Т. дар мавзӯи "Что по русский мы знаем, без ошибок принимаем" КВН, аз тарафи омӯзгор Гадоева М. дар синфи 2 "А" дар мавзӯи «Прощай Букварь», аз тарафи омӯзгор Каримова М. дар синфи 3 «В» дар мавзӯи «Дикие и домашние животные», аз тарафи омӯзгорон Ҳайдарова Д. ва Усарова Т. дар синфҳои 4, 10 ва 11, аз тарафи омӯзгор Шамсиева Д. дар синфҳои 6, 7, аз тарафи омӯзгор Розиқова З. – дар синфҳои 5, 6, дар МТМУ №3 аз тарафи омӯзгорон Мирбоева Ф. дар синфи 6 дар мавзӯи «Весна. Весна пришла», Намоззода З. дар мавзӯи «Навруз праздник весны», Шодхӯҷаева М, дар мавзӯи «Мама ты мой рай», Саидова С. дар синфи 8 "А" оид ба мавзӯи «Жизнь и творчество Мирзо Турсунзаде», Намоззода З. дар синфи 8 оид ба мавзӯи «Моя родина Таджикистан», Хайитова З, дар синфи 2 "А" дар мавзӯи «Здравствуй Родина моя!» дарсҳои кушод гузаронида шудаанд.

**Банди 6:** Дар 36 муассисахои таълимии шаҳру деҳоти Панчакент 462 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ, 445 нафар омӯзгорони забони англисӣ фаъолият мебаранд. Дар ин самт норасои кадрхои омузгорӣ ба назар намерасад.

**Банди 7:** Дар муассисахои таълимӣ дар асоси дархости китобдорони муассисахои таълимӣ китобхои дарсӣ дастрасанд.

**Банди 8:** Татбиқи технологияи инноватсионӣ ва методу усулҳои муосири таълими забонҳои русӣ ва англисӣ. Дар ин самт истифодаи технологияи инноватсионӣ ва методу усулҳои муосири таълим дар дарсҳои забонҳои русӣ ва англисӣ ҳангоми баргузор кардани дарсҳои кушоду намунавӣ ва семинар – машваратҳои дастурдиҳӣ тадриҷан ба омӯзгорон талқин карда шудааст. Дар ин давра аз тарафи омӯзгори фанни забони русии МТМУ №№ 1, 3, 15, 6, 71, 25, 6, 32, литсейи шаҳр, гимназия ва аз тарафи омӯзгори фанни забони англисии МТМУ №№ 13, 72, 1, 15 бо истифода аз технологияи инноватсионӣ ва методу усулҳои муосири таълим дарсҳои кушоду намунавӣ доир карда шудаанд.

**Банди 9:** Таъмини муассисаҳои таҳсилотит миёнаи умумӣ бо шумораи зарурии кадрҳо бо мақсади ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар зергурӯҳҳо. Дар ин росто муассисаҳои таълимӣ бо шумораи зарурии кадрҳо таъминанд ва дар кулли синфҳо таълими фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ дар зергурӯҳҳо ба роҳ монда шудаанд.

**Банди 12.** Ташкили марказҳои омӯзиши ва махфилхо аз фанхои забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Дар ин самт дар назди муассисаҳои таълимӣ марказҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил шуда, чорабиниҳои мушаххас гузаронида мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ҳар як муассисаи таълимӣ хонандагони болаёқат аз 15 то 20 нафар ба маҳфилҳо ва чорабиниҳои маърифативу омӯзишӣ ҷалб карда мешаванд. Гузашта аз ин, хонандагони таълимгоҳҳо зиёда аз 300 нафар дар риштаи забони англисӣ ва 150 нафар дар бахши забони русӣ ба марказҳои шаҳрии омӯзиши забонҳои русӣ ва англисии "Созанда", "Маҷмааи фарҳангӣ ва эҷодии ҷавонон ба номи Лоиқ Шералӣ", "Рушди Саразм", "Забондон" ҷалб карда шудаанд.

**Банди 13:** Таҳияи дастурҳо барои китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ – методӣ, маводи мултимедиявӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ мавриди назари ҳамешагӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, ҳамаи дастурҳо ва воситаҳои дидактикие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шуъбаи маорифи шаҳр ворид мешаванд, сариваќт дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудаанд. Гузашта аз ин, аз тарафи як чанд омузгорони пуртачрибаи фанхои забони руси ва англиси як чандто дастурхои методи ба чоп расида, дастраси омӯзгорон гардидааст. Ба масъулони шуъбаи маорифи шаҳр ва муассисаҳои таълимӣ дастур дода шудааст, ки ҷиҳати пешниҳоди роҳу воситаҳои муассири таълим ҷиҳати таҳияи маводи методӣ ва омӯзишӣ дар байни омӯзгорон ҳадафнок корбарӣ намоянд. Аз ин хотир, дастури методии «Сборник диктантов по русскому языку» (для 2-4 классов таджикской школы), ва «Сборник диктантов по

русскому языку (для 5-11 классов таджикской школы и студентов педагогических вузов)» - и МТМУ № 14 ба номи Алишер Навои Ӯтамуродова Матлуба ва дастури методии омӯзгори литсейи шаҳр Шарифова Назира «Русский язык в картинках» дар фаъолияти омӯзгорон мавриди истифода қарор дорад.

**Банди 14.** Айни маврид тачрибаи пешкадами омузгорони фанни забони руси МТМУ №3 Назирова Г., омузгори Литсейи шахр Арслонова З, ва тачрибаи омӯзгорони фанни забони англисӣ Ҳасанова С. ва Арслонова М. мавриди омузиш карор дорад.

**Банди 16.** Дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Панҷакент 462 нафар омӯзгорони фаннӣ забони русӣ (359 нафар бо таҳсилоти олӣ, 32 нафар бо таҳсилоти олии нопурра, 71 нафар бо таҳсилоти миёнаи омӯзгорӣ) ва 450 нафар омӯзгорони забони англисӣ (321 нафар бо таҳсилоти олӣ, 129 нафар бо таҳсилоти миёнаи омӯзгорӣ) фаъолият менамоянд. Аз ин шумор 202 нафар мутахассисони ҷавон (100 нафар омӯзгори фанни забони русӣ, 102 нафар омӯзгори фанни забони англисӣ) мебошанд, ки дар асоси қарори Шӯрои педагогӣ ва фармоиши директорони мактабҳо ба омӯзгорони соҳибтаҷриба вобаста карда шудаанд ва бо иштироки бевоситаи онҳо мунтазам дарсҳои намунавӣ ва семинарҳои дастурдиҳӣ ҳам дар мактабҳо ва ҳам дар минтақаҳо доир карда мешаванд.

Омӯзишу таҳқиқи ҷараёни татбиқи Барномаи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030 дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Панҷакент собит сохт, ки нақша-чорабиниҳои Барномаи мазкур дар сатҳи зарурӣ мавриди амал қарор дошта, аз он шаҳодат медиҳанд, ки иҷрои Барномаи мавриди назар дар миқёси тамоми ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шудааст ва барои боз ҳам самаранок амалӣ шудани муқаррароти Барнома тавсия карда мешавад:

1. Бо мақсади гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос беҳтар намудани ҳамкорӣ бо маркази илм ва фарҳанги Россия.

2. Ташкил намудани мизҳои мудаввар бо муаллифони китобҳои дарсии забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, шаҳри Панҷакент.

3. Ҳамчун ташкилкунандаи мунтазами олимпиадаҳо (озмунҳо) аз фанни забони русӣ байни хонандагон ва омӯзгорон ғолибону дастандаркоронро дар миқёси ақаллан вилоят қадр кардан.

4. Бо мақсади бартарафсозии норасоии кадрҳои баландихтисоси забон ва адабиёти рус ва забони англисӣ аз Вазорати маориф ва илми ҶТ хоҳиш карда шавад, ки хатмкунандагони муассисаҳои олии кишвар, ки бо дониши аъло муассисаҳои олиро хатм карданд, ба кишварҳои дигари собиқ қаламрави ИДМ, аз ҷумла, ба Русия барои таҳсил ба аспирантура ба таҳсили ройгон фиристода шаванд.

5. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими фанни "Адабиёти рус" барқарор карда шавад. Оё забони русӣ бе адабиёти рус, ки сарчашмаи фарҳанг ва тамаддуни олами рус аст, омӯхта мешавад. Усули ҳамгирои таълими забон ва адабиёти рус, ки имрӯзҳо роиҷ аст, ин асолатро пурра ва ба таври комил иҷро карда наметавонад.

6. Таълими забони хориҷӣ, аз ҷумла, забонҳои русӣ ва англисӣ аз омӯзгор меҳнати зиёди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва маърифатиро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, хоҳиш карда мешавад, ки музди меҳнати муаллимон ин фанҳо таҷдиди назар гардад ва андаке баланд бардошта шавад.

Дар низоми маорифи кишвар омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ ва риёзию техникӣ ҷойгоҳи махсусро касб кардааст. Бо қабул ва оғоз шудани амали гардидании Барномаи рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008 дар ин самт дастовардҳои таълимиву илмии зиѐд ба вуқуъ пайвастанд [12, с.49].

Хусусияти муҳими амалисозии чорабиниҳои барнома ҳамгиро гардонидани онро бо Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 талаб менамояд, ки имкониятҳои рушди бемайлону комплексии илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва таъсири онҳо ба пешрафти илм ва техникаи Тоҷикистон васеъ дарк карда шавад.

Мақсади ҳама намуди барномаҳои давлатиро, агар аз нуқтаи назари педагогӣ мавриди муҳокима қарор диҳем, аз он иборат аст, ки ба низоми самараноки таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такон бахшад. Барои ноил шудан ба мақсадҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ҳаллу фасли вазифаҳои зерин амри зарурӣ дониста мешавад:

- иҷрои саривақтӣ ва босифати таҳқиқот оид ба коркарди технологияҳое, ки дар стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таълим ва тарбия дар даврони Истиқлолият пешбинӣ карда шудаанд;

- муайян дамудани самтҳои афзалиятноки фанҳои таълимӣ ва технологияи муосири таълим, воситаҳои моддӣ-техникӣ дар самти татбиқи барномаи давлатӣ;

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба мазмуни таҳсилот, ба механизми идоракунӣ аз рӯи самтҳои навтарини талаботи педагогика;

- ташкили шароити мусоид барои татбиқи барномаҳи давлатӣ дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- рушд додани пояҳои моддию техникии таълими фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар муассисаҳои таълимии тамоми зинаи таҳсилот;

- инкишоф додани инфросохтори иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар заминаи истифодаи технологияи пешқадами ахборотию коммуникатсионӣ;

- дар зинаи ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тайёр кардани технолог, муҳандис ва мутахассисон оид ба соҳаи ахбороти технологӣ;

- мазмуннок гардонидани дарсҳои таълимӣ ва маҳфилу корҳои беруназсинфӣ ва баргузории семинару конференсияҳои илмӣ- амалӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Тавассути чунин тадбиру чорабиниҳо раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот амалӣ гардида, натиҷаҳои дилхоҳ дода метавонанд.

Пешрафти ҷамъияти муосири Тоҷикистонро бе инкишофи истеҳсолот, бахусус, саноат тасаввур намудан мумкин нест, ки он табиатан аз инкишофи илм, ки яке аз соҳаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии

давлат маҳсуб меёбад, вобаста мебошад. Сиёсати даватии Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм ба устувор гардонидани иқтидори илмии мамлакат равона гардида, бо ин мақсад базаи моддӣ-техникии муассисаҳои имлӣ ва таълимиро бо роҳи маблағгузорӣ баланд бардошта, сифати омода намудани кадрҳоро дар асоси талаботи бозори меҳнат ба роҳ монданро тавсия медиҳад.

Бояд зикр кард, ки бо қабул ва мавриди иҷро қарор додани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус” дар ҷумҳурӣ вазъ дар ин самт беҳтар гардид. Бо мақсади тарки таълим накардани омӯзгорони ҷавон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ва вилоятҳо ба омӯзгорон заминҳои наздиҳавлигӣ ва ёрдампулиҳо ҷудо кардан, ки ин тарзи муносибат омӯзгоронро ҳавасманд сохта, пеши роҳи тарки мактаб кардани онҳоро гирифт.

Вазъи иҷрои чорабиниҳои Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №382) дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод ва Восеи вилояти Хатлон мавриди омӯзишу арзѐбӣ қарор дода шуд.

Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 татбиқи нишондодҳое, ки дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 баён гардидаанд, бо мақсади такмили низоми тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас, муҳайё намудани шароит барои беҳтар намудани шаклу усул ва воситаҳои тарбия, таъмини робитаи доимӣ миёни падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҳия гардидааст.

Мақсади асоссии барнома баланд бардоштани сатҳи тарбияи насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муоширát, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён, эҳтиром нисбат ба Конистутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои дастгирӣ, сарпарастӣ ва тарбияи насли наврас, таъмини маҷмӯи тадбирҳо ҷиҳати ҷалби аҳли ҷомеа ба масъалаҳои тарбия, ба роҳ мондани низоми корҳои тарбиявӣ бо аҳли ҷомеа, бунёди заминаи илмӣ, ва тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ, таъмини тарзи ҳайёти солим, пешгирӣ намудани ҳодиса ва рафторҳои номатлуб, ҷинояткорӣ ва ғайра иборат мебошанд.

Вазъи татбиқи Барномаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№1, 27 ва 53 шаҳри Кӯулоб, №№20, 53 ва 61 ноҳияи Восеъ ва №№1 ва 2 ноҳияи Муъминобод аз ҷониби мо омӯхта шуда, мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шуд.

Дар рафти таҳқиқот ба мавҷудияти инъикоси чорабиниҳои Барнома дар нақшаҳои кории солонаи маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, баррасии раванди татбиқи барнома дар ҷаласаҳои шӯроҳои педагогӣ, масъалагузорӣ бо назардошти фарогирии ҳама паҳлӯҳои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ вобаста ба тарбияи хонандагон дар ин самт, вазъи корҳои тарбиявӣ дар робита бо амалӣ гардонидани чорабиниҳои Барнома, пешгирии ҳодисаҳои номатлуб, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои бегона ва вазъи корҳои анҷомдодашуда оид ба тарбияи хонандагон дар доираи муқарраротиБарнома таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Рафти санҷиш нишон дод, ки дар шуъбаҳои маорифи шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Муъминободу Восе қарори раиси вилоят, қарорҳои раисони ҳукуматҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, қароҳои шӯроҳои шуъбаҳои маориф ва нақшаи чорабиниҳо вобаста ба барономаи мазкур таҳия ва тасдиқ гардидааст. Масъалаи татбиқи талаботи Барномаи давлатӣ зери назорати шуъбаҳои маорифи шаҳру

ноҳияҳо қарор ёфта, оид ба ин масъала нақша – чорабиниҳо таҳия карда шудааст, ҳамзамон дар нақшаҳои кории шуъбаҳо масъалаҳо ба нақша гирифта шуда баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст.

Таҳқиқи масъала ошкор сохт, ки дар амалишавии Барнома саҳми мушовирони шуъбаҳои маориф оид ба тарбия муҳим арзёбӣ мегардад. Фаъолияти мутахассиси шуъбаи маорифи мақомаоти иҷроияи шаҳри Кӯлоб Раҷабов Бахтиёр ва мушовир оид ба тарбия Мирзоалиев Сайвалӣ дар тадбиқи барнома ва баргузор намудани чорабиниҳо вобаста ба тарбияи хештаншиносии насли наврас хеле назаррас мебошад. Онҳо бо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва ҷонишинони директор оид ба тарбия барои беҳтар шудани сифати тарбияи насли наврас ва ахлоқи ҳамидаи хонандагон ёрии методӣ расонида, семинарҳои дастурдиҳӣ гузаронидаанд.

Гарчанде, ки шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалишавии Барномаи мазкур тадбирҳои мушаххас андешида бошанд ҳам, иҷрои барнома дар на дар ҳама муассисаҳои таълимӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашуда будааст.

Пеш аз ҳама нақша-чорабиниҳои таҳя ва қабулнамудаи муассисаҳои таълимӣ (ба ғайр аз ш. Кӯлоб) мукаммал набуда, ҳамаи паҳлӯҳои татбиқи барномаи тарбияи насли наврасро фаро нагирифтааст.

Бо мақсади пешгирии қонуншиканӣ, содир накардани ҷиноят, дуруст ба роҳ мондани тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Кӯлоб ва ноҳияҳои Муъминободу Восеъ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст. Дар муассисаҳои таълимии шуъбаҳои маорифи зикргашта дар асоси речаи тасдиқгардидаи ҳамкорӣ бо ШКД, вохӯриҳо бо намояндагони ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирии ҳодисаҳои номатлуб тибқи ичрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» баргузор гардидааст. Дар ин вохӯриҳо ба хонандагон оид ба ҳуқуқ, вазифаҳо, оқибати иҷро накардани талаботи қонун бо мисолҳои дақиқ

корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шудаанд. Дар амалӣ гардонидани мӯҳтавои барномаи зикргашта ташкил ва гузаронидани машваратҳои доимоамалкунандаи муовинони директорони муассисаҳои таълимӣ оид ба тарбия низ мақоми муайян доранд, ки дар он масъалаҳои муҳим оид ба амалӣ гардидани тарбияи насли наврас мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии мавриди омӯзиш қарордодашуда баҳри пешгирии ҳодисаҳои номатлуби даст ба худкуши задан, шомилшавӣ ба гурӯҳҳои теророристӣ, вохӯриҳо бо кормандони мақомотҳои қудратӣ, кормандони тиб, ходимони дин ташкил ва гузаронида шудаанд.

Хулоса, омӯзишу таҳқиқи вазъи тадбиқи Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017 нишон дод, ки дар масъалаи татбиқи талаботи Барномаи мазкур камбудиҳо ошкор карда шуданд: масалан, таҷрибаи пешқадами роҳбарони синфҳои намунавӣ дар муассисаҳои таълимӣ тарғиб карда намешавад, дар муассисаҳои таълимӣ гӯшаи “Падару модарони беҳтарин” ташкил карда нашудааст, нақша-чорабиниҳои ҷиҳати татбиқи Барнома на ҳамаи самтҳову муқаррароти Барномаро фарогиранд ва ғ.

Бо дарназардошти он ки муҳлати иҷрои Барнома соли 2017 ба охир расидаасту бархе аз муқаррароти он ба таври бояду шояд амалӣ нашудааст, зарур аст, ки минбаъд татбиқи онҳоро дар муассисаҳои таълимӣ идома дода, мунтазам чорабиниву тадбирҳои тарбиявӣ, аз қабили қабили конференсия, викторина, суҳбату вохӯриҳо, шабнишиниву маҳфилҳо, озмунҳои дохилимактабӣ ташкилу баргузор кунанд, барои ҷонишинони директорон оид ба корҳои тарбиявӣ ва роҳбарони синфҳо семинарҳои дастурдиҳӣ ташкил намоянд, дар муассисаҳои таълимӣ моҳе якчанд маротиба дарсҳои кушоди тарбиявӣ гузаронида, тарғиби таҷрибаи пешқадами роҳбарони синфҳои пешқадамро дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монанд, барои роҳбарони иттиҳодияи методии роҳбарони синфҳо мунтазам семинар – машваратҳо гузаронида шаванд, ҳамасола озмуни

роҳбари синфи беҳтарин баргузор намуда, ба таҷрибаивазнамоии роҳбарони синфҳо вусъат бахшида, мубодилаи маҳорату малакаи касбии роҳбарони синфҳоро бештар ба роҳ монанд, масъалаи ба дарсҳои тарбиявии ҳамдигар даромаданро дар муассисаҳои таълимӣ ҷоннок карда, шакл ва воситаҳои муосири самарабахаши корҳои тарбиявиро дарёфт ва дар тарбияи насли наврас истифода баранд.

### 1.3. Барномаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади ҳар чи зудтар воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф қабул карда шуданд, ки боиси рушди бемайлони соҳаи маорифи кишвар гаштанд.

Аз он ҷумла, метавонем Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015”, аз 27.11.2017, №544 [15], Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2018-20120”, аз 29.09.2017, №443, Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, аз 01.08.2012, №382, Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017”, аз 03.07.2011, №427 [20], Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020”, аз 03.05.2014,№295 [17], Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020”, аз 30.12.2014, №295 [21], Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015”, аз 02.11.2017, №529 [8], Барномаи давлатии рушди

таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015”, аз 01.11.2006, №295 [31], Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020”, аз 30.06.2012, №335 [12], Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016”, аз 01.08.2006, №362 [19], Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015”, аз 02.06.2011, №278 [5], Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021”, аз 27.05.2017, №260 [16], Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016”, аз 02.09.2010, №416 [14], Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015”, аз 01.08.2015, таҳти №494 [26], Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” аз 28.07.2017, №357 ва ба ин монанд даҳҳо барномаҳои дигари рушди соҳаи маорифро метавон ин ҷо ном бурд [27].

Дар тамоми ҳуҷҷатҳо ва барномаҳои қабулшуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосии худро ба таъмини баробарҳуқуқи шаҳрвандон барои дарёфти дониш дар зинаҳои асосию миёнаи таҳсилот, такмили заминаҳои ҳуқуқии соҳаи маориф, рушди соҳаи маориф бо назардошти майлу рағбат ва қобилияту истеъдоди шахсият, имконияти давлат ва ҷомеа, ташкил ва амалӣ намудани механизми иқтисодии рушди соҳаи маориф нигаронидааст. Натиҷаи ғамхориҳои давлат ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 2000 мактабҳои замонавӣ ва синфхонаҳои иловагӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Биноҳои садамавӣ ва бар асари воқеаҳои солҳои охир харобгардида мактабу боғчаҳо аз нав бино гардиданд.

Дар тӯли солҳои Истиқлолият ба таълим фаро гирифтани кӯдакони ятим ва бепарастор низ Тоҷикистон ба муваффақиятҳои калон ноил

гардид. Мувофиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кӯдакони болаёқат, теъдоди муассисаҳои типи нав, аз қабили литсей, гимназия, коллеҷҳо сол аз сол афзоиш ёфтанд.

Бо дарназардошти амалисозии ислоҳоти соҳаи маориф баҳри ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия ва қабул гардида, дар муассисаҳои олии касбӣ таълими бисёрзинагӣ ва низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шуд ва дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ низоми пардохти сарикасӣ ҷорӣ гардид, мазмуни таҳсилот таҷдиди назар шуда, стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълим ва насли нави китобҳои дарсӣ бо дарназардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия ва ба табъ расонда шуданд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ проблемаи норсоии китобҳои дарсӣ комилан аз байн рафтааст. Яке аз бартарии китобҳои дарсии насли нав дар он аст, ки онҳо дар заминаи арзишҳои ҳуввиятсози миллӣ, худогоҳии миллӣ, анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ ва арзишҳои фарҳангию ахлоқии халқи тоҷик таҳия шудаанд.

Таъмин намудани тамоми зинаҳои таҳсилот бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷараёни таълиму тарбия маҳсуб ёфта, заминаи асосии баланд бардоштани сифати таълим ва воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин андеша, аз оғози давраи соҳибистиқлолии кишвар ин масъаларо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази диққати ҳамешагии худ қарор додааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар солҳои аввали истиқлолият аз сабаби муҳоҷирати иҷбории омӯзгорон дар аксари муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, нарасидани омӯзгорони касбӣ дарк карда мешуд, ки таъсири ин омилҳо то ҳанӯз эҳсос мегардад [7, с.31].

Баҳри ислоҳи чунин вазъият ва ҷалби мутахассисони ҷавон ба муассисаҳои таълимӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодии ҷумҳурӣ аз 12.06.1995 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми

мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус” ба тасвиб расид, ки барои беҳтар гардидани таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ мусоидат намуд.

Дар ин росто, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқдодияти давлатӣ мушкилоти нарасидани омӯзгоронро дар тамоми зинаи таҳсилот дарк намуда, Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 (аз 01.11.2004), [13] ва “Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016”-ро (аз 02.10.2010) [14] қабул ва мавриди амал қарор дод, ки барои таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таълимӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии моддию маънавии омӯзгорон ва ниҳоят, дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф шароити мусоид фароҳам овард, ки дар натиҷаи он муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ марҳала ба марҳала таъмин гардида, сатҳу сифати таълиму тарбия низ беҳтар гардид. Аз ҷумла, дар тӯли солҳои 2004-2015 зиёда аз 52354 мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фиристода шуданд [14, с.31].

Шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳод. Масалан, агар шумораи омӯзгорон дар соли 1997 - 91,3 ҳазор бошад, дар соли 1998 ба 94,9 ҳазор, соли 1999 ба 96,8 ҳазор, соли 2000 ба 98,5 ҳазор, соли 2001 ба 100,2 ҳазор ва дар соли 2002 ба 101 ҳазор расид. Хусусан, аз соли 2002 то соли 2018 сафи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 21 ҳазору 256 нафар зиёд гардид, ки ин аз натиҷаҳои татбиқи муқаррароти Барномаҳои мазкур шаҳодат медиҳад.

Имрӯз бошад шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 123256 нафар расидааст, ки аз ин теъдод 71714 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд [14].

Мушоҳидаҳои педагогӣ собит намуданд, ки ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ҳамагӣ 60-67%-ро ташкил медод ва бештар аз 33-40% хатмкардагон бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ба ҷойи кор ҳозир намешуданд. Набудани ҷойи истиқомат, саривақт чудо накардани

замин барои сохтмони манзил, саривақт нагирифтани маош, нокифоягии маош, мавҷуд набудани дастгириҳои моддиву маънавӣ ва кумаку ғамхорҳо нисбат ба омӯзгор боиси касби омӯзгориро тарк намудани бархе аз омӯзгорон мегардид.

Аз ин хотир, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар истифода бурдан аз мутахассисони ҷавон, ки муасисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро хатм намудаанд, махсусан, мутахассисони ҷавони аз ҳисоби буҷети давлат хатмкардаи шуъбаи рӯзонаро вазифадор кард, ки бояд онҳо тибқи роҳхати вазорату идораҳо дар ҷойҳои ба кор таъминшуда, на камтар аз се сол софдилона кор кунанд. Пас аз он бо пешниҳоди гувоҳнома ҳуҷҷатҳояшонро гирифта, ҳуқуқ пайдо менамоянд, ки ба минтақаи дилхоҳашон рафта фаъолияти педагогӣ намоянд.

Ин нукта тавассути Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2009 “Дар бораи тасдиқи қоидаи баргардондани маблағҳои буҷавӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд”, ба ҳукми қонун даровардa шуд, ки он барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ як андоза мусоидат намуд [46, с.33].

Бояд ёдовар шуд, ки бо мақсади тақвияти ҳифзи иҷтимоии мутахассисони ҷавони соҳаи маориф ва ҷалби онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ 3 майи соли 2006 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №197 “Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон” қабул карда шуд, ки ин ва қарорҳои пештар баррасигардида боис гардид, ки шумораи мутахассисони ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сол то сол рӯ ба афзоиш овард [4, с. 34].

Инчунин тибқи талаботи қарори мазкур ба омӯзгорони ҷавон додани қарзҳои имтиёзнок ва замини наздиҳавлигӣ пешбинӣ шуда буд, ки дар муддати 8 соли амалишавии қарори мазкур 4608 нафар омӯзгорони ҷавон аз ин имтиёзҳо баҳравар шудаанд. Аз ҷумла, 2792 нафар бо замини наздиҳавлигӣ, 514 нафар бо замини полезӣ ва боғдорӣ

таъмин гардида, 1302 нафар қарзи имтиёзнок гирифтанд. Бояд таъкид намуд, ки теъдоди шахсони аз имтиёзҳо мутобиқи қарори №197 зикршуда дар ВМКБ 293 нафар, вилояти Хатлон 1651 нафар, вилояти Суғд 1460 нафар, шаҳри Душанбе 7 нафар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1197 нафарро ташкил медиҳад [4, с.35].

**Ҷадвали 15. Имтиёзҳое, ки ба омӯзгорони ҷавони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дода шудаанд**

| *№* | *Шаҳру ноҳияҳо* | *Ҳамагӣ аз соли 2007-2020* | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Замини назди ҳавлигӣ 2007-2020** | **Замини полезӣ 2007-2020** | **Қарзи имтиёзнок 2007-2020** | **Ҷамъ** |
| 1 | Кӯлоб | 69 | 23 | 7 | **99** |
| 2 | Восеъ | 251 | 4 | 35 | **290** |
| 3 | Ҳамадонӣ | 91 | - | 5 | **96** |
| 4 | Фархор | 360 | 12 | - | **372** |
| 5 | Данғара | 159 | 6 | 30 | **195** |
| 6 | Ш.Шоҳин | 69 | - | 33 | **102** |
| **7** | Темурмалик | 61 | 29 | 36 | **126** |
| **8** | Муъминобод | 61 | - | 27 | **88** |
| 9 | Ховалинг | 70 | - | 31 | **101** |
| 10 | Балҷувон | 53 | 45 | 22 | **120** |
| 11 | Бохтар | - | - | - | **-** |
| 12 | Вахш | 89 | 6 | 30 | **125** |
| 13 | Кӯшониён | 55 | 1 | 4 | **60** |
| 14 | Ҷ.Балхӣ | 53 | - | 1 | **54** |
| **15** | Ҷайҳун | 178 | - | 1 | **179** |
| 16 | Панҷ | 27 | - | 12 | **39** |
| 17 | Дӯстӣ | 19 | 7 | 15 | **41** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 18 | Қубодиён | 28 | - | 12 | **40** |
| 19 | Шаҳритус | 36 | - | - | **36** |
| 20 | Хуросон | 24 | 15 | - | **39** |
| 21 | А.Ҷомӣ | 92 | - | 22 | **114** |
| 22 | Ёвон | 50 | 1 | 21 | **72** |
| 23 | Н. Хусрав | 37 | - | 38 | **75** |
| 24 | Левакант | 119 | 3 | 119 | **241** |
| 25 | Норак | 28 | - | 10 | **38** |
| | **Ҳамагӣ** | **2079** | **152** | **511** | **2742** |

Вале бояд тазаккур дод, ки таъмини имтиёзҳо ба мутахассисони ҷавон дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ҷавобгӯи талабот нест ва ин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки дар маҳаллаҳо аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо то ҷое қарори мазкур дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардонида нашудааст, аммо бояд илова намуд, ки таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб шуда, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон зич алоқаманд аст [4, с.37].

Азбаски нарасидани омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ҳодисаи табиӣ мебошад, дар ҳама давру замон ба пуррагӣ бартараф намудани он ғайриимкон буд ва ин мушкилот ҳодисаи иҷтимоӣ ва доимӣ мебошад. Омӯзиш ва таҳлили нақшаи дурнамои таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ муайян намуд, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ 6,3 фоизи омӯзгорон бо сабабҳои узрнок аз кор мерафтанд [4, с.38]. Сарфи назар аз ин, дар натиҷаи андешидани чораҳои амалӣ имрӯз 95 фоиз муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ таъмин гардидаанд.

Дар солҳои Истиқлолият, инчунин, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] таҳия гардид, ки сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар тарбияи миллии оммаи васеъ, махсусан насли наврас дар худ фаро мегирад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи

миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ дар ташаккули шахсият дар худ фаро мегирад. Вазифаи асосии Консепсияи миллии тарбия ташаккули шахсияти инсони комил мебошад, ки 19 унсури тарбияро фаро мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи кӯдакон, ҷавонону наврасонро дар рӯҳияи арзишҳои миллию умумибашарӣ яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзу фардои давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо чун омили асосии ҷомеаи солим арзёбӣ менамояд. Консепсия имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии ҷумҳурӣ , новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияро барои ба воя расонидани инсони комил интихоб ва роҳандозӣ намоянд.

Ин ҳуҷҷати меъёрӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот татбиқ гардида ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илму шуъбаҳои маорифи вилояту ноҳияҳо раванди татбиқи он зери назорат қарор дода мешавад. Татбиқи амалии он дар ҳама зинаҳои таҳсилот дар тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи башардӯстӣ, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, донишандӯзиву ҷавонмардӣ, ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани хонандагон, яке аз талаботҳои он мебошад.

Мақсади асосии Барномаи давлатии рушд ва ислоҳоти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз муҳайё намудани шароит барои қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон, ҷомеа ва бозори меҳнат ба таҳсилоти босифат, тавассути таъсиси механизмҳои танзим дар бахши таҳсилоти касбӣ, навсозии сохтор ва мундариҷаи таҳсилот, рушд ва дар амал ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ, ташаккули низоми таҳсилоти мутассил, истифодаи самараноки захираҳои моддию молиявӣ, бунёд ва таҳкими механизми нисбатан беҳтар ва оқилона тайёр намудани кадрҳои коргарии соҳибкасб ва бозомӯзии калонсолон мувофиқи сохтор ва мундариҷаи талаботи бозори меҳнат мебошад.

Омӯзишу таҳлили вазъ ва раванди иҷрои Барномаи мазкур нишон дод, ки татбиқи чорабиниҳои Барнома ба амалишавии вазифаҳои стратегии зерини таҳсилоти касбӣ боис гардидаанд:

- ба беҳтар шудани заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ба баланд шудани самаранокии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ба таъмин намудани талаботи шаҳрвандон бо таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ба фароҳам овардани шароит барои ҳар чи бештар баланд бардоштани сифати омодагии касбии хатмкунандагон;

- ба баланд бардоштани сатҳи касбии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони тахассусии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

- ба ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна ва олии касбӣ;

- ба муҳайё намудани шароит барои ҳамкории самарабахши муассисаҳои касбӣ ва корфармоён дар раванди тайёр намудани мутахассисон;

- ба азнавсозии самтҳои таҳсилоти касбӣ ва тайёр намудани кадрҳо мувофиқи талаботи стандартҳои байналмилалии таҳсилот (СБТ);

- ба тақвият бахшидан ба омӯзиши фанҳои касбӣ дар сохтори таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва омӯзиши тафриқавии фанҳои таҳсилоти умумӣ;

- ба мувофиқкунонии шабакаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо навсозии навини пойгоҳи моддию техникӣ ва таъсиси марказҳои захиравӣ;

- ба рушди инфрасохтори фаъолияти таълимию истеҳсолӣ;

- ба фароҳам овардани шароит барои таъмини истифодаи пойгоҳҳои корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият, барои ташкили омӯзиши амалии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ба баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрхои баландихтисос ва рақобатпазир барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ;

- ба таъсиси низоми миллии мониторинги сифати таҳсилот дар муассисаҳои касбӣ;

- ба такмили маводи таълимӣ ва илмӣ-методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ба ташкил намудани ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;

- ба фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорон;

- баҷорӣ намудани ихтисосҳои нав ва ба роҳ мондани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯи ин ихтисосҳо тибқи талаботи соҳаи кишоварзӣ.

Азнавсозии сохтор ва мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҷмӯи тадбирҳоеро талаб менамояд, ки барои ҷалби шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти босифати касбҳои коргарӣ нигаронида шуда бошад. Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои дар Барномаи мазкур гузошташуда дар ин зинаҳои таҳсилот тадбирҳои зерин андешида шуданд:

-азнавсозии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар асоси рушди техника ва технологияи замонавӣ;

-таҳия, ворид намудани тағйирот ва илова ба санадҳои меъёрии хуқукии танзимкунандаи фаъолияти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- таҳияи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2013-2018 ва дар ин асос бо технологияи коммуникатсионӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии ин зинаҳои таҳсилот ва ба шабакаи Интернет ва шабакаҳои иттилоотии маҳаллӣ пайваст намудани онҳо;

- бо мизу курсӣ ва дигар лавозимоти таълимӣ таъмин намудани ин муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-таъмиру тармими биноҳои таълимӣ, хобгоҳ, лаборатория ва устохонаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

- таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ, барнома ва нақшаҳои таълимӣ, маводи методӣ ва дигар воситаҳои айёнӣ;

- такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ дар донишкадаҳои такмили ихтисос, марказҳои такмили ихтисоси назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-ташкил намудани паркҳои технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;

-ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва грантҳо барои рушди заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-таҳияи барномаҳои инноватсионӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ;

- муҳайё намудани муҳити тарбиявӣ барои ташаккули сифатҳои иҷтимоию ахлоқӣ ва касбии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ноил гардидан ба таъминоти устувори муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ;

- сол ба сол зиёд намудани маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва зиёд намудани маоши кормандони онҳо.

Тадбирҳои зикргардида дар марҳилаи якуми татбиқи Барномаи мазкур амалӣ гардиданд. Дар марҳилаи дуюм солҳои 2017-2020 тадбирҳои зерини дар Барномаи мазкур банақшагирифташуда амалӣ шудаанд:

- азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва таъмиру тармими иншоотҳои ин зинаҳои таҳсилот;

- харидорӣ намудани таҷҳизоти таълимӣ-истеҳсолӣ, техника ва технологияи навин;

- азнавсозии сохтори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, эътибори ҷиддӣ додан ба мазмуни таҳсилот ва сифати тайёрии касбӣ, дар робита бо талаботи бозори меҳнат;

- рақамикунонии китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, таҳияи филмҳои таълимӣ;

- аз курсҳои такмили ихтисос  оид ба технологияҳои муосири таълим гузаронидани омӯзгорон;

- фароҳам овардани шароит барои истифодаи самаранок аз заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони ин зинаҳои таҳсилот;

- бунёди марказҳои фарҳангӣ, таълимӣ, истеҳсолӣ, тиббӣ ва солимгардонӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- таъмини шароит барои таълими мунтазами калонсолон ва таҳсилоти муттасили касбӣ [13].

Дар марҳалаи кунунии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.

Бо дарназардошти ин мулоҳизаҳо, вазъи иҷрои чорабиниҳои пешбининамудаи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 низ мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор дода шуд.  Омӯзишу таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои он собит сохтанд, ки нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 бо пурагӣ иҷро гардидааст.

Масалан соли 2018 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ сохтмону азнавсозии 176 бинои муассисаҳои таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 36600 ҷойи нишаст ба маблағи 543 млн. 753 ҳазор сомонӣ сохтаву азнавсозӣ гардида, ба истифода дода шудааст. Махсусан дар вилояти Хатлон 34 мактаб бо 7624 ҷойи нишаст бо маблағи 94565,2 ҳазор сомонӣ бунёду азнавсозӣ ва таъмиру тармим карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои иҷрои Барномаи мазкур дар вилояти Хатлонро барои тасдиқи андешаҳои дар боло баёншуда манзур месозем.

***Ҷадвали 16. Нишондиҳандаҳои иҷрои Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо дар солҳои 2012-2018***

***дар вилояти Хатлон***

| **Номгӯи шаҳру ноҳияҳо** | **Сохтмони иншоотҳои соҳаи маориф** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **Ҷамъ** |
| Кӯлоб | 1 | 4 | | | 1 | 5 | | **11** |
| Восеъ | 2 | 2 | | | 1 | | | **5** |
| Ҳамадонӣ | 2 | | | | 2 | 1 | | **5** |
| Фархор | 9 | 3 | 3 | | 1 | 6 | | **22** |
| Данғара | 9 | 1 | 1 | | 1 | 3 | 4 | **19** |
| Ш.Шоҳин | 3 | 4 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | **12** |
| Темурмалик | 1 | 1 | | | 1 | | 1 | **4** |
| Муъминобод | 1 | 4 | | | | 2 | | **7** |
| Ховалинг | 1 | | 2 | | 1 | 3 | 1 | **8** |
| Балҷувон | 3 | | | | 2 | 1 | | **6** |
| Бохтар | 1 | | | | | | | **1** |
| Вахш | 1 | 1 | | | | | 2 | **4** |
| Кӯшониён | 1 | 1 | | | 1 | 1 | | **4** |
| Ҷ.Румӣ | 2 | 6 | | | | | | **8** |
| Ҷайҳун | 5 | 2 | 2 | | | 1 | | **10** |
| Панҷ | | 1 | 2 | | | | | **3** |
| Дӯстӣ | 2 | 1 | | | 2 | 3 | | **8** |
| Қубодиён | 4 | 3 | | | 2 | | | **9** |
| Шаҳритус | 1 | 1 | | 2 | | 2 | | **6** |
| Хуросон | 1 | | | | 1 | | | **2** |
| А.Ҷомӣ | 2 | | | | 1 | 2 | | **5** |
| Ёвон | 2 | 9 | | | 2 | 2 | 1 | **16** |
| Носири Хусрав | | 1 | 1 | | | 1 | | **3** |
| Леваканд | | | | | | | | |
| Норак | 2 | 1 | 1 | | 1 | | | **5** |
| **Ҷамъ дар вилоят** | **56** | **46** | **13** | **3** | **23** | **32** | **3** | **176** |

Соли 2022 ба маблағи 500 миллион сомонӣ 130 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 32 ҳазор ҷойи нишаст бунёд ваба истифода супорида шудааст. Аз ин шумора 32 муассиса бо 10 ҳазор ҷойи нишаст аз ҳисоби

соҳибкорону шаҳрвандони саховатпешаи кишвар ба маблағи беш аз 122 миллион сомонӣ бунёд шуда, ҳиссаи онҳо дар сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар бахшҳо рӯз ба рӯз афзуда истодааст.

Дар маҷмуъ, дар 27 соли Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 510 муассисаи таълимӣ, ки 5158 синфхонаро дар бар мегирад, бо теъдоди 128972 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст, ки аз татбиқ гардидани Барномаи давлатии мазкур шаҳодат медиҳад Ниг. ба диаграммаи 1.




***Диаграммаи 1. Нишондиҳандаҳои иҷрои Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо дар ҷумҳурӣ дар зарфи 27 соли Истиқлолияти давлатӣ***

То ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда мешавад. Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар зинаи таҳсилот, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо баланд бардоранд.

Мо, ҳамчунин, раванди татбиқи Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додем. Ҳатто дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз огоҳии коллективи омӯзгорон оид ба ин шакли фаъолиятро пайдо карда натавонистем. Ин аст, ки дар тамоми муассисаҳои таълимӣ оид ба раванди татбиқи Барномаи мазкур семинару мизҳои мудаввар гузаронида, тартиби фаъолиятро дар ин раванд омӯзонидем.

Пеш аз ҳама, моҳият ва мафҳуми “инноватсияи педагогӣ”-ро дар осори педагогӣ ва луғатҳо омӯхта, мавриди баррасӣ қарор додем. Оид ба навгониҳои педагогӣ олимон М.С. Бургин, В.И. Загвязинский, С.Д. Поляков, В.М. Полонский, М.М. Поташник, Н.Р. Юсуфбекова ва дигарон корҳои зиёдеро сомон бахшидаанд. “Луғати муосири педагогика” ин мафҳумро чунин шарҳ медиҳад: «Инноватсияи педагогӣ - навгонӣ дар фаъолияти педагогӣ, ворид намудани тағйирот дар мазмун ва технологияи таълиму тарбия мебошад», ки мақсади он баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия мебошад [87:5].

«Инноватсия - на танҳо ба пайдо намудан ва паҳн кардани навгониҳо, балки ба навсозиҳо, ворид намудани тағйирот ба шакли фаъолият, тарзи тафаккур, ки ба ин навгониҳо робитадору алоқаманд аст, фаҳмида мешавад».

Омзиши ҷараѐни татбиқи Барномаи ошкор сохт, ки ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он тамоми тадбирҳои заруририро баҳри татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 андешиданд. Нахуст, ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он курси омода намудани омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилотро ба фаъолияти инноватсионӣ ба нақша гирифтанд. Дар раванди роҳандозии ин барнома директорони муассисаҳои таълимӣ уҳдадор карда шуданд, ки Шӯрои педагогиро ба масъалаи ташкили гурӯҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ бахшанд. Ин масъаларо мавриди омӯзиш, муҳокима ва хулосабарорӣ қарор диҳанд. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки аз

раванди татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020 бештар аз шаш сол сипарӣ гардидааст, аммо дар аксари муассисаҳо аз мавҷудияти ин ҳуҷҷати муҳим ва мақсаду мароми он хабар надоранд.

Бо мақсади муайянсозии вазъи татбиқи Барномаи мазкур мо дар муассисаҳои таълимӣ пурсишнома гузаронидем, ки се мақсадро пайгирӣ менамуд:

1. Омода намудани омӯзгорони муассиса ба гуфтугӯ дар бораи фаъолияти инноватсионӣ ва моҳияти он. Ба саволҳои пурсишнома ҷавоб гардонида, бо ин роҳ ҳар як омӯзгор барои худаш мафҳуми фаъолияти инноватсиониро муайян менамояд. Омӯзгорон ба моҳият, нишона, сабаб ва зарурияти ворид сохтани равандҳои инноватсия дар таълим ошно гардида, таҷрибаи амалии хешро дар ин самт таҳлил намоянд.

2. Таҳлил намудани дараҷаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорони муассиса, аз нуқтаи назари омӯзгорон то кадом андоза дарк гардидани моҳияти фаъолияти инноватсионӣ.

3. Муайян намудани саволҳое, ки барои омӯзгорон дар раванди фаъолияти инноватсионӣ аҷиб ва диққатҷалбкунанда менамоянд. Чунин саволҳо бояд дар байни коллективи омӯзгорон ба таври баҳси ошкоро муҳокима гарданд. Мақсади асосии саволнома ё пурсишнома дар он мебошад, ки дар раванди мубоҳиса ва гуфтугӯ фаъолияти инноватсионӣ барои ҳама фаҳмо гардад.

Фаъолияти инноватсионӣ ва ҷараёни он аз бисёр ҷиҳат аз иқтидору тавоноии инноватсионии омӯзгорон вобаста мебошад. Иқтидори инноватсионии омӯзгоронро аз рӯи меъёрҳои зерин арзёбӣ кардем:

- қудрати эҷодии кашф ва ихтироъ намудани тасаввурот ва андешаи нав, лоиҳакашӣ ва тамсиласозии андешаҳо;

- инкишофи маданӣ- зебопарастӣ ва савяи маълумотнокӣ;

- омода будан ба навсозии фаъолияти хеш, мавҷудияти захираҳои дохилӣ ва ботинӣ;

- инкишофи шуури инноватсионӣ (арзиши фаъолияти инноватсионӣ дар муқоиса бо анъанавӣ).

Муайян карда шуд, ки самти инноватсионии фаъолияти омӯзгорон метавонанд ба сиёсати навсозии маориф дар мавридҳои зайл ҳамсадо шуда метавонанд:

- пурқувват гардонидани характери башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, тағйироти бетанаффус ба ҳаҷм ва ҳайати фанҳои таълимӣ;

- ворид кардани фанҳои нави таълимӣ, ки ҷустуҷӯи доимии шаклҳои нави ташкилии корро талаб менамоянд;

- истифодаи оқилонаи технологияи таълим ва методҳои нав;

- мавқеъ ва обрӯи донишҳои педагогӣ дар муҳити педагогӣ ё дар байни омӯзгорон.

Омӯзишу таҳқиқи ҷараѐни иҷрои Барномаи мазкур нишон дод, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳи бештар ба ворид намудани ҷараёни инноватсионӣ, навоварию ихтироъкорӣ дар мазмуни таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот меравад, ки ин омил аз мо ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

- коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ баҳри бунёди тартибе, ки пеш дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надошт (омода намудани низомнома дар бораи таъсис додани комиссияи равонӣ- тиббӣ, педагогӣ, ҷамъияти илмии хонандагон, гуруҳҳои проблемавӣ ва омода намудани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ).

- коркарди ҳуҷҷатҳои методии таъминкунандаи навгониҳо дар фаъолияти таҷрибавӣ- озмоишӣ дар таълим (дастур дар бораи роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ, дастур барои мураттаб сохтани барнома, омода намудани ҳуҷҷатҳои нашрӣ, тавсияҳо дар бораи паҳн кардани таҷрибаи пешқадам);

- шинос намудани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ бо талаботи дуруст пур кардани журналҳо ва ҳуҷҷатҳои шахсӣ (гузоштани баҳо, санҷиш, тақсим кардани хонандагон ба зергуруҳҳо);

- коркарди низомномаи назорат аз болои раванди фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва натиҷаи экспертӣ оид ба инноватсияи педагогӣ [33].

Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ анҷом додани амалҳои зеринро талаб менамояд:

- иштирок дар таълими фанҳои навҷоринамуда бо мақсади мушоҳида намудани рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳое, ки дар барномаи инноватсионӣ дарҷ гардидаанд;

- назорат аз болои рафти татбиқи барномаҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таълимӣ (тафтиши журналҳо ва робита пайдо намудани таълим бо воситаҳои технологияи ахборотӣ-коммуникатсионӣ).

- ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва пешниҳод намудани маълумотнома ба маҷлису машварат ва шӯрои педагогӣ;

- назорат аз болои раванди иҷроиши нақшаи кории иттиҳодияи методӣ ва шуъбаи таълим, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ дарҷ гардидааст;

- аз болои фаъолияти инноватсионӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ мегардад, бояд муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо фармоиши директори муассиса роҳбарӣ ва назорат намояд;

- интихоби омӯзгорон барои дар роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ озодона ва бе маҷбуркунӣ бояд сурат гирад [33].

Бояд дуруст фаҳмид, ки дар марҳилаи аввал на ҳама омӯзгорон хоҳиши ба фаъолияти инноватсионӣ ворид гардидан доранд. Барои майл пайдо намудани онҳо, бояд бештар корҳои фаҳмонидадиҳӣ бурда шавад. Дар байни омӯзгорон коршиносон семинару мизҳои мудаввар гузаронида, онҳоро бо мақсаду муҳтавои фаъолияти инноватсионӣ шинос менамоянд, то тарсу ҳарос аз дили онҳо дур гардад.

Да рафти омӯзишу таҳқиқи Барнома дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ноҳияи Ёвон, шаҳри Бохтар ва ноҳияи

Ҷ.Балхӣ, Қубодиёну Шаҳритуз ошкор карда шуд, ки баъзе роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар куҷо ва чӣ тавр татбиқ намудан инноватсия ва шакли таъсис додани комиссияро барои фаъолияти инноватсионӣ намедонанд.

Дар баъзе муассисаҳо ҳатто матни Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 вуҷуд надошт ва дар бораи он ва талаботҳояш аъзоёни коллектив фаҳмиши умумӣ надоштанд. Кор дар ин самт танҳо дар коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон беҳтару хубтар ба роҳ монда шуда буд. Фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи давраҳои ба нақшагирифта ё нимсола ё дар охири сол натиҷабардорӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда мешавад.

Дар ин раванд вазифаи асосии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-тарбиявӣ аз таъсис додани комиссия, интихоби ҳайати ширкатчиён, муҳайё сохтани шароит, ҳамоҳанг сохтани маҳорати касбӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ иборат мебошад. Ба омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ фаҳмонда шуд, ки ин амал дар фаъолияти навҷӯӣ дар чунин шакл бояд сурат гирад:

1. Гузаронидани озмунҳои касбӣ (озмуни барнома, озмуни дарсҳо, «муаллими сол», мақолаю маърӯзаҳои беҳтарин ва ғайра);

2.Гузаронидани конференсия ва семинарҳои методӣ оид ба мақсад ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ;

3.Ҳавасманд гардонидани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи натиҷаи ба даст овардаи муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Фаъолияти самараноки инноватсионии муассиса ва муовини директорро аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ кардем:

1. Аз рӯи мавҷуд будани Низомнома дар бораи фаъолияти инноватсионӣ;

2. Фармони роҳбари муассисаи таълимӣ дар бораи ташкили гуруҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ;

3. Барномаи муаллифӣ оид ба ин ё он паҳлӯи фаъолияти инноватсионӣ;

4. Харитаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорон;

5. Тавсия ва пешниҳодҳои методӣ барои тартиб додани барномаҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ;

6. Ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои озмоишӣ;

7. Маълумотномои таҳлилӣ, ки вазифаи назоратчигии муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбияро тасдиқ намояд;

8. Ҳисоботи даврии омӯзгорон оид ба корҳои инноватсионии анҷомдодашуда;

9. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидан ва ба давраи дигар пешниҳод намудани иҷроиши вазифаҳои гузошташуда;

10. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидани вазифаҳои инноватсионӣ ва андешидани чораҳо нисбати сабабгорон;

11. Хулоса аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ [7, с.112].

Корҳои инноватсионӣ дар шароите натиҷанок мегарданд, агар:

- дониш ва маърифати роҳбарони муассиса ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, талаботҳои воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, дарки мушкилоти омӯзгорон, дараҷаи касбият, мутобиқати маҳорати омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд;

- ташкил ва зери назорат қарор додани фаъолияти инноватсионии омӯзгорон аз ҷониби маъмурияти муассиса;

- танзими инкишофи касбии омӯзгорон, дастгирӣ, кушиш ва ҳаракатҳои шахсии онҳо дар самти татбиқи навгониҳои педагогӣ;

- ворид намудани омӯзгорон ба ҳалли мушкилоти муассисаи таълимӣ тавассути фаъолияти инноватсионӣ.

- бедор намудани майлу хоҳиши омӯзгорон ба ворид гардидан ба навгониҳо дар мазмуни таҳсилот, дар омӯзиши фан, дар сохтори дарс ва дар барномаю китобҳои дарсӣ ва ғайраҳо.

Натиҷаи тадбирҳои таҳқиқотиву озмоишии оид ба вазъи иҷрои Барномаи мазкур ошкор сохт, ки талаботу муқаррароти Барномаи мазкур ба

таври мукаммал амалӣ нашуда, минбаъд зарур аст, ки масъулини татбиқи Барнома муқаррароти Барномаи мазкурро сармашқи кору фаъолияти хеш қарор дода, дар мавриди истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим аз ҷониби ҳар як омӯзгор тадбирҳои мушаххас андешанд, зеро дар шароити муосир ба истифодаву корбурди технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараѐни таълим ба ҳадафҳои таҳсилот барои рушди устувори кишвар ноил шудан ғайриимкон аст.

Вазъ ва раванди иҷрои талаботи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринаврo низ дар доираи нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додем. Омӯзиш ва таҳқиқоти озмоишӣ ба таври интихобӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1 ва 14-и шаҳри Ҳисор, 3 ва 8-и ноҳияи Шаҳринав, 40 ва 75-и шаҳри Турсунзода баргузор карда шуд.

Омӯзишу таҳқиқи масъала нишон дод, ки рафти иҷрои ҳадафмандонаи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» дар шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои номбурда мавриди амал қарор дода шуда, натиҷаҳои бадастомада дар шакли маълумотнома дар ҷузвдони махсус гирд оварда шудааст.

Бо мақсади муайян кардани раванди инкишофи нутқи шифоҳӣ миёни хонандагони синфҳои 5-11, маҳфили саволу ҷавоб гузаронида шуд, ки чунин нишондиҳанда ба мушоҳида расид: аз рӯйи саволҳои «Бо кадом мақсад мо забони давлатиро меомӯзем»?, «Таассуроти хешро роҷеъ ба диѐри худ баѐн созед», «Кадом шоиру нависандагони тоҷикро мешиносед»?, «Тарҷумаи ҳоли худро баѐн кунед», «Роҷеъ ба муассисаи таълимии худ чӣ гуфта метавонед»?, «Шеърҳои дӯстошаи худро қироат намоед» ва ғайра. Дар посухи саволҳо хонандагони МТМУ №№ 1 ва 14-и ш. Ҳисор, 1-и н. Шаҳринав ва 75-и шаҳри Турсунзода нисбатан фаъол буданд.

Муайян карда шуд, ки мушкилоти асосӣ дар гурӯҳбандӣ нашудани хонандагон ҳангоми дарсҳои забони давлатӣ сабаби қаноатбахш нагардидани соатҳои таълимӣ мегардад. Дар аксари синфҳо аз 35-40 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Дар чунин вазъият муаллим наметавонад ба санҷиши донишу хониши шогирдон, ташаккули нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо муваффақ гардад. Аксари омӯзгорон хоҳиш карда, ки сифати мундариҷаи китобҳои дарсии забони давлатӣ таҷдиди назар карда шавад. Маводи грамматикӣ ва матнҳои интихобшудаи китобҳо барои дарки мавзуъ ва ташаккули муоширати хонандагон пурра мувофиқ намеояд.

Шиносоӣ бо вазъи ҳол нишон дод, ки мутаассифона, дар баробари комёбиҳо дар татбиқи тала боти Барномаи мазкур камбудиву норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Пеш аз ҳама самарабахш сурат нагирифтани тадбирҳои банақшагирифтаи баъзе муассисаҳо оид ба татбиқи Барнома, иҷро нагардидани на ҳамаи бандҳои нақшаи чорабиниҳо, кам ва диққатҷалбкунанда набудани гӯшаҳои тарғиботӣ оид ба Барнома, мавҷуд набудани гӯшаи махсуси намоишӣ дар даҳлез ва дигар ҷойҳои мувофиқи шуъбаҳои маориф ва аксарияти муассисаҳои таълимӣ, бо қарори дахлдори шӯрои педагогӣ мушаххас нагардидани ҳайати татбиқкунандагони барнома, риоя нагардидани талаботи фарҳанги имлои забони тоҷикӣ, омодагии ҷиддӣ нагирифтани баъзе омӯзгорони фанни забони давлатӣ ба соатҳои таълимӣ, на ҳамеша серталаб будани онҳо ба луғатомӯзии хонандагон, ҳамгиро будани фанни забони давлатӣ бо адабиёти тоҷик, кам ба мушоҳида расидани муоширот бо забон давлатӣ дар шароити хонавода ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, нокифоя будани китобҳои дарсӣ аз забони давлатӣ ва маводи дидактикӣ, нарасидани таҷҳизоти техникӣ ва васоити ёрирасони талим аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Омӯзгорони фанни забони давлатӣ аз курсҳои омӯзишӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим гузашта бошанд ҳам, мутаассифона, машғулиятҳои таълимӣ ҳанӯз ҳам ба таври анъанавӣ сурат мегиранд.

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ  аз фанни забони давлатӣ дар 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии интихобгардида бо иштироки хонандагони синфҳои 5 - 11 корҳои хаттӣ гирифта шуд. Матни корҳои хаттӣ, ки асосан аз китобҳои дарсӣ гирифта шудааст, миқдоран аз 80 то 120 калимаро дар бар гирифта, бевосита аз тарафи омӯзгорони фанни забони давлатии муассисаҳои таълимӣ хонда шуданд.

Маълумоти оморӣ оид ба иштироки хонандагон дар арзёбии сифати таҳсилот аз фанни забони давлатӣ ва эҳтиёҷоти муассисаҳо ба китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав дар шакли ҷадвал пешниҳод мегардад (ҷадвалҳои 1, 2, 3, 4).

***Ҷадвали 17. Маълумоти оморӣ оид ба фарогирии хонандагон дар арзёбии сифати таҳсилот аз фанни забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии № 1-и шаҳри Ҳисор***

| т\р | Муассисаи таълимӣ | Синф | Омӯзгор | Ҳамагӣ | Ҳузур доштанд | Баҳо | | | | Хо-ли миё-на | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 5 | 4 | 3 | 2 | | |
| 1. | МТМУ № 1 | $9^{б}$ | Бобораҷабова Д. | 32 | 29 | 8 | 5 | 6 | 9 | 3,4 | 35,0 |
| | | $11^{а}$ | Гиёева М. | 18 | 17 | - | 5 | 9 | 3 | 3,1 | 29,4 |
| 2. | МТМУ № 14 | $7^{в}$ | Рустамова Ф. | 21 | 18 | - | 6 | 7 | 5 | 3,0 | 33,3 |
| | | $9^{в}$ | Латифов Н. | 25 | 23 | - | 5 | 10 | 8 | 2,8 | 21,7 |

***Ҷадвали 18. Маълумоти оморӣ оид ба фарогирии хонандагон дар арзёбии сифати таҳсилот аз фанни забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Шаҳринав***

| т\р | Муас-сисаи таълимӣ | Синф | Омӯзгор | Ҳамагӣ | Ҳузур доштанд | Баҳо | | | | Холи миё-на | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 5 | 4 | 3 | 2 | | |
| 1. | МТМУ № 3 | $8^{а}$ | Негматова Б. | 26 | 26 | 1 | 9 | 10 | 6 | 3,2 | 38,4 |
| | | $11^{б}$ | Зоҳидова З. | 23 | 22 | 1 | 4 | 10 | 7 | 2,9 | 22,7 |
| 2. | МТМУ № 8 | $5^{в}$ | Насриева Ф. | 33 | 30 | 2 | 8 | 12 | 8 | 3,1 | 33,3 |
| | | $11^{г}$ | Раҳимова Т. | 21 | 21 | 1 | 6 | 8 | 6 | 3 | 33,3 |

***Ҷадвали 19. Маълумоти оморӣ оид ба фарогирии хонандагон дар арзёбии сифати таҳсилот аз фанни забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Турсунзода***

| т\р | Муассисаи таълимӣ | Синф | Омӯзгор | Ҳамагӣ | Ҳузур доштанд | Баҳо | | | | Холи миёна | Сифати таҳсилот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 5 | 4 | 3 | 2 | | |
| 1. | МТМУ № 4 | 11а | Мирзоева Ш. | 29 | 27 | 3 | 7 | 14 | 5 | 2,7 | 26,3 |
| | | 6 б | Назарова П. | 20 | 18 | - | 5 | 9 | 3 | 3,1 | 29,4 |
| 2. | МТМУ № 75 | 11 б | Ҷӯраева С. Ҷ. | 16 | 13 | 3 | 5 | 5 | - | 3,5 | 33,5 |
| | | 6 в | Мадвалиева Ҳ. | 20 | 18 | - | 2 | 14 | 2 | 1,8 | 18,7 |

Сабаб, омилҳо ва мушкилоти омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ:

1. Қисман мувофиқат накардани барномаи таълим ба китоби дарсии забони давлатӣ.

2. Китоби дарсии Забони давлатӣ синфҳои 5 ва 11 мазмунан мураккаб таҳия шуда, омӯзиши он барои хонанда мушкилӣ эҷод мекунад. Баъзан матнҳое оварда шудааст, ки барои насли наврас донистани чунин маълумот шояд зарурат надошта бошад.

3. Кам ба мушоҳида расидани муоширит бо забони давлатӣ дар шароити хонавода ва ҷойҳои ҷамъиятӣ.

4. Нарасидани маводи дидактикӣ, таҷҳизоти техникӣ ва васоити ёрирасони таълим.

5. Ҳанӯз ҳам ба таври анъанавӣ гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои зикршуда.

Таҳқиқоти озмоишӣ оид ба ҷараёни ҷирои талаботи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 ба таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои зерин водор сохт, ки дар сурати амалисозии онҳо табиқи чорабиниҳои пешбининамудаи Барномаи мазкур самарноктар хоҳад шуд**:**

1. Дар партави қабули Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 имкони зиёд намудани соатҳои таълимӣ аз ин фан ақаллан дар ҳаҷми як соат андешида шавад.

2. Дастур дода шавад, ки ҳини омӯзиши забони давлатӣ синфҳо ҳатман ба 2 гурӯҳ ҷудо карда шаванд, вагарна кӯшишу заҳматҳои омӯзгор дар самти таълим ва арзёбии дониши хонандагон, ташаккули маҳорату малакаи суханронии онҳо бенатиҷа хоҳад монд.

3. Матни китобҳои дарсии забони давлатӣ мисли китоби забони модарӣ (синфи 1) дар шакли авдиовизуалӣ омода ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шаванд.

4. Роҳнамои омӯзгори фанни зикршуда аз тарафи олимон ва муаллифони китобҳои дарсии забони давлатӣ таҳия ва ба нашр расонида шавад.

5. Мушовирони фанни забони давлатии шуъбаҳои маориф, омӯзгорон ва дигар мутасаддиёни омӯзиши забони давлатӣ имконият, қобилият ва хусусияти дарки ҳар як хонандаро дар раванди такмили салоҳиятҳои асосӣ ба назар гиранд ва раванди таълимро ба ниёз ва эҳтиёҷоти хонанда равона созанд.

6. Ба хонандагоне, ки хоҳиши гирифтани дарсҳои иловагиро доранд, бо ризоияти падару модар ва маъмурияти муассисаи таълим дар асоси қарордод расман иҷозат дода шавад.

7. Ба китобҳои дарсӣ қоидаҳо оид ба ҳама ҳиссаҳои нутқ, аъзоҳои ҷумла ба пуррагӣ илова карда шуда, пайдарҳамии мавзуъҳо ба инобат гирифта шавад.

8. Таҷрибаивазкунии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва иштироки бештари омӯзгорони ҷавон ба дарсҳои собиқадорони соҳа беҳбудӣ мехоҳад ва он боз ҳам қавӣ гардонида шавад.

9. Ҳарчи зудтар нашр ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гардонидани барномаи нави таълим аз фанни забони давлатӣ пайгирӣ карда шавад (мутаассифона, ҳоло ҳам машғулиятҳои омӯзишӣ дар асоси барномаи таълимии қаблӣ сурат мегирад).

**Хулосаи боби 1**

Тавре ба ҳамагон маълум аст вазъияти маориф ва таълиму тарбия дар даврони соҳибистиқлолии кишвар кушишҳои бешуморе баҳри дигаргун сохтани мазмуну мундариҷаи таълим дар мутобиқат бо талаботи замони нав бо мақсади ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии таълим ва тарбияи миллӣ ба харҷ дода шуд.

Дар ин давра Тоҷикистон вазъи ниҳоят сангини дохилӣ ва минтақавиро аз сар мегузаронид. Лекин ба ҳама мушкилотҳо нигоҳ накарда, азнавсозии соҳаи маориф шуруъ шуда буд, ки мисоли равшани он бо Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 1991 пешниҳод гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" [37] буд. Дар ин Қонун ислоҳоти соҳаи маориф ворид карда шуда, баъзе тағйирот дар низоми таҳсилот пешниҳод гардида буд.

Дар ин марҳилаи ҳассос тамоми кормандони соҳаи маориф ба татбиқи қонун машғул шуда, раванди низоми таълимро ба қадри дастрас пеш мебурданд. Дар Тоҷикистон муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият намуда, ба қадри имкон кори таълиму тарбияи насли наврасро ба роҳ монда буданд.

Дар он марҳилаи душвор ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифро ҳадалимкон таъмин сохта, баҳри ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ҷумҳурӣ ҳамаҷониба кӯшиш мекарданд.

Сарфи назар аз ин ҳама, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумуҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, қарору қонунҳо ва барномаҳои давлатиро дар иртибот ба рушди маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамуд. Махсусан дар ин давра тамоми талоши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм ба иҷроиши "Барномаи

давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015” равона гардида буд.

Аз сабаби дар аксари муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон фаъолияти омӯзгориро тарк намуда, ба корҳои дигар гузашта буданд, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус” баромад, ки бо мақсади ҳавасманд гардонидани ҷавонон баъзе имтиёзҳо дар он пешниҳод гардида буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди таҳсилоти томактабӣ моҳи октябри соли 2005 “Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010”-ро [21] қабул намуд. Барномаи мазкур кормандони соҳаи маориф ва мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатиро водор намуд, ки пояҳои моддӣ-техникии ин соҳа пурқувват гардонида шавад.

Вазорати маориф омода намудани кӯдаконро ба мактаб ба инобат гирифта, соли 2009 “Барномаи таълими кӯтоҳмуддат барои омодагии кӯдакони синни 5-7 сола ба мактаб”-ро таҳия намуд, ки ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он ба омодагии мураббияҳо ва мудирони кӯдакистонҳо баҳри татбиқи ин барнома тадбиру чораҳои зарурӣ андешиданд.

Дар соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 38 Маркази инкишофи кӯдакон фаъолият менамуд, ки дар онҳо 900 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд ва бо технологияи компюторӣ таъмин карда шудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти ҳамагонии асосӣ ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007”-ро тасдиқ намуд. Вобаста ба иҷроиши Барномаи мазкур дар муассисаҳои таълимӣ соатҳои таълими фанни “Асосҳои техникаи компюторӣ” зиёд гардида, омӯзиши он аз синфҳои 7 то 11 ҷорӣ гардид. Барои омӯзиш ва омода намудани омӯзгорон ба иҷроиши ин барнома ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон курсҳои омоданамоии омӯзгоронро ба роҳ

монданд. Дар асоси ин барнома ва бахри ичрои Барномаи давлатӣ дар 1823 муассисаи таълимӣ синфхонаҳои компютерӣ ташкил дода шуданд бо 11516 компютер муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазъиятро ба инобат гирифта, марҳилаи дуюми “Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2015” тасдиқ намуд, ки ин раванд 106 % ҳалли хешро ёфт ва дар ин раванд агар пештар ба як компютер 22 нафар хонанда рост меомада бошад, акнун ба 1 компютер 15 нафар хонанда рост меомад, ки ин нишондиҳандаи хубе мебошад.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ қабул ва амлигардонии чорабиниҳои Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои 2015-2020, Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ қабул ва татбиқгардида, стратегияву консепсияҳои миллӣ ва баномаҳои дигари рушди соҳаи маориф, ки дар фавқ зикрашон рафт, дар воқеъ ба рушд ва татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат карда, барои беҳтар шудани шароитҳои педагогӣ ва моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати таҳсилот ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон шароитҳои мусоид фароҳам сохтанд.

# БОБИ 2. ТАКМИЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОР – ЯКЕ АЗ ҲАДАФҲОИ АСОСИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ

## 2.1. Такмили ихтисос – омили асосии рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгор ва баланд бардоштани сифати таҳсилот

Таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллӣ дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, аз омӯзгорони баландихтисос ва бо донишҳои илмию педагогӣ мусаллаҳ вобаста мебошад. Зеро омӯзгорро меъмори рӯҳу ҷисми инсон меноманд. Чунин омӯзгороне , ки ба рушди инсон сару кор доштанд ва дар фаъолияти омӯзгорӣ малакаи баланди касбӣ ҳосил намуда буданд бо сабабҳои ҳодисаҳои сиёсӣ ва таъминоти пасти иқтисодӣ тарки вазифа карда буданд, ё кӯчида аз ҳудуди ҷумҳурӣ берун рафтанд.

Омӯзгор, таҷриба ва дониши он, омили асосӣ дар татбиқи стратегия ва барномаҳои рушди маориф ва инкишофи ҷамъият ва таҳсилоти босифат мебошад, ки дар солҳои ибтидоӣ соҳибистиқлолӣ қариб ба пуррагӣ онро аз даст дода будем. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар тамоми тадбирҳои зарурииро андешид, ки дар муҳлати кутоҳтарин ин вакуми нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ бартараф гардад ва ҳама зинаҳои таҳсилот бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин карда шаванд [9, с.3].

Барои ҳалли ин мушкилот ба омӯзгор зарур меояд, ки дар талаботи ҷаҳони муосир ворид гардида, бо истифода аз донишҳои педагогӣ ва техникаю технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба мисли тахтаи электронӣ, проекторҳо,  шабакаи интернет, корҳои озмоишии автоматикунандаро пеш бурда тавонад. Бар зимми ин,  омӯзгори муосир бояд навовару эҷодкор бошад. Аз ин рӯ, ҳоло омӯзгор аз ҳарвақта дида бештар ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ниёз дорад.

Муҳасилин ва таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти муосир бе ягон шаку шубҳа бояд созандагон ва офарандагони неъматҳои моддии ҷомеаи оянда бошанд ва минбаъд рушди устувори кишварро ҷавононе, ки имрӯз дар паси курсиҳои мактабӣ таълиму тарбия мегиранд, таъмин месозанд. Маҳз ба ин далел, замона ба дӯши омӯзгорон масъулияти бузургеро вогузор кардааст [9, с.5].

Сиёсати стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат ва ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳояшон доир ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дастуру ҳидоятҳо медиҳанд ва аксар ба чунин мазмун таъкид мекунанд: «Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсонеро, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ доранд ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳар чӣ бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад» [76, с.14].

Баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва такмили малакаю маҳорати касбии омӯзгорон аз фаъолияти пурсамари раванди фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ вобаста мебошад. Аз ин хотир, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017 зери №357 «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» [27] қабул гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи масъалаҳои дар барномаи мазкур

омада ва ташаккул ёфтану ҷавобгӯи замони муосир шудани сифати такмили ихтисос пайваста чораҷӯйӣ мекунад.

Бояд донист, ки фаъолияти Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва филиалҳои он дар асоси нақшаҳои фаъолияти донишкадаву филиалҳо, нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос, курсу семинарҳои махсус ва дигар нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, бо мақсади баланд гардидани сифати таълим тамоми тадбирҳои амалӣ меандешанд.

Ҳоло дар Донишкада дар қатори дигар барномаҳои давлатӣ бо мақсади такмил додани системаи амалкунандаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф, ташкили низоми ягонаи такмили ихтисос ҷавобгӯ ба талаботи таҳсилоти ҷаҳонӣ пеш бурда мешавад.

Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №357 тасдиқ гардидааст, андешидани тадбирҳоро тақозо дорад, ки метавонад боиси баланд гардидани сифати таълим бошад. Маъмурияти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳа баҳри дуруст ва самаранок татбиқ гардидани Барномаҳои давлатӣ тадбирҳои заруририро андешида, базаи моддӣ- техникӣ ва кадриро такмил бахшида, роҳҳои татбиқи барномаҳои далатии рушди соҳаи маорифро дарѐфт карда, ҷиҳати амалисозии онҳо пайгирона чораҷӯӣ мекунад, аз он ҷумла, дар асоси шартнома баҳри дар сатҳи зарурӣ татбиқ гардидани Барномаҳои давлатӣ мутахасисони бехтаринро ба донишкада ҳамчун ҳамкор бо додани музди меҳнат ҷалб карда мешаванд.

Дар ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он оид ба раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим як қатор тадбиру чорабиниҳои манфиатовар баргузор намуданд. Дар худи Донишкадаи ҷумҳуриявӣ

барои дастгирии таҳсилоти босифат дар муносибати босалоҳият 22 семинар баргузор карда шуда, ки бештар аз 639 омӯзгоронро барои роҳандозӣ омода намуданд. Аз ҳама бештар омӯзгоронро филиали Динишкадаи ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Хуҷанд ба омӯзиш дар 47 семинари хеш, бештар аз 1388 нафар омӯзгоронро ба фаъолият дар муносибати босалоҳият омода намуд, ки ба манфиати кор мебошад.

Филиали донишкада дар Кӯлоб оид ба раванди татбиқи муносибати босалоҳият дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар доираи ҳамкориҳо бо «Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат» беш аз 20 семинар баргузор намуда, 647 нафар омӯзгорро ба татбиқи барномаи мазкур ҷалб намуд.

Филиали донишкада дар шаҳри Бохтар бештар аз 29 семинар баргузор намуда, ба 941 нафар омӯзгорони аз курсҳо гузашта нозукиҳои татбиқи барномаи мазкурро омӯзонид ва ба фаъолияти касбӣ омода намуд. Ин тадбири манфиатовар аз мадди назари филиали донишкадаи дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Хоруғ дур намонда онҳо, низ семинарҳои фаҳмонидадиҳӣ ва методии хешро бо 562 нафар омӯзгорони забонҳои хориҷӣ баргузор намуданд, ки дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ 4177 нафар омӯзгоронро дар ин самт омода намуданд.

Кормандони филиали донишкада дар шаҳри Кӯлоб бештар аз 70 семинар бо фарогирии 13345 нафар омӯзгорро баргузор намуда, мушкилоти омӯзгорон ва соҳаро осон гардониданд [53, с.5].

Филиали дар шаҳри Бохтари Донишкадаи ҷумҳуриявӣ низ дар раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонид, аз ҷумла 62 семинари омӯзишӣ ташкил намуда, ба 1335 нафар омӯзгорон роҳу тарзи татбиқи барномаҳои давлатиро омӯзонд. Филиали дар Бадахшони Донишкадаи ҷумҳуриявӣ низ семинару машваратҳо ташкил дода, кормандони соҳаро ба раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ омода месозанд. Филиали дар шаҳри Душанбе низ 6 семинар баргузор намуда, бештар аз 61 нафар омӯзгоронро фаро гирифт ва барои роҳандозии муносибати босалоҳият ба таълим омода намуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДҶТИБКСМ бозомузӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро дар маркази диққати хеш қарор дода, соли 2021 аз рӯи нақша тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуданд, аз он ҷумла барои кормандони соҳаи маорифи ин минтақа оид ба роҳанзии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим 86 курсу семинарҳои омӯзишӣ гузаронданд, ки ба онҳо 3740 нафар омӯзгорон фаро гирифта шуданд (Ниг. ба ҷадвали 20).

**Ҷадвали № 20. Фарогирии омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба курсу семинарҳои омузишӣ**

| № | Шаҳру ноҳияҳо | Мувофиқи нақша | Иҷро | Фоиз |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Турсунзода | 646 | 631 | 98 |
| 2. | Шаҳринав | 358 | 316 | 88,2 |
| 3. | Ҳисор | 588 | 618 | 105,1 |
| 4. | Варзоб | 215 | 224 | 104,1 |
| 5. | Рӯдакӣ | 633 | 633 | 100 |
| 6. | Ваҳдат | 534 | 493 | 92,3 |
| 7. | Файзобод | 255 | 200 | 78,4 |
| 8. | Роғун | 155 | 76 | 49 |
| 9. | Нуробод | 173 | 126 | 73 |
| 10. | Сангвор | 142 | 95 | 67 |
| 11. | Рашт | 285 | 146 | 51,2 |
| 12. | Тоҷикобод | 167 | 55 | 33 |
| 13. | Лахш | 217 | 127 | 58,5 |
| | **Ҳамагӣ** | **4368** | **3740** | **86** |

Ин раванд собит намуд, ки нақшаро танҳо ноҳияҳои Варзоб, Ҳисор, Рӯдакӣ ва Лахш барзиёд иҷро карда тавонистанд, аммо дигар ноҳияҳо 70, 80, ё 90% иҷро карда тавонистанду халос, ки ин то як андоза

хунукназариро нисбат ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ифода менамояд [89:52].

Аз рӯи шиносоӣ ба ҳуҷҷатҳои ДҶТИБКСМ маълум гардид, ки дар раванди аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи маорифи шаҳри Бохтар ва шаҳри Кӯлоб, ки дар соли 2021 аз курси такмили ихтисос бояд 8046 нафар омӯзгорон мегузаштанд, аммо нақша пурра иҷро гардида, 19 нафар аз нақша зиёд аз курси такмили ихтисос гузаштанд.

Нақшаи аз курси такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон дар ноҳияҳои: Бохтар 173%, Ёвон 123%, Балхӣ 115%, Панҷ 111%, Вахш 109%, Ҷайҳун 105%, Кушониён 104%, Хуросон 101%, Кӯлоб 124%, Восеъ 110%, Ҳамадонӣ  108% иҷро гардид. Дар ноҳияҳои дигари ин минтақа нақшаи аз курси такмили ихтисос гузаштани кормандони соҳаи маориф иҷро нагардид, ки ин сабабҳои объективӣ ва субъективиро талаб менамояд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар соли 2021 филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 240 курси омӯзиширо бо фарогирии 5100 нафар шунавандагон баргузор намуд, ки ин албатта кори саҳл нест. Худи ҳамон сол аз тарафи филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф 22 семинар бо фарогирии 618 нафар омӯзгорон баргузор карда шуд, ки вазифаи асосии он ҳалли мушкилоти соҳаи маориф маҳсуб меёфт. Дар шаҳри Кӯлоб 136 курс бо фарогири 3227 нафар шунавандагон баргузор карда шуд. Кормандони донишкадаи такмили ихтисоси вилоят 32 семинари мақсаднокро бо фарогири 671 нафар кормандони соҳаи маориф баргузор намуда, роҳҳои татбиқи барномаҳои давлатиро дар минтақаҳо омӯзониданд.

Дар умум аз тарафи кормандони филиалҳои донишкадаҳои вилоят 376 курс бо фарогирии 8327 нафар кормандони соҳаи маориф баргузор карда шуд. Дар ҳудуди вилоят дар ҳамкории донишкадаи такмили ихтисос, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва маркази таълимӣ- методӣ 54 семинар бо фарогирии 1289

нафар омӯзгорон гузаронида шуд, ки дар раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавқеи арзандаро ишғол менамояд.

Мо зарур донистем, ки фаъолияти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандонни соҳаи маорифи шаҳри Кӯлоб ва Бохтарро оид ба фаро гирифтани кормандони соҳаи маориф дар вилояти Хатлон дар соли 2021 муаррифӣ намоем, ки нишондиҳандаҳои фарогирӣ ба тариқи зайл аст (Ниг. ба ҷадвали 6):

***Ҷадвали 21. Фарогирии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифи вилояти Хатлон дар соли 2021***

| Р/т | Номгӯи шаҳр ва ноҳияҳо | Теъдоди омӯзгорони ба курсу семинарҳо фарогириф-ташуда | | Фоиз | ГПО-4 | Шумораи иштирок-чиён дар курсу семинарҳо | Муноси-бати шуъбаҳои маориф ба фарогирии омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷро | | | | |
| 1 | Н.Хусрав | 106 | 177 | 166% | 188 | 69 | хуб |
| 2 | Ҷ.Балхӣ | 420 | 572 | 136% | 679 | 91 | хуб |
| 3 | Бохтар | 98 | 131 | 133% | 311 | 96 | хуб |
| 4 | Ҷайҳун | 260 | 320 | 123% | 427 | 91 | хуб |
| 5 | Ёвон | 446 | 499 | 111% | 711 | 116 | хуб |
| 6 | Шаҳритус | 273 | 300 | 109% | 485 | 95 | хуб |
| 7 | Панҷ | 352 | 382 | 108% | 547 | 90 | хуб |
| 8 | Хуросон | 280 | 292 | 104% | 449 | 96 | хуб |
| 9 | Леваканд | 96 | 90 | 94% | 165 | 93 | хуб |
| 10 | Дӯстӣ | 257 | 233 | 91% | 434 | 71 | хуб |
| 11 | Норак | 138 | 121 | 88% | 246 | 73 | миёна |
| 12 | Кушониён | 453 | 400 | 88% | 787 | 70 | миёна |
| 13 | А.Ҷомӣ | 314 | 271 | 86% | 573 | 91 | миёна |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14 | Вахш | 406 | 341 | 84% | 679 | 98 | миёна |
| 15 | Қубодиён | 401 | 247 | 62% | 669 | 69 | нокифоя |
| 16 | Кӯлоб | 538 | 551 | 102% | 737 | 308 | хуб |
| 17 | Восеъ | 512 | 517 | 101% | 769 | 276 | хуб |
| 18 | Ҳамадонӣ | 245 | 264 | 108% | 457 | 267 | хуб |
| 19 | Фархор | 381 | 398 | 104% | 661 | 212 | хуб |
| 20 | Данғара | 302 | 315 | 104% | 477 | 146 | хуб |
| 21 | Муъминобод | 195 | 197 | 101% | 248 | 253 | хуб |
| 22 | Темурмалик | 227 | 224 | 99% | 272 | 250 | хуб |
| 23 | Ховалинг | 209 | 195 | 93% | 363 | 188 | хуб |
| 24 | Ш.Шоҳин | 210 | 192 | 91% | 266 | 122 | хуб |
| 25 | Балҷувон | 194 | 166 | 85% | 196 | 131 | миёна |
| | **Ҳамагӣ:** | **7313** | **7395** | **2571** | **11796** | **3462** | |

Тадбирҳои андешидашуда нишон медиҳанд, ки дар соли 2018 филиалҳои Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Қӯрғонтеппа 201 курс бо фарогирии 4376 нафар кормандони соҳаро баргузор намуданд. Дар ин раванд 89 семинар баргузор намуда, 2252 нафар кормандони соҳаи маорифро ба раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ шинос намуданд. Дар семинарҳо оид ба роҳандозии муносибати босалоҳият мутахассисон ибрози ақида намуданд. Махсусан оид ба таълими низоми салоҳиятнок бо дастгирии Барномаи глобалии таҳсилот-4 (ГПО-4) 7350 нафар ва аз тарафи филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб 121 курси омӯзишӣ бо фарогири 3019 нафар шунаванда баргузор карда шуд. Донишкадаи вилоятии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ 98 семинар баргузор намуда, 2153 нафар омӯзгоронро фаро гирифта, нозукиҳои муносибати босалоҳиятро дар раванди таълим омӯзониданд. Ба таълими муносибати босалоҳият бештар аз 4446 нафар омӯзгорон фаро гирифта шуданд, ки аз фаъолияти босамари филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Хатлон шаҳодат медиҳад.

Аз ҳисоботҳои ДҶТИБКСМ бар меояд, ки филиалҳои донишкада дар вилояти Хатлон пурсамар кор карда, бештар аз 322 курси омӯзиширо бо фарогирии 7395 нафар омӯзгорон анҷом доданд. Донишкадаи вилоятӣ 187 семинар баргузор намуда, бештар аз 4405 нафар омӯзгоронро фаро гирифт ва дар доираи лоиҳаи гранти шарикии глобалӣ дар таҳсилот (ГПО - 4) 11796 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии шаҳру ноҳияҳои вилоятро аз курсҳои такмили ихтисос дар филиалҳои Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб гузаронид [53, с.47].

Дар соли 2017 филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 172 курси бозомӯзиро баргузор намуда, 4367 нафар шунавандагонро фаро гирифт. Донишкада 43 семинар баргузор намуда ба 1131 нафар шунаванда нозукиҳои фаъолияти касбиро дар талаботҳои нав омӯзонид. Филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб бештар аз 123 курси такмилиро бо фарогири 3034 нафар омӯзгорон ва 17 семинари методиро бо фарогири 425 нафар шунаванда гузаронид.

Дар курсҳои номбурда бештар ба омӯзишӣ нозукиҳои муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, математика, технология (таълими меҳнат) дар вилоят диққати махсус дода шуд. Дар ин курсҳои номбурда 11429 нафар омӯзгорон фаро гирифта шуда, нозукиҳои муносибати босалоҳатро дар таълими фанҳои таълимӣ аз бар намуданд. Дар маҷмӯъ дар соли 2017 филиалҳои донишкадаҳои вилоят 295 курси омӯзишӣ баргузор намуда, 7401 нафар шунавандагонро фаро гирифтанд. Дар кори семинарҳои педагогӣ ва методӣ, ки теъдоди онҳо 60-то мебошад, бештар аз 1580 нафар кормандони соҳаи маорифро фаро гирифтанд.

Кори ДҶТИБКСМ ва филиалҳои онро дар шаҳри Бохтар ва шаҳри Кӯлоб дар соли 2018 чунин арзёбӣ менамоем:

1. Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 179 курси бозомӯзиро бо фарогирии 4616 нафар шунаванда анҷом дод;

2. Дар шаҳри Кӯлоб 116 курси такмили ихтисос бо фарогирии 2782 нафар шунавандагон анҷом дода шуд;

3. Дар филиали шаҳри Бохтар 45 семинари омӯзишӣ бо фарогирии 1233 нафар шунаванда анҷом дода шуд;

4. Дар филиали шаҳри Кӯлоб 17 семинари омӯзишӣ бо фарогирии 467 нафар шунаванда анҷом дода шуд.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби филиалҳои донишкада дар вилоят 295 курси такмили ихтисос бо фарогирии 7398 нафар, 62 семинар бо фарогирии 1700 нафар шунавандагон баргузор карда шудааст, ки дар шароити муосир ниҳоят муҳим мебошад. Филиалҳои дар вилояти Хатлон буда, бештар семинарҳои омӯзиширо оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим барои омӯзгорони фанҳои дақиқ: физика, химия, биология, география ва технологияи информатсионӣ ва лоиҳаи "Ҳамроҳ бихонем" барои синфҳои ибтидоӣ, директорон, китобдорон дар вилоят аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки дар чунин семинарҳо 13637 нафар омӯзгорон фаро гирифта шудаанд.

Дар доираи ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони ҳамкор дар моҳи январ ғайр аз курсҳои нақшавӣ, барои омӯзгорони фанни маърифати оиладорӣ аз тарафи филиали GOPA\PDV (ПЗХ - пешгирии зуроварии хонаводагӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзӯи "Пешгирӣ ва эътино намудани кормандони соҳаи маориф оид ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон" - 27 нафар, ва аз тарафи ЮСАИД барои кормандони шуъбаҳои маориф ва омӯзгорони ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Ховалинг, Балҷувон оид ба мавзӯи "Об барои рушди устувор" - 57 нафар, кормандони маркази миллии тестӣ - 14 нафар аз семинарҳо ташкил ва гузаронида шудаанд.

**Ҷадвали № 22. Баргузории семинарҳои мақсаднок дар муассисаҳои такмили ихтисос**

| № | Муассиса | Семинар | | Фарогирӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Накша | Иҷро | Нақша | Иҷро |
| 1. | ДҶТИБКСМ | 57 | 61 | 1425 | 1432 |
| 2. | ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Хуҷанд | 104 | 91 | 2600 | 2415 |
| 3. | ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб | 17 | 17 | 425 | 467 |
| 4. | ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Бохтар | 45 | 45 | 1125 | 1233 |
| 5. | ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе | 22 | 22 | 600 | 530 |
| 6. | ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Хоруғ | 22 | 22 | 488 | 488 |
| **Ҳамагӣ** | | **267** | **258** | **6663** | **6565** |

Бо мақсади муайян намудани сифат ва самаранокии курсҳои такмили ихтисос дар раванди машғулиятҳо барои омӯзгорон мониторингҳо гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи назоратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаласаҳои шӯрои олимони донишкада баррасӣ карда мешаванд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи нақшаи кории шӯрои олимони ДҶТИБКСМ мониторинги сифати таълим дар 32 курси такмили ихтисос гузаронида шуд, ки он 601 нафар шунавандаро дар бар мегирифт. Бояд таъкид намуд, ки Василевская Н.С. дар китобаш «Баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар шароити навсозии таҳсилот» ниҳоят андешаҳои ҷолиберо пешниҳод менамояд, ки метавонад, ҳамчун роҳнамо хизмат намояд.

Аз маводҳои дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади муайян намудани самаранокии курсҳои такмили ихтисос аз ҷараёни дарсҳои 12 соата бо омӯзгорони ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Тоҷикобод, ки аз курсҳои такмили ихтисос гузашта буданд, таҳлил карда шуда натиҷаи самаранокии курсҳои мазкур мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон на танҳо омӯзгорони мактаб, балки кадрҳои роҳбарикунандаи соҳаи маориф давра ба давра аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаронида мешаванд.

Аз 20-уми декабри соли 2019 бобати баланд бардоштани савияи донишҳои илмию методии омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ кор оғоз гардидааст. Барои омӯзгорони мазкур курсҳои омӯзишӣ дар муносибати босалоҳият ташкил карда шуданд. Дар доираи ҳамкорӣ ДҶТИБКСМ бо Академияи миллии илмҳо курсҳои омӯзишии махсусро дар доираи ҳамкориҳо бо «Барномаи дастгрии таҳсилоти босифат» ташкил карда шудааст, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сифати таълим мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки оид ба ташкилу баргузории курсҳои омӯзишӣ дар татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим корҳои зиёде сомон бахшида шуданд:

-барои омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ дар ҷумҳурӣ дар доираи ҳамкориҳо бо "Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат"-и Иттиҳоди Аврупо дар 3 марҳила аз 16 то 31.01.2018 бештар аз 592 курсҳои омӯзишӣ бо фарогирии 22547 нафар шунаванда ташкил ва баргузор карда шуд. Шунавандагони курси мазкур бо шаҳодатномаҳои хатми курс таъмин карда шудаанд;

- дар доираи гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ 138 курси омӯзишӣ бо мақсади самаранок татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои забонҳои хориҷӣ ташкил карда шуд, ки дар ин курсҳо 4176 нафар омӯзгорон ба нозукиҳои ин муносибат ошно гардиданд;

- тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 973 курси такмили ихтисос ва баландбардории маҳорати касбии нақшавӣ бо фарогирии 23238 нафар шунавандагон баргузор карда шуд;

- аз 973 курси нақшавӣ, 592 курси омӯзишӣ ба муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ таълуқ дошт, ки бештар аз 22547 нафар шунавандагонро фаро гирифт;

- дар 138 курси омӯзишии муносибати босалоҳият дар таълим бештар аз 4177 нафар омӯзгорони забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шуданд;

- Донишкадаи ҷумҳуриявӣ бо филиалҳояш 217 курси омӯзишии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро ташкил дод, ки тавонист бештар аз 4503 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар доираи лоиҳаи "Ҳамроҳ бихонем"-и ЮСАИД ташкил ва баргузор намуд, ки аз 1920 курс иборат буда, 54543 нафар омӯзгорронро фаро гирифта тавонист.

Соли 2020 дар донишкада ва филиалҳои он соли дарёфт ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ  эълон гардид. Бо саъю талоши маъмурияти Донишкадаи ҷумҳуриявӣ 72 дарси намунавии омӯзгорони дорои таҷрибаи пешқадам сабт ва намоиш дода шуданд, ки яке аз роҳҳои паҳн намудани таҷрибаи пешқадам мебошад.

Бо мақсади арзёбии натиҷаи курсҳои такмили маҳорати касбии аз ҷониби ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он тули солҳои 2016-2021 гузаронидашуда ва вазъи татбиқи онҳо аз ҷониби омӯзгорон мо оид ба сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринав омӯзишу таҳқиқоти озмоишӣ баргузор намудем.

Ҷиҳати муайян кардани сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ интихобан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринав омӯзишу таҳқиқ гузаронида шуда,мавриди

таҳлил қарор дода шуд. Дар раванди омӯзишу таҳқиқ натиҷаҳои зерин ошкор ва муайян карда шуданд:

Бо мақсади омӯзишу таҳқиқи сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шаҳри Турсунзода муассисаҳои таълимии зерин мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтанд, ки дар ҷадвали зер оварда шудаанд:

**Ҷадвали 23.** ***Натиҷаи таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Турсунзода***

| **№** | **Сана** | **МТМУ** | **Фан** | **Омӯзгор** | **Синф** | **Шумораи хонандагон** | **Натиҷаи арзёбӣ** Хол/баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 01.05.2023 | №98 | Химия | Нурова Сураё | 11-А | 26 нафар | 68/3 |
| 2 | 01.05.2023 | №98 | Физика | Сироҷиддинова Гавҳар | 9-Д | 39 нафар | 61/3 |
| 3 | 01.05.2023 | №98 | Биология | Ҷамолиддинова Ситора | 9-В | 25 нафар | 68/3 |
| 4 | 02.05.2023 | №12 | Химия | Мансуров Хусрав | 10-В | 22 нафар | 76/4 |
| 5 | 02.05.2023 | №12 | Алгебра | Воҳидова Умринисо | 7-А | 18 нафар | 64/3 |
| 6 | 02.05.2023 | №26 | Математика | Имомова Бодомгул | 5-Б | 23 нафар | 71/3 |
| 7 | 02.05.2023 | №26 | Биология | Одинаев Зубайдулло | 6-Б | 22 нафар | 78/4 |
| 8 | 03.05.2023 | №13 | Математика | Зиёева Моҳинисо | 5-В | 24 нафар | 77/4 |
| 9 | 03.05.2023 | №13 | Биология | Баротова Ҳусноро | 7-Б | 31 нафар | 70/3 |
| 10 | 03.05.2023 | №59 | География | Муҳаммадиев Ҳакималӣ | 10-А | 20 нафар | 76/4 |
| 11 | 03.05.2023 | №59 | Биология | Азизова Фирӯза | 7-А | 20 нафар | 73/3 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар 11 синфи ба озмоиш ҷалбгардида 7 нафар омӯзгор ба баҳои 3 ва 4 нафар ба баҳои 4 баҳогузорӣ шуданд.

Дар раванди дарсҳо омӯзгорон қариб, ки аз аёниятҳо ва технологияи иттилоотӣ таълим ба мисли презентатсия, тахтаи электронӣ ва корҳои амалӣ истифода намебаранд. Гарчанде дар раванди дарсҳо то дараҷае омодагии омӯзгорон ба дарс дида мешаванд ва онҳо дар фаъолияти корияшон навгониҳо ворид кардаанд, аммо ин нишондиҳанда ҳоло ҳам хеле кам мебошад. Омӯзгорон аксаран дарсҳоро ба таври анъанавӣ мегузаронанд, дар ҳоле ки мувофиқи Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд машғулиятҳоро дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим роҳандозӣ кунанд.

Бо мақсади омӯзишу таҳқиқи сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар ноҳияи Шаҳринав муассисаҳои таълимии зерин мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтанд, ки натиҷаи он дар ҷадвали зер оварда шудааст:

**Ҷадвали 24.** ***Натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шаҳринав***

| **№** | **Сана** | **МТМУ** | **Фан** | **Омӯзгор** | **Синф** | **Шумораи хонанда-гон** | **Натиҷа и арзёбӣ** Хол/бахо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 04.05.2023 | №11 | Математика | Дӯстова Мунисa | 6-Г | 25 нафар | 68/3 |
| 2 | 04.05.2023 | №3 | Физика | Шарипова Ҳуснигул | 11-А | 23 нафар | 76/4 |
| | 04.05.2023 | №45 | География | Шарипова Мафтуна | 11-Б | 21 нафар | 72/3 |
| 3 | 05.05.2023 | №4 | Биология | Расулова Гулнора | 7-Б | 25 нафар | 71/3 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 05.05.2023 | №5 | Геометрия | Рустамов Аличон | 10-Б | 23 нафар | 77/4 |
| 12 | 03.05.2023 | №18 | Геометрия | Меликмуро-дова Мухаѐ | 7-Б | 20 нафар | 63/3 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар 6 синфи ба озмоиш ҷалбгардида 3 нафар омӯзгор бо баҳои 3 ва 3 нафар бо баҳои 4 баҳогузорӣ шуданд. Дар раванди дарсҳо омӯзгорон қариб, ки аз аѐниятҳо ва технологияи иттилоотӣ таълим ба мисли презентатсия, тахтаи электронӣ ва корҳои амалӣ истифода намебаранд. Гарчанде дар раванди дарсҳо то дараҷае омодагии омӯзгорон ба дарс дида мешавад, мундариҷаи накшаи тақвимию накшаи яксоатаи дарс ба талаботи барнома ҷавобгӯй аст, вале фаъолияти таълимиии онҳо дар раванди дарс ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аксаран ҷавобгӯ нест. Дарсҳои омӯзгорон ба таври анъанавӣ гузаронида мешаванд.

Сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риѐзии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумиии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринавро оид ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар асоси саволнома/варақаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор дода шуд:

1. Саволнома/варақаи муайян кардани ҳолати нақша-чорабиниҳои муассисаи таълимӣ оид ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риѐзӣ дар соҳаи илму маориф» (иборат аз 8 меъѐр).
2. Саволнома/варақаи муайян кардани омодагии омӯзгор ба дарс (аз рӯйи 11 меъѐр).
3. Саволнома/варақаи арзѐбии дарси омӯзгор (29 меъѐр).
4. Саволнома/варақа барои муайян кардани ҳолати кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ (12 меъѐр).

Дар натиҷаи баргузории таҳқиқоти озмоишӣ дастовард ва норасоиҳои зерини муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринав ошкор гардид:

<u>Дастовардҳо:</u>

- ҳамаи муассисаҳои таълимии мавриди омӯзиш қароргирифта нақша-чорабиниҳо оид ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» доранд;

- фаъолиятҳои бахшида ба 20-сола дар муассисаи таълимӣ анҷомдодашуда дар муассисаҳо протокол карда шуда, дар он сана ва ҷойи баргузории ҷорабинӣ дарҷ гардидааст;

- даври аввали озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» дар муассисаҳои таълимӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он протоколӣ карда шудааст;

- ғолибони даври аввали озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» бо туҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шудаанд;

- қариб ҳамаи омӯзгорон ҳуҷҷатҳои лозимиро барои гузаронидани дарс бо худ доранд (барномаи таълими фан, нақшаи тақвимӣ, нақшаи яксоатаи дарс);

- нақшаи тақвимии омӯзгорон дар асоси барномаи таълими фан таҳия гардидааст;

- дар нақшаи тақвимӣ санаи гузаштани машғулиятҳо дарҷ гардидаанд;

- нақшаи яксоатаи дарсии омӯзгорон ба нақшаи тақвимӣ ва барномаи таълими фан мувофиқ аст;

- мундариҷаи дарси омӯзгорон ба талаботи барномаи таълими фан мувофиқ аст;

- омӯзгорон вақтро то андозае мувофиқи мақсад истифода мебаранд;

- синфро идора карда метавонанд;

- дар дарсҳо аз бозиҳои таълимӣ ва бартарафкунандаи хастагӣ истифода мешаванд;

- омӯзгорон ба саволҳои хонандагон ҷавобҳои саҳеҳ медиҳанд;

– дарсро мустаҳкам мекунанд, хулоса мебароранд ва барои хона супориш медиҳанд;

– фаъолияти хонандагонро арзёбӣ мекунанд;

– дар раванди дарс якчанд маротиба фаъолиятҳои таълимро иваз мекунанд;

– аксари хонандагон китоб, дафтар ва дигар маводи таълимиро бо худ доранд.

– дар муассисаҳо барои омӯзиши аксар фанҳои табиӣ-риёзӣ кабинети алоҳида ҷудо карда шудааст;

– ба кабинети таълимӣ яке аз омӯзгорони фаннӣ вобаста карда шудааст;

– дар кабинет барои гузаронидани таҷриба ва дигар фаъолиятҳои таълимӣ хонандагон метавонанд озодона ҳаракат намоянд;

– мавод ва таҷҳизоти мавҷудаи кабинетҳо дар ҷойҳои махсус, масалан ҷевонҳо нигаҳдорӣ мешаванд;

– дар кабинетҳои таълимӣ хонандагон дар варақҳои махсус ё дафтар бо гузоштани имзо аз қоидаҳои техникаи бехатарӣ огоҳ будани худро тасдиқ кардаанд.

<u>Камбудӣ ва мушкилот:</u>

- на дар ҳамаи муассисаҳои таълимии мавриди омӯзиш қароргирифта оид ба баланд бардоштани маърифати хонандагон аз фанҳои табиӣ-риёзӣ дарсҳои иловагӣ ташкил карда шудааст;

- дар аксари муассисаҳои таълимӣ хонандагон дар маҳфилҳои «Ихтирокорони ҷавон»-и мактабӣ, ноҳиявӣ ва ё шаҳрӣ иштирок намекунанд;

- бо мақсади самаранок амалӣ гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои таббиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бо волидон ҳамкориро нисбати ҷиҳозонидани кабинетҳои таълимӣ ба роҳ мондаанд;

- ҳангоми банақшагирии дарс на ҳамаи омӯзгорон ба талаботи таҳияи нақшаи яксоатаи дарс риоя кардаанд;

- мақсадҳои дарси омӯзгорон ба таври умумӣ таҳия гашта, дар нақшаи дарс мақсадҳои мушаххаси натиҷаҳои таълим нишон дода нашудаанд;

– дар нақшаҳои дарс фаъолиятҳои таълимие, ки ҳангоми иҷрои онҳо хонанда ба ин ѐ он мақсад ноил мегашта бошанд, вуҷуд надоранд;

– на ҳамаи омӯзгорон барои гузаронидани дарс аѐният, маводи дидактикӣ ва васоити техникии таълим омода менамоянд;

– хонандагон бо мақсадҳои дарс шинос карда намешаванд;

– омӯзгорон аз усулҳои интерактивӣ кам истифода мебаранд;

– байни хонандагон муҳокимаронињо ва ангезиши зеҳн ба роҳ монда намешавад;

– маводи омӯхташаванда бо мавзуъҳои гузашта алоқаманд карда намешаванд;

– дар ҷараѐни дарсҳо мазмуни таълим ба талаботи асосии муносибати босалоҳият - бо ҳаѐти воқеӣ алоқаманд кардан дида намешавад;

– супоришҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо хонандагон донишҳои назариявии худро бояд дар амал нишон диҳанд, ниҳоят каманд;

– омӯзгорон ба фаъолияти хонандагон бе истифодаи меъѐрҳо баҳо медиҳанд (шифоҳӣ);

– дар ҷараѐни дарсҳо аз фаъолиятҳои дунафара ва гурӯҳӣ қариб истифода намешаванд;

- на ҳамаи хонандагон ба ҷараѐни дарс ҷалб карда мешаванд, махсусан кор бо сустхонҳо ба роҳ монда нашудааст;

- хонандагон ба фаъолияти ҳамдигар баҳо намедиҳанд.

- на ҳамаи кабинетҳои таълимӣ ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯянд;

- дар кабинетҳо на ҳамаи ҳуҷҷатҳои меъѐрӣ вуҷуд доранд, ба монанди стандарти таълими фан, намунаи нақшаи тақвимӣ, намунаи нақшаҳои дарси кушоди омӯзгор, намунаи меъѐру дараҷаҳо барои арзѐбии фаъолияти хонандагон, ҳисоботи баромади омӯзгор дар иттиҳодияҳои методӣ, шурои омӯзорон, семинарҳо, конференсияҳо ва дигар дастовардҳои омӯзгор;

- кабинетҳо бо маводи дидактикӣ, асбобу анҷом ва таҷҳизоти таълимии муосир пурра ҷиҳозонида нашудааст;

- ороиши эстетикии кабинетҳои таълимӣ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Пешниҳод ва тавсияҳо:

Бо мақсади ислоҳи камбудиҳои дар боло зикршуда пешниҳод карда мешавад, ки шуъбаҳои маориф ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадбирҳои зеринро минбаъд бояд амалӣ кунанд:

1. Сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро вобаста ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мунтазам мавриди арзёбӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда чораҷӯӣ карда, тадбирҳои мушаххас андешидан.

2. Фаъолияти гурӯҳҳои арзёбии сифати таҳсилотро дар шуъба ва муассисаҳои таълимӣ зери назорати қатъӣ қарор дода, натиҷаи фаъолияту арзёбии онҳоро мавриди баррасӣ ва чораҷӯӣ қарор додан.

3. Оид ба амалисозии талаботи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар давраи то соли 2030 ва Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 дар муассисаҳои таълимӣ чораандешӣ намудан.

4. Дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимии бо асбобу таҷҳизоти таълимӣ, маводи ёрирасони методӣ-дидактикӣ ва воситаҳои техникиву аёнии муосир чораҳои мушаххаси амалӣ андешида, амалисозии таълими босифати фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро тибқи талаботи Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар давраи то соли 2030 ва Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025 таъмин кардан.

5. Дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои дарёфт ва харидории реактивҳои химиявӣ, таҷҳизотҳо барои фанни

физика, пайвастагиҳои фаъоли биологӣ, айѐниятҳо ва маводҳои гуногуннавъ, ки дар машғулиятҳои амалии хонандагон заруранд, бо истифода аз имкониятҳои молиявии муассиса чораҳои зарурӣ андешидан.

6. Дар ҳамкорӣ бо муассисаи таҳсилоти иловагӣ барои ҷорӣ намудани соатҳои дарси кушод ва ташкили маҳфилу марказҳои омӯзишӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои хонандагон тадбирҳои мушаххас андешидан.

Натиҷаҳои омушу таҳқиқи баргузорнамударо оид ба сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин самт ҳар чи бештар семинарҳои омӯзишӣ, дарсҳои маҳорат ва дигар чорабиниҳои омӯзишиву методӣ ташкил ва баргузор кардан.

Бори дигар таъкид менамоем, ки донишкадаю марказҳои такмили ихтисос, кабинетҳои методии раѐсату шуъбаҳои маориф ва шуроҳову иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таълимӣ дар масъалаи такмили маҳорати касбии омӯзгорон ҷиҳати татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим  ба таври бояду шояд кор намебаранд. Кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва филиалҳои он ба муассисаҳои таълимӣ ва шуъбаҳои маориф бо мақсади расонидани ёрӣ ё омӯзиши таҷрибаи пешқадам кам мераванд. Олимони варзидаи соҳаро барои хондани лексия оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ кам ҷалб менамоянд. Солҳои қаблӣ дар курсҳои такмили ихтисос зиёда аз 100 нафар лекторон дарс мегуфтанд, ки дар байнашон олимони номдор ва навҷӯ кам набуданд.

Дар соли 2018-2022 аз курси такмили ихтисос оид ба муносибати босалоҳият ба таълим бештар аз 87603 нафар кормандони соҳа гузашта, маҳорати касбии хешро такмил доданд, аммо бо сабабҳои гуногун 15%

аз курсҳо нагузаштанд. Иҷроиши нақшаи аз курсҳои такмили гузаштани кормандони соҳа дар марказ ва тамоми вилоятҳо 85 % иҷро шудааст [55, с.5].

ДҶТИБКСМ вазифадор аст, ки курсҳои баландбардории малакаи касбии мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва муовинҳо, нозирон, мушовирон, роҳбарон, мутахассисон ва мушовирон; муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ; роҳбарон ва мураббиёни мактаб-интарнатҳои ҳама шаклу намуд ва хонаи кӯдакон, баъзе роҳбарони бахши муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон; сармуҳосибон, мутахассисони соҳаи омор, иқтисодчиёни шуъбаҳои маориф, инчунин курсҳои омӯзгорони забонҳои хориҷиро дар сатҳи арзанда баргузор намояд.

Баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф, ворид намудани онҳо ба навгониҳои низоми маориф вазифаи аввалиндараҷаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва филиалҳои он мебошад. Ин донишкада моделҳои азнавсозии низоми тайёр кардани кадрҳои педагогиро дар асоси принсипҳои алоқамандии назария бо амалия, истифодаи технологияи инноватсионӣ, таъмини ҷараёни таълим бо омилҳои зарурӣ ва баланд бардоштани сифати он, таҷдиди назар намудани такмили ихтисоси кадрҳо; пардохти хароҷоти такмили ихтисоси кадрҳо; омӯхтану тақвият додани технологияи муосири иттилоотӣ; ба роҳ мондани низоми самараноки омодасозӣ, бозсозӣ, аттестатсияи кадрҳои роҳбарикунандаи соҳа ва муассисаҳои таълимӣ; ҷорӣ намудани низоми ягонаи ҷобаҷогузории кадрҳои педагогӣ.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 афзалиятҳои асосии Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, ҳадафу вазифаҳои «Таҳсилот барои ҳама» ва дигар санадҳои муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Ин ҳуҷҷат бояд ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта мусоидат намуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои

манфиатдор ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самтҳои афзалиятноки рушди маориф ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати ислоҳоти соҳаи маориф таъмин намояд. Санади мазкур ҳамчун асос барои оқилона ҷудо намудани захираҳои давлатӣ ва ҷалби маблағҳои донорҳо ҷиҳати ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф мебошад. Ба ифодаи дигар, стратегияи мазкур ё худ стратегияи миллӣ ба таҷдиди низоми маориф равона гардидааст, то ки он рисолати худро дар мавриди истифодаи захираҳои асосӣ баҳри баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеа ва шаҳрвандон пурра ба ҷо оварда, ба талаботи иқтисодиёти кишвари рӯ ба инкишоф ҷавобгӯ шуда тавонад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо мақсади рушди пурсамари соҳаи маориф дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бо назардошти шароиту дурнамои рушди кишвар таҳия гардидааст. Инчунин, бо назардошти ҳадафу вазифаҳои ба захираи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандони он ва табдил додани низоми маориф самтҳои асосии зерини Стратегияи миллӣ муайян шудаанд:

- навсозии мазмуни таҳсил;
- ворид намудани тағйирот ба сохтори соҳаи маориф;
- таъмини дастрасии таҳсилоти босифат.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, чунин нуқтаҳо боиси таваҷҷуҳанд: Дар давоми 10 соли наздик дар низоми таҳсилоти умумӣ тағйироти куллӣ ба миён хоҳад омад. Ин ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар раванди таълим равона гардида мақсади он баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори меҳнат мебошад [18].

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 дастоварду комёбиҳои соҳаи маориф ҷамъбаст гардида, баъзан пешниҳодҳои илҳомбахш бобати рушди минбаъдии маорифи кишвар барасӣ гардидааст. Сифати маълумот муайянкунандаи

сифати тарзи ҳаёт буда, барои рушд ва истифодаи қобилиятҳои ҳар як шахс метавонад имкониятҳои мусоидро фароҳам оварад [32, с.8].

Инчунин, таъкид мешавад, ки ислоҳоте, ки дар заминаи Стратегияи мазкур дар соҳаи мароиф ба вуҷуд оварда мешавад, бояд сифатро дар тамоми ҳаёт ва зиндагонӣ ба кас таъмин намуда, кишварамонро бо кормандони босалоҳият таъмин намояд. Ҳамзамон дар Статегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар сиёсати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад ва вазифаҳои наздиктарин ва дурнамои соҳаи маорифи кишварамон муайян карда шудаанд [32, с. 9].

Омӯзишу таҳқиқи оид ба муайянсозии сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон гузаронидашуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои он аз он далолат мекунанд, ки ҳанӯзам дараҷаи салоҳиянокии касбии омаксар омӯзгорон ба талаботи муносибат ба салоҳият ва талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ набуда, аз масъулини соҳаи маорифи кишвар тақозо дорад, ки минбаъд низ ҷиҳати такмил ва ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорон пайваста чорабиниҳои иловагӣ ташкилу баргузор намоянд, раванди такмили ихтисоси омӯзгоронро ба таври муттасил ба роҳ монда, барои ноил шудан ба мақсад дар ин самт ҳар чи бештар роҳу усул ва технологияҳои муосири такмили маҳорати касбии омӯзгоронро дарѐфт намуда, такмили ихтисоси омӯзгоронро тариқи фосилавӣ ба роҳ монанд. Дар шароити муосир ва босуръат тағйирѐбандаи илму технология танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем салоҳиятҳои касбии омӯзгоронро пайваста ташаккул ва рушд диҳем.

## 2.2. Муносибати босалоҳият ба таълим – унсури асосии ислоҳот ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф

Ҷомеаи муосир дар назди тамоми зинаҳои таҳсилот талаботи ниҳоят махсусу баланд мегузорад: наслеро бояд ба воя расонем, ки на танҳо соҳиби дониш, балки ба иқтидори фаъолона истифода бурда тавонистан донишиҳои азхудкарда дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ, баъдан ба

шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муосир мутобиқ сохта тавонистани хеш ва донишҳои азхудкардашудааш бошад, ки имрӯз дар маҷмуъ мафҳуми салоҳ Дар соҳаи маориф муносибати босалоҳият ба таълим нақши созгор дошта, диққати асосӣ ба рушди салоҳиятҳои хонанда ё худ ба ташаккули малакаҳои амалии онҳо равона мегардад. Яъне салоҳиятмандӣ раванди самарабахши таълим ва фаъолмандии комили шахс маҳсуб меёбад.

Салоҳиятмандӣ – соҳиб будан, доро будани шахс ба қобилият ва тавонмандист, ки соҳаи фаъолияти ӯро фаро мегирад ва муносибати шахсиашро ба предмети фаъолияташ нишон медиҳад. Ҷавҳари муносибати босалоҳият аз он иборат аст, ки мо ба хонанда аз фанни таълимӣ мавзуъро чунон омӯзонем, ки дар зиндагиаш ба кор бурда тавонад, вазъияти проблемавие ба вуҷуд оварад ва ҳамроҳи хонандагон ё дар алоҳидагӣ масъаларо ҳал кунад, дар вазъияти воқеӣ онро истифода карда тавонад.

Инсон то кадом андоза ба маданияти баланди сухан ноил бошад, нутқи хаттӣ ва даҳонияш инкишоф ёфта бошад, ҳамон қадар маҳорати гӯш кардан ва ибрози ақида намудан дар фазои ҳаёт ва одаткунии ӯ дар ҷамъият беҳтар сурат мегирад. Ӯ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, таълимӣ ва муносибатҳои байнишахси хешро озодтар ҳис карда метавонад [78, с.5].

Ҳадафҳои анъанавии таълим бо маҷмӯи донишу маҳорат ва малакаҳо муайян карда шудаанд, ки хонанда бояд аз худ карда бошад. Имрӯзҳо чунин усул кофӣ нест. Феълан ҷомеа (муассисаҳои таълимии касбӣ, истеҳсолот, оила) ба шахсони фазлфурӯшу ёвагӯй ва сергапу пучсухан эҳтиёҷ надорад, балки хатмкунандагоне заруранд, ки ба фаъолияти мушаххас дар зиндагӣ шомил мешаванд, қодиранд, ки амалан монеаҳои ҳаёташонро бартараф ва мушкилоти касбии худро ҳал кунанд. Имрӯз вазифаи асосии мактабу маориф тайёр кардани хатмкунандагоне мебошад, ки ҳангоми ба вазъияти мушкил дучор омадан, роҳи ҳалли

онро пайдо кунанд, усули оқилонаро интихоб ва қарори худро асоснок намоянд.

Имрӯз ба хатмкунандагони тамоми зинаҳои таҳсилот зарур меояд, ки донишашонро дар фаъолияти амалӣ васеътар истифода баранд. Барои зиндагию ҳаёти бобарор дар ҷамъият бояд таҷрибаи шахсӣ, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодиро ноил бошанд. Маҳороти эҷодиро татбиқ намуда, шахс бояд модул, лоиҳа ва конструксия сохта тавонад.

Тарзе аён аст, дар фармоиши иҷтимоӣ дар бораи соҳаи фаъолият эҷодӣ гуфта мешавад, ки маълумотнокӣ ё босаводӣ, мутаассифона дар шароити имрӯза дастнорас гардида истода ва ба ташвиши сиёсати маориф табдил ёфтааст. Имрӯз масъала дар бораи навсозии низоми таълим дар асоси муносибати босалоҳият дар тамоми зинаҳои таълим ниҳоят тезутунд шинохта мешавад.

Дар раванди ин муносибат, мутобиқи ақидаи педагогони машҳур, Е.А. Коган, В.В. Лаптев, О.Е. Эльконин ва дигарон пеш аз ҳама бояд дар бораи мазмуни таълим чораҳо андешида шавад. Иваз гардидани муносибати донишдиҳандагии таълими босалоҳият ифодакунандаи навсозии низоми нави таълим бо майл ба мутобиқат ба Стандарти ҷаҳонии таҳсилот мебошад. Муносибати босалоҳият дар ҷойи аввал на огоҳии ахбории донишҷӯ, балки маҳорати ҳал карда тавонистани мушкилоти мушаххасро мегузорад. Донишҳои фаннӣ дигар наметавонанд, мақсад бошанд, балки тобегиро иҷро намуда, мавқеи майлкуниро ба ҷо меоранд [125,с.33].

Аз нуқтаи назари механизми кодгузорӣ ва декодии ахбор, фаъолияти шифоҳӣ ҳамчун мафҳуми фарогир чор шакли фаъолиятро ифода менамояд: гуфтугӯӣ, гӯшкунӣ, навиштан, хондан, ки Донишкадаи такмили ихтисос ва филиалҳои он ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Бобарорӣ ва самаранокии муоширати шифоҳӣ, аз он вобаста мебошад, ки дар ҳар як инсони мушаххас малакаи хондан, гӯш кардан, гуфтан ва навиштан то кадом андоза ташаккул ёфтааст, агар

ташаккул наёфта бошад, дар навбати аввал ба ташаккули он диққатро равона намудан зарур аст.

Он чӣ талаботи ҷамъиятист барои тамоми аъзоёни ҷамъият ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад ва ҳама аъзоёни ҷамъият онро бояд бе чуну чаро иҷро намоянд. Ғайр аз ин, дараҷаи ташаккулёбии малакаи фаъолияти гуфтугӯӣ (дараҷаи салоҳияти муоширатӣ) нишондиҳандаи маданияти умумиинсонӣ шуда хизмат мекунад. Салоҳияти муоширатӣ аз ҷониби М.Н. Вятютнев ҳамчун интихоб ва татбиқи барномаи рафтори гуфтугӯӣ коркард гардидааст. Салоҳияти муоширатӣ аз иқтидори инсон дар ин ё он ҳолати муоширатӣ, аз тавоноии синфбандии ҳолат дар вобастагӣ аз мавзуъ, вазифа, мавқеъгирии муоширатӣ, инчунин одаткунӣ ба суҳбат ибтидо мегирад [128;87].

Сарофози мафҳуми «салоҳиятнокӣ» дар методикаи таълим онро хотиррасон менамояд, ки мо аз стратегияи таълим (дар хонандагон ташаккул додани низоми ДММ) ба стратегияи аз худ намудани мазмуни маводи таълимӣ, ҳамчун ба ҷараёни шууронаи шахсӣ- ҳамоҳангсозӣ мегузарем.

Ин навсозӣ, дар фаъолияти Донишкадаи ҷумҳуриявӣ ва филиалҳои он дурусту барҳақ мебошад, зеро он далелест, ки шахсро дудила шудан намегузорад. Он меъёр ва қоидаҳои забонро осон дар хотир нигоҳ дошта, зарурияти донистани забонро дар хонандагон мустаҳкам месозад. Хонандагон онро такроран истеҳсол намуда, истифода мебаранд, агар мавқеи онро шуурона дарк намоянд, дар ҷараёни муошират ба хатогӣ роҳ намедиҳанд.

О.В.Филипова таъкид менамояд: «Дар натиҷаи татбиқи муносибати босалоҳият мактаббача бояд шахсияти муоширатӣ гашта – ба одаме табдил ёбад, ки аз нуқтаи назари омодагии ӯ ба муошират мавод наҷӯяд, балки ба муошират ҳамеша омода мебошад».

Вазифаи муассисаи таълимӣ аз он иборат аст, ки дар хонанда ва донишҷӯён тавоноии коркарди воситаҳои муоширатро дар ҷараёни гуфтугӯ бо ҳамсуҳбатони гуногун дар вазъиятҳои гуногуни ҳамкорӣ

ташаккул дода тавонад. Инчунин муассисаи таълимӣ вазифадор аст, ки барои ташаккул додани тарзи шахсии одоби муошират ба хонандагону донишҷӯён ёрӣ расонад.

Аз мавқеи муносибати босалоҳият дида баромадани фаъолияти касбӣ ва ташаккули тамсилаи салоҳиятнокии омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилот ва инчунин шароити ташаккулёбии чунин амсилаи технологӣ дар низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон дорои арзиши арзанда мебошад.

Дар шароити навсозии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вабаста ба шароити иҷтимоӣ- педагогӣ ворид намудани тағйирот дар тафаккури касбӣ ва дар фаъолияти шахсии омӯзгорон ва инчунин дар омода намудан, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон муносибатро дигар кардан зарур аст.

Навсозии мазмуну маҳорати касбии омӯзгоронро чунин омилҳо тавоно мегардонанд, ки ба татбиқи муносибати босалоҳият дар омодагии касбии кадрҳои педагогӣ, ки ба мазмуни таҳсилот ва хизматрасониҳои педагогӣ мутобиқ бошад, ташкил медиҳад. Дар ин бора мубоҳиса дар бораи тарафҳои манфӣ ва мусбати муносибати босалоҳият рафта истодааст, ки дар натиҷаи мубоҳиса омилҳои зерин пайдо гардидаанд:

- ҷаҳонишавӣ, тағйироти таркиби иқтисоди бозоргонӣ, инкишофи технология, ҳамчун натиҷаи талаботи баланд ба мутахассисон, ки барои дар шароити ивазшаванда кор кардан иқтидор ва омодагии касбӣ дошта бошад;

- омодагии бозори меҳнат, ба пешниҳод намудани талаботҳои нав ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ: оид ба одаткунӣ, иқтидори баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар оғози фаъолияти меҳнатӣ, омодагӣ ба омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт.

- зарурият ба инкишоф додани тахассуси касбӣ ва захираҳои меҳнатӣ барои бозори осиёгӣ ва аврупоии меҳнат бо мақсади устувор гардонидани дараҷаи касбӣ ва мансабӣ;

- интернатсионаликунонӣ ва тафриқасозии низоми таълими аврупоӣ;

- инкишоф додани хизматрасониҳои таълимии ғайридонишгоҳӣ;

- тағйироти таркибӣ дар низоми таълим, ки бо талаботи гузаштан аз таълими фаннӣ ба натиҷаи таълим нигаронида шудааст ва имконияти тафриқасозии таълими анъанавӣ ба касбӣ ва омодагии амалиро талаб менамояд;

- норозигии фармоишгарон ва ба ҷойи кор таъминкунандагону ҷамъият нисбат ба сифати омодагии касбии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти касбии муосир.

Гузаштан ба муносибати босалоҳият – ин муносибате мебошад, ки диққатро ба натиҷаи таълим бештар ҷалб менамояд. Ин муносибат диққатро на ба сифати натиҷа, на ба маҷмӯи азхудкунии ахбор, балки ба тавоноии фаъолияти инсон дар ҳолатҳои гуногуни мушкилотӣ ҷалб менамояд. Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки фикру мулоҳизаи шахсиро низ ба ҷараёни таълим ворид намоем. Лоиҳакашӣ ва татбиқи чунин технология, ки вазъиятро ба вуҷуд меорад, хонандагон ва донишҷӯёнро ба намудҳои гуногуни фаъолият сафарбар менамояд.

Моҳияти муносибати босалоҳият ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар корҳои илмӣ- назариявӣ ва илмӣ- методии бисёр олимони тоҷик ва хориҷӣ ифодаи хешро ёфтаанд. Муваффақияти низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёртар аз рӯи сифати кадрҳои илмӣ- педагогӣ ва кадрҳои идоракунанда муайян карда мешавад.

Гузаштан ба низоми бисёрзинагии омода намудани кадрҳо, инчунин бетанафусии таълим ва таркиби ташкилии он талаб менамояд, ки асосҳои методологӣ, ташкилӣ, равонӣ ва педагогии лоиҳакашии инноватсионии ҷараёни таълим дигаргун карда шавад. Дар ин муносибат низоми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони тамоми зинаи таҳсилот мавриди таҷдиди назар бояд қарор дода шавад, ки ин кори муқаддасро Донишкадаи такмили ихтисос ба ҷо меорад ва

дар раванди татбиқи ислоҳоти маориф мавқеи арзандаро ишғол менамояд [55, с.39].

Ҳадафи охирини фаъолияти касбӣ- педагогии омӯзгор аз омода намудани мутахассис касбияти босалоҳият, ки ба фаъолияти инноватсионӣ омода бошад, иборат аст. Ворид гардидани Тоҷикистон ба раванди Болония ва пайдо гардидани ҳуҷҷатҳое, ки самти инкишофи маориф ва илми Тоҷикистонро бо ба инобат гирифтани анъанаҳои ҷаҳонӣ муайян карда тавонанд, аз фаъолияти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос маншаъ мегирад. Барои коркарди насли сеюми СДТ МТОК муносибати босалоҳият ҳамчун меъёр ё асос хизмат мекунад. Дар дараҷаи қонунгузорӣ, меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дараҷаҳо баён ёфтанд, ки имкон медиҳанд сифати омодасозии мутахассисон чен ва дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба роҳ монда шавад. Дар асоси чунин баҳогузорӣ сифати барномаҳои таълимӣ низ муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои байналхалқӣ ва дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ватанӣ дар масъалаи тамоми зинаҳои таҳсилот мавқеи калидӣ доштани Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ дар ҷараёни таҳсилот қайд карда шудааст. Масъала дар бораи салоҳиятҳои ҳайати профессорӣ-омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки иқтидори аз бар намудани салоҳиятҳои донишҷӯёнро таъмин намуданро доранд, ниҳоят дар ҷодаи ба роҳ мондани муносибати босалоҳият мубрам мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дар асоси Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 таҳияи барномаи баланд бардоштани маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ, актуалӣ гардонидани вазифаи тайёр намудани модулҳои таълимӣ ва беҳтар намудани омодагии касбии мутахассисони оянда ҷойи хоссаро ишғол менамояд [21]. Барои ҳалли ин вазифаҳо дар заминаи модулҳо оид ба мавзуи «Самтҳои равонии ҳамкориҳои байни шахсиятӣ»

тренингҳо оид ба тарзи гузаронидани дарсҳо дар асоси методҳои фаъоли таълим гузаронида шуданд ва мешаванд.

Барномаҳои кӯтоҳмуддат (то 72 соат), ки барои баланд бардоштани як қатор салоҳиятҳои касбии омӯзгорон пеш аз ҳама: иқтидори кормандони илмӣ- педагогӣ, ки ба коркарди ҳуҷҷатҳои ба барномаҳои таҳсилот вабаста ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мансубанд, амал менамоянд.

Омодагии омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилот ба сохтан ва истифода бурдан аз захираҳои фаъоли таълимӣ, ташкили дурусти ҷараёни маълумотӣ вобаста мебошад. Омодагии омӯзгор ба татбиқи таълими лоиҳавӣ-ташкилӣ дар таркиби нақшаи таълимии интерактивӣ ошкор мегардад.

Бисёр марказҳои минтақавӣ дар Тоҷикистон ба омодасозӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии мутахассисони соҳаҳои гуногун вабаста ба нақшаҳои муосири таълим сару кор мегиранд. Кори марказҳои минтақавӣ самаранок буда метавонанд, асосҳои тамсилаи васеъ намудани хизматрасониҳои таълимро дарк намоянд. Таълим бо барномаи мазкур васеъ ва чуқур гардонидани омодагии амалиро дар соҳаи идоракунии фаъолияти факулта ва кафедра дар ҷараёни таълим талаб менамояд.

Бартарии асосии ин барномаҳо дар он мебошад, ки бештар ба модулҳои муносибати босалоҳият дар таълим сару кор гирифта, дар раванди он шунавандагони курсҳои такмили ихтисос имкон пайдо менамоянд:

- дониши системанокро дар бораи салоҳиятнокӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ҳосил намоянд;

- навсозии низоми роҳбариро ба фаъолияти кафедра, факултет дар мутобиқат ба салоҳиятнокӣ- таҳсилоти майлкунанда истифода баранд;

- аз худ намудани нақшаҳои стратегӣ ва тактикии зерсохторҳои таркибии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот дар шароити муосир;

- такмил додани маҳорати коркарди барномаҳои таҳсилотӣ дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ;

- ноил будан ба маҳорати ташкили корҳои илмӣ таҳқиқотӣ, аз ҷумла омода намудани фармоиш барои иштирок дар озмуни лоиҳаҳои таҳсилотӣ.

*Коркард аз рӯи мавзуи барномаи баландбардории тахассус кафолат дода мешавад:*

- сифати таълим аз омӯзгорони баландтахассуси соҳа ба омӯзгорони дорои муносибати фардӣ дар ташкили таълим;

- ҷараёни таҳсилот бояд характери дидактикиро ноил буда, дар худ китобҳои муаллифӣ, дастурҳои методии тавсиявии ИТМ- ро фаро гирад.

Омӯзгорон бояд шаҳодатнома дар бораи гузаштан аз курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Менеҷменти татбиққунандаи барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ: мутобиқи муносибати босалоҳият» дар ҳаҷми 72 соатро бояд дар даст дошта бошанд.

Татбиқи муносибати босалоҳият ва ба он вобаста технологияи гуманитарӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот оҳиста-оҳиста амалӣ мегардад. Ворид намудани компонентҳои нав дар ҷараёни таълим бо тарзҳои гуногун дар мутобиқат ба омодагии коллективи омӯзгорон ба дигаргуниҳо гузаронида мешавад. Мавқеи омӯзгор моҳияти худро нигоҳ медорад, лекин акнун он бештар дараҷаи баланди машваратро бо хонандагон дар назар дорад.

Дар шароити муосир роҳандозии муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ оғоз гардида, идома дорад. Дар ин раванд ба саросемагӣ ва шитобкорӣ роҳ додан даркор набуда, дар тамоми зинаҳои таҳсилот омӯзиши васеи махсусиятҳои муносибати салоҳиятнокиро ташкил додан зарур аст, то ҳамаҷониба бахри роҳандозии бенуқсони он фаҳмиш пайдо гардаду дар ин раванд ба хатогӣ роҳ дода нашавад. Дар раванди роҳандозӣ ва татбиқи ин муносибат ҳамагон бояд чиро фаҳманд:

*- назарияи умумӣ ва махсусияти мавҷуда оид ба таҳсилоти босалоҳият пурра муҳокима ва баррасӣ гардад;*

*- дастрас намудани намунаҳои китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, стандарту силлабусҳои ба талаботи муносибати босалоҳиятнок мансуб, ки дар кишварҳои дигар таҳия шудаанд;*

*- ташкил ва гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар барои мураттибони ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии ин низоми таҳсилот;*

*- мураттибони барнома, стандартҳо ва силлабусҳои фаннӣ, муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият корро дар асоси талаботи роҳнамо ба роҳ монанд.*

Стандартҳои тахассусӣ дар тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Тоҷикистон мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият омода гардонида шуданд.

Инчунин, дар тамоми ихтисосу тахассусҳо салоҳиятҳои умумиихтисосӣ ва умумикасбӣ дар чунин шакл равшану возеҳ ифода карда шудааст:

*- дар раванди таҳияи стандартҳои тахассусӣ аз рӯи тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии амалкунанда талаботи таҳсилоти босалоҳият ба инобат гирифта шавад;*

*- дар тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ амалкунанда мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият Маркази таълимию методӣ ташхиси стандартҳои тахассусӣ гузаронида, бо тақризи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба истифода тавсия дода шавад;*

*- стандартҳои тахассусии насли нав аз рӯи тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ амалкунанда мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият омода гардонида шуда, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.*

Таҳия ва тасдиқи барномаҳои корӣ, силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият аз тамоми фанҳое,

ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот таълим дода мешаванд, дар чунин шакл бояд сурат гирад:

- *дурустӣ ё нодурустии таҳияи силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) бо нишондоди* ***салоҳиятҳои умумифаннӣ*** *аз рӯи тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ таълим дода мешаванд аз фаъолияти раёсат (шуъба)-и таълимии муассисаҳо, кафедраҳо ва иттиҳодияи методӣ вобаста мебошад;*

- *иттиҳодияҳои методӣ, шуъбаи таълим, кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар таҳияи силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) бо нишондоди* ***салоҳиятҳои фаннӣ-мавзуии*** *тамоми фанҳое, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот таълим дода мешаванд, диққат диҳанд;*

- *тасдиқи нақшаҳои таълимӣ, силлабусҳо (барномаҳои таълимӣ) аз рӯйи тамоми фанҳое, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот таълим дода мешаванд, мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият дар сатҳи муассисаҳо амалӣ гардонида шавад.*

Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешаванд. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи тадриси фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Мо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он маълумот гирифтем, аз ҷониби дигар дар муошират, дар суҳбати расмию касбӣ мо ифодаи “шахсияти салоҳиятнок”-ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки он имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият ифода менамояд. Мо медонем, ки вазифаи ҳар як фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди низоми дониш, малака ва маҳорати фанни таълимӣ, ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ ва фаннӣ низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешавад.

Салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

*1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ:*

– истифода бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълимӣ;

– таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он, ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва сохтани чизи том;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намуда тавонистани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

*2. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ:*

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии хонандагону донишҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам;

– ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;

– ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб;

– ёд гирифтани сохтан ё бозсозии ашё, ақидаҳо тавассути тағйир додан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.

*Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ инҳоянд:*

– тавоноии таҳлил ва баҳогузорӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;

– дарёфти фарқияти байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

*Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахсиятӣ инҳоянд:*

– хонанда ё донишҷӯ эътироф намояд, боварӣ ҳосил намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷриба ба худшиносӣ ба арзиш ва рафтори шахс таъсир мерасонад;

– ташаккул додани малака, фаҳмиш ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамоянд;

– муҳокима, таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият;

– бедор намудани боварии хонандагону донишҷӯён ба иқтидору қобилияти хеш;

– фаъолияти муташаккилонаи мақомоти худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан дар он сарчашмаи инкишоф;

– ташаккули шахсиятии хонандагон ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки қадру қимати хеш ва ҳифз намудани дигарон:*

– равшанфикр ва озодандешу озодбаён будан;

– омӯхтани маданият ва фарҳанги халқҳои гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба он;

– эътироф ва қадр кардани қимат ва арзишҳои гуногун, ки на ҳама вақт ба ақидаи шумо рост меоянд.

*Дарк ва қадр кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯзиши вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғ.;

– ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонда метавонад;

– таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

– эътимоднокона нишон дода тавонистан, ки рафторҳои одамон чӣ тавр метавонанд ба некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбат ё манфӣ расонида метавонад.

*Ташаккули савияи маърифат. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни таълим:*

– дарки муҳиммияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

– маърифатнокӣ аз захираи калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборат аст, ки ҳар яки он мазмуни гуногунро ифода менамояд;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳо чен мегардад;

– аз бар намудани ақидаҳо ва маълумотҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

*Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути донишҳои муайян:*

– ҷустуҷӯи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

– истифода аз донишҳо дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумотҳои хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;

– истифода аз ақидаҳо ва технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

*Баёни натиҷаҳои фаҳмиш ва маън намудани донишҳои муайян:*

– дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират карда тавонистан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

– истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;

– пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

– интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муошират самаранок ва боодобона.

*Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:*

-таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;

-ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароитҳои дигар;

-риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;

-нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди эҳтироми ҳар як шахс;

-таҳқиқи он, ки арзиш ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар бой гардонидани ахлоқи башарӣ васеъ истифодашаванда мебошанд ё не.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:*

– нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан дар вақтҳои зарурӣ;

– имконият додан барои саҳмгузории ҳар як шахс дар ифодаи афкор ва андеша;

– ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод карда тавонистани ақидаҳои гуногуни манфиатовар;

– истифода аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшаванда;

– зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳс.

Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос дар раванди курсҳои бозомӯзӣ диққати хешро бештар ба талаботҳои муносибати салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ равона намуда, эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳайё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа равона намояд [55, с.93].

Ба андешаи мо, хатмкунандаи беҳтарин - ин на аллома бо ҷаҳонбинии васеъ, балки шахсест, ки дар назди худ ҳадафҳо мегузорад, фикри ҳалли мусбати онҳоро мекунад, муошират бамантиқ ва озод дорад, дар фазои муосири иттилоотӣ ва фарҳангӣ озодона зиста ва амал карда метавонад, интихоби огоҳона дошта, масъулият ҳис мекунад, мушкилоти мавҷударо паси сар мекунад ва ҳоказо. Ҳар яке аз ин сифатҳо аз мавҷудият ва ташаккули «салоҳият» дарак медиҳад.

Дар назди мактаб вазифа гузошта шудааст, ки салоҳиятҳоро ташаккул диҳад. Аз ҷумла, салоҳиятҳои асосӣ, байнифаннӣ, фаннӣ ва болоифаннӣ. Мутахассисон ва донишмандон ҳафт салоҳияти асосиро зикр намудаанд, вале дар доираи дастуру супоришоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар силсилаи салоҳиятҳои асосии хонандагон панҷ салоҳият қабул гардида, тавсия шудааст, ки дар ҷараёни дарсҳо ба ташаккули онҳо диққат ва эътибори ҷиддӣ равона гардад роҳу усули муносибати босалоҳият ба таълим аз шакли омӯзиши анъанавӣ фарқ мекунад. Чунончи, дар таълими анъанавӣ хонанда дар як чаҳорчӯба нигоҳ дошта мешавад ва аз рӯйи барнома ва мавзуъ дар

доираи маҳдуди донишандӯзӣ ва салоҳиятмандӣ қарор дорад. Тафаккури интиқодӣ, озодӣ дар баёни афкор дар таълими анънавӣ ҷой надорад.

Дар нақшаи зерин фарқияти усули муносибати босалоҳият аз таълим бо усули анъанавӣ нишон дода шудааст:

**Ҷадвали 25. Фарқияти усули муносибати босалоҳият ба таълим аз усули анъанавӣ**

| Таълими анъанавӣ (муносибати ба дониш асосёфта) | Таълим дар асоси муносибати босалоҳият (таълими ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронидашуда) |
|---|---|
| Он чизеро, ки мефаҳмонем, ҳамонро мепурсем. Натиҷаи додашуда такрори намунаи дақиқро дар назар дорад, муваффақият ҳангоми муқоиса бо меъёр муайян карда мешавад. | Меъёр муқаррар намешавад. Таълим ва санҷиш аз рӯйи масъалаҳои ғайристандартӣ гузаронида мешавад. Омодагӣ ба амали маҳсулноки мустақилона равшан ба назар мерасад. |
| Ҷадвали анъанавии 5-баллӣ. Барои муаллим нақшаи асосӣ «иҷро шуд–иҷро нашуд» мебошад. Чунин низоми баҳодиҳӣ ҳалли масъалаҳои ғайримеъёриро ҳавасманд намекунад, зеро ба қадри тавон арзёбӣ кардани онҳо ғайриимкон аст. | «Ҳамёни дастовардҳои хонанда», низоми маҷмӯии баҳогузорӣ ҳамчун василаи муаррифии дастовардҳои хонанда равшан ба чашм мерасад. |
| Талаботи педагогӣ. Барои хонандаи муваффақ якҷоя кардани фаъолият ва итоаткорӣ пешбинӣ шудааст. | Педагогикаи имкониятҳо фаровон аст. Дар асоси майлу рағбат ба салоҳиятмандӣ ҳавасмандии хонандагон дар заминаи мувофиқат ва самтгирӣ ба мақсадҳои ояндаи инкишофи шахсияти мактабхон нигаронида шудааст. |
| Мавқеи устод – шахси ташаббускор ва масъулиятшинос, довар, мавқеъгирии бузург, дорандаи «донишҳои муқаддас» буда, пораҳои | Муаллим монополияи донишро талаб намекунад, вай мавқеи ёридиҳанда ва мушовирро иҷро мекунад, танҳо ҷараёни дарсро назорат мекунад, ба танзим |

| | |
|---|---|
| ин донишро ба беҳтаринҳо медиҳад. | медарорад, роҳнамоӣ мекунад. |
| Дарс. Омӯзиши анъанавӣ хусусияти репродуктивӣ дорад. Дониш ва усулҳои амалӣ ба хонандагон дар шакли тайёр пешниҳод мешаванд. | Дарс яке аз шаклҳои имконпазири омӯзиш пазируфта шуда, диққати асосӣ ба густаришу ташкили шаклҳои нав ва ҷадиди таълим – лоиҳаҳо, фаъолияти мустақилона дар китобхона, синфҳои компютерӣ ва ғайра дода мешавад. |

Муносибати босалоҳият ба таълим ҳадафи мушаххас дорад: омода намудани шогирдони мактаб ба ҳаёти оянда. Муайян намудани моҳият ва маънои муносибати босалоҳият ба таълим метавонад барои равшантару саҳеҳтар дарк намудани масъала мусоидат намояд. Интихоби дурусти истилоҳ низ як ҷанбаи муваффақият аст.

Дар таълими босалоҳият дониши хонандагон дар заминаи ҷустуҷӯ ва фаъолияти мустақилона вусъат ёфта, вазифаи омӯзгор ташкили роҳу усули расидан ба матлаб аст. Вазифаҳои омӯзгор дар чунин вазъу низоми таълим муайян мегардад:

**Ҷадвали 26. Вазифаҳои омӯзгор дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим**



Муносибати босалоҳият ба таълим аз шакли маъмул ва анъанавии таҳсил фарқ дорад. Дар дастури «Бартарии асосии муносибати босалоҳият дар таълим» имконияти омодагии хатмкунандаи мактаб ба иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа арзёбӣ мегардад. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи муқаррарот бояд салоҳиятҳои зеринро дошта бошад:

**Ҷадвали 27. Салоҳиятҳое, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дошта бошад**




Дар раванди таълим дониш чун омили рушди маҳорат ва малака барои санҷидан, муқоиса намудан ва ислоҳ кардани ғалатҳо ба кор бурда мешавад. Ҳар як усули таълим мақсад ва вазифаҳои худро дорад, зеро мақсади ҳар як усул додани дониш, вусъати маълумот ва иттилоот, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон аст.

Интихоби усули босамари таълим аз ҷониби омӯзгор хеле муҳим аст, зеро он тамоми имкониятҳо ва маҳорати хешро ба роҳ мемонад, то ин ки хонандагон маҳорат, қобилият ва дониши хешро дар амал татбиқ намуда тавонанд, яъне салоҳиятмандии хешро собит намоянд. Барои ташаккули салоҳиятмандии хонандагон, рушди малака ва ҷаҳонбинии

онҳо фазои солими омӯзиш ва фароҳам будани шароитҳои педагогӣ масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Доир намудани бозиҳо, ба миён овардани проблема ва ҷустани роҳҳои ҳалли он, ташкили корҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, эҳтироми андешаи ҳар як хонанда, озодӣ дар баёни таҳлил ва нақл, истифода аз методҳои нави таълими босалоҳият, санҷишҳои тестӣ, муқоиса тавассути диаграмма ва таблитсаю нақшаҳо, ба кор бурдани аёниятҳо вобаста ба мавзуъ, истифодаи технологияи инноватсионӣ, намоиши наворҳои видеоӣ, презентатсияҳо ва амсоли он боис мегардад, ки хонандагон нисбати дарси салоҳиятнок майлу рағбат ва шавқмандии зиёд пайдо карданд. Бешубҳа, босифат ва мақсаднок амалӣ гардидани ин нуктаҳо аз маҳорат ва малакаи омӯзгор низ вобастагии амиқ дорад.

Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани вазъи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоии шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида шуд.

Соли 2021 вазъи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими синфҳои ибтидоӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №15, 41, 71, 100-и ноҳияи Шоҳмансур ва 5, 17, 18, 24 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6, 7, 8, 9, Литсейи «Ориёно»-и шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва таҳлилу натиҷагириҳо қарор дода шуд.

Соли панҷум аст, ки дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф татбиқи низоми таълими босалоҳият дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ (дар зинаи аввали таҳсилот) амалӣ мегардад. Татбиқи низоми мазкур омӯзгорони синфҳои ибтидоиро водор месозад, ки муносибати худро ба таълим дигар сохта, аз вижагиҳои таҳсилоти замонавӣ бархурдор бошанд ва таълимро дар сатҳу сифати баланд ба роҳ монанд.

Омӯзишу таҳқиқи масъала ошкор сохт, ки масъалаҳои вобаста ба татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар нақшаи кори

шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсии шаҳри Душанбе ва шуъбаи маорифи шаҳри Қӯрғонтеппа ва машваратҳои назди мудирони шуъбаҳо ба нақша гирифта нашуда, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Дар самти татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим фаъолияти иттиҳодияҳои методии шуъбаҳои маорифи мавриди омӯзиш қарордодашуда дар ҳолати хеле паст қарор дорад.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки на ҳамаи мутахассисони шуъбаҳои маориф ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа бо модулҳои таълими салоҳиятнокӣ ва роҳнамоҳои омӯзгор таъминанд.

Модулҳои таълимии мазкур ҳамчун маводи методӣ ва дастури роҳнамо оид ба татбиқи низоми босалоҳият кумаки зиёде ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мерасонад. Бинобар ин роҳбарияти шуъбаҳои маориф ва сохторҳои дахлдори он мувазафанд, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоиро бо модулҳои таълимӣ таъмин намоянд.

Дар фаъолияти иттиҳодияҳои методии синфҳои ибтидоии шуъбаҳои маориф ва иттиҳодияҳои методии дохилимактабии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омузиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон дар самти татбиқи низоми таълими босалоҳият нисбатан кам ба назар мерасад.

Ташкил ва гузаронидани семинар-тренинги омӯзишӣ оид ба муносибати босалоҳият дар таълим аз тарафи кормандони маорифи шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа ба чашм нарасид. Мушоҳида ва омӯзиши масъалаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа собит намуд, ки таҷрибаи пешқадами омӯзгорони соҳибтаҷриба низ дар низоми таълими босалоҳият суст ба роҳ монда шудааст. Азбаски низоми таълими босалоҳият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав мебошад, дастраси дигарон гардонидани таҷрибаи пешқадам дар татбиқи низоми таълими босалоҳият кумаки зиёд мерасонад.

Аз мушоҳидаи дарсҳои оӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маълум гардид, ки тақсимоти вақт ҳангоми дарс дуруст риоя карда намешавад. Масалан, дар баъзе мавридҳо барои пурсиши вазифаи хонагӣ то 35 дақиқа вақт ҷудо карда мешуд, ки хилофи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим арзѐбӣ мешавад.

Мо дар байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба масъалаи таълими босалоҳият пурсишнома гузаронидем. Дар пурсишномаҳо қабл аз ҳама омӯзгорон иброз намудаанд, ки барои ба корҳои гурӯҳӣ ҷудо намудани хонандагон дар вақти дарс теъдоди хонандагон зиёд мебошад. Дар ҳақиқат мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар баъзе синфҳо хонандагон то 37 нафарӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва то 45 нафарӣ дар шаҳри Душанбе таҳсил менамоянд.

Ҷамъбасти пурсишнома нишон дод, ки аксарияти омӯзгорон низоми мазкурро пазируфтаанд. Қисми ками омӯзгорон (махсусан нафақахурони синну солашон баланд) ба низоми анъанавии таълими бартарӣ доданд.

Бояд таъкид намуд, ки масъалаи бо китобҳои дарсӣ таъмин намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шуъбаи маорифи шаҳри Қӯрғонтеппа ба пурраги ҳалли худро наёфтааст.

Омӯзишу таҳқиқоти озмоишӣ нишон дод, ки вазъият дар самти татбиқи талаботи муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 24, 18 ноҳияи Фирдавсӣ, 41 ноҳияи Шоҳмансур ва 6, 7 шаҳри Қӯрғонтеппа ташвишовар аст. Омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои мазкур модулҳои таълимӣ надошта, аксарият бо усули анъанавӣ дарс гузашта, аз роҳнамои омӯзгор ва замимаҳо ба китобҳои дарсӣ истифода намебаранд.

Аксарияти омӯзгорони собиқадори синфҳои ибтидоӣ дар раванди курсҳои такмили ихтисос то андозае аз нозукиҳои муносибати салоҳиятнок дар таълим, мазмуну муҳтавои он шиносоӣ пайдо кардаанд, вале барои дар амал татбиқ намудани талаботи муносибати босалоҳият ба таълим кӯшиш ба харҷ намедиҳанд.

Натиҷаи рейтинги хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Қӯрғонтеппа нишон медиҳад, ки сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои мазкур нисбат ба аввали соли таҳсили 2020 то андозае беҳтар гардидааст, ки он аз баланд гардидани сифати таҳсилот дарак медиҳад

Омӯзгорон бештар муносибати босалоҳиятро дар таълим ҷонибдорӣ намуда, таъсири мусбати онро ба такмили салоҳиятҳои амалии хонандагон қайд менамоянд. Шумораи муайяни омӯзгорон ба мушкилоти сатҳи омодагии омӯзгор нигоҳ накарда, кӯшиш мекунанд, ки дар баробари усули проблемавии таълим равишҳои муносибати босалоҳиятро, ки самараи хуб медиҳад, дар раванди дарсҳо самаранок истифода намоянд.

Ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки методи корҳои гурӯҳие, ки имрӯз дар рафти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода мебаранд, ба анвои фаъолияти гурӯҳӣ таалluқ надошта, бештар ба робитаи байни каторҳои хонандагон, тарзи нишаст, таваҷҷуҳ ба тарафи чап ё рост ва тарзи нишасти муқаррарӣ дахолат мекунад. Чунин тарзи кор дар гурӯҳҳо баёни андешаҳои шахсӣ ва дарки андешаҳои дигаронро барои хонандагон душвор месозад.

Тақсимоти вақт низ дар раванди муносибати босалоҳият дар таълим самарабахш нест. Масалан, супоришҳои зиёд ба хонанда пешниҳод карда мешавад, аммо таҳкурсии дониши қаблӣ ва қобилияти инфиродии ӯ ба назар гирифта намешавад.

Омӯзишу таҳқиқи вазъи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои мавриди озмоиш қарордодашуда мушкилоти зеринро дар ин самт ошкор сохтанд:

1. Омӯзиш, мушоҳида, таҳлили натиҷаи татбиқ ва сухбат бо омӯзгорони муассисаҳои таълимии номбурда собит сохт, ки ба ҷорӣ намудани он дар таълимгоҳҳо на ҳамаи омӯзгорон омодаанд ва роҳу

усулҳои атбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба таври мукаммал азхуд кардаанд.

2. Бо сабаби нагирифтани маводи таълимии зарурӣ қисми муайяни омӯзгорон моҳият ва муҳтавои муносибати босалоҳиятро дар раванди фаъолияти ҳаррӯза дуруст дарк накардаанд ва дарсҳояшонро бо усулҳои таълими анъанавӣ мегузаронанд.

3. Миқдори зиёди омӯзгорони синфҳои 1-4 дар раванди курсҳои такмили ихтисос моҳият ва муҳтавои муносибати босалоҳиятро ба таври кифоя аз худ накардаанд, зеро мутасаддиёни курсҳои такмили ихтисос дар раванди машғулиятҳо бештар ба маводи назариявӣ такя намуданд, на ба амалияи он.

4. Ба эътибор нагирифтани имконияти дарки моҳияти иҷрои супоришҳо аз ҷониби хонандагон дар раванди дарс, зеро на ҳар амалиёте, ки хонанда аз рӯйи қобиляти зеҳнӣ ба анҷом мерасонад, ба рушди салоҳиятҳои ӯ мусоидат хоҳад кард. Супоришҳои зиёд ё ба таври саросема пешниҳодшуда аксаран ба ҷойи рушди қобилияти зеҳнӣ ба хасташавии асаб ва ё «бепарвоӣ»-и минбаъдаи кӯдакон оварда мерасонад.

5. Дар муассисаҳои таълимии мавриди озмӯзиш қарордодашуда нақшаҳои дарс аз рӯйи як қолаб таҳия карда мешаванд.

8. Дар арзёбӣ намудани салоҳиятнокии хонандагон аз ҷониби омӯзгорон ягон дигаргунӣ мушоҳида карда нашуд. Дар баҳодиҳӣ ба салоҳиятҳои хонандагон риояи меъёрҳои баҳодиҳӣ низ нақши муҳим мебозанд ва яке бартарии муносибати босалоҳият ба таълим дар баҳогузорӣ ба фаъолияти ҳар як хонанда дар давоми дарс маҳсуб меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда водор месозад, хулоса барорем, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим то ба имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти мийнаи умуӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст, омӯзгорон оид ба роҳу усулҳо ва технологияи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият дар ҷараёни дарс маълумоти кофӣ надоранд ва салоҳиятҳои

касбиву фаннии онҳо оид ба ин масъала ба талабот ҷавобгӯ набуда, аз мутасаддиён тақозо мекунад, ки корҳои омӯзиширо дар ин самт ҷоннок кунанд ва пайваста оид ба роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим семинарҳои омӯзишӣ ва курсҳои такмили маҳорати касбии омӯзгоронро ташкил ва баргузор кунанд.

Барои гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ ва курсҳои такмили ихтисос мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки дар татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим таҷрибаи пешқадам доранд ва аз сохтори дарс ва татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим хуб бархӯрдоранд, методикаи таълими фанро аз рӯи талаботи ин муносибат хуб медонанд.

## 2.3. Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба раванди татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва арзёбии натиҷаҳо

Қисмати муҳимтарини кори диссертатсионии моро фаъолияти ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он дар татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои таълим ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки донишкадаи ҷумҳуриявӣ ва филиалҳои он ҷиҳати татбиқи тамоми барномаҳои давлатӣ дар кори таълиму тарбия дар тамоми қаламрави кишвар ба таври доимӣ кор мебаранд.

Воқеан дар татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он мавқеи калонро ишғол намуда, вобаста ба тағйиротҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои охир рӯйдода, инкишофи ҷомеа ва талаботи замони муосирро ба инобат гирифта, дар раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро дар ин раванд пурзӯр намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 зимни

мулоқоташ бо зиёиёни кишвар таъкид намудааст: «…калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд» [70, с.8].

Бояд тазаккур дод, ки яке аз ҳадафҳои ислоҳоти соҳаи маориф ин ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид гардидани таҳсилоти миллӣ маҳсуб меёбад. Яке аз нишонаҳои ин иқдом ба низоми кредитӣ ва таҳсилоти фосилавӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад, ки натиҷаи хубро ба бор меоваранд.

Мо оид ба раванди роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида, омӯзгоронро ба гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ҷудо карда, пурсишнома гузаронидем, то ки муносибаташонро ба таҳсилоти фосилавӣ муайян созем, ки чунин натиҷаҳо ноил шудем (Ниг. ба диаграммаи 2).




**Диаграммаи №2. Нишондиҳандаи муносибати омӯзгорон ба роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ дар озмоиши муқарраркунанда**

Иштирокчиёни гуруҳҳи озмоишӣ аз 154 нафар иборат буда, ба саволи «Оё дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон роҳандозии таҳсилоти фосилавиро амалишаванда меҳисобед?» 79 нафар ё 51,3% «ҳа» гуфта ҷавоб доданд, аммо 75 нафар ё 48,7% «не» гуфта ҷавоб доданд. Дар вақти пурсидани сабаб, бештар онҳо таъмин набудани муассисаҳоро бо шабакаи фаъол ва мавҷуд набудани технологияи пешқадами иттилоотию коммуникатсионӣ мегуфтанд. Иштирокчиёни гуруҳи назоратӣ, ки аз 146 нафар иборат буд, ба саволи пешниҳоднамудаи мо 68 нафар «ҳа» гуфта ҷавоб доданд, ки 46,6%- ро ташкил медиҳад, аммо 78 нафар ё 53,4% «не» гуфта ҷавоб доданд.

Дар озмоишҳои баъдина, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузор намудем, таҳсилоти фосилавӣ амал менамуд. Иштирокчиёни гуруҳи озмоишӣ ва назорати муносибаташон нисбати татбиқи ин раванд тағйир ёфта, бароҳмонии ин низомро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон амалишаванда ҳисобиданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳсилоти фосилавӣ, ки яке аз омилҳои ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда мебошад.

Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 низ мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор дода шуд. Омӯзишу арзѐбии натиҷаҳои он собит сохтанд, ки нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 бо пурагӣ иҷро гардидааст.

Масалан соли 2018 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ сохтмону азнавсозии 176 бинои муассисаҳои таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 36600 ҷойи нишаст ба маблағи 543 млн. 753 ҳазор сомонӣ сохтаву азнавсозӣ гардида, ба истифода дода шудааст. Махсусан дар вилояти Хатлон 34 мактаб бо 7624 ҷойи нишаст бо маблағи 94565,2 ҳазор сомонӣ бунёду азнавсозӣ ва таъмиру тармим карда шудааст.

***Ҷадвали 28. Нишондиҳандаҳои иҷрои Барномаи давлатии***

***сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо дар солҳои 2012-2018 дар вилояти Хатлон***

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Сохтмони иншоотҳои соҳаи маориф | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **Ҷамъ** |
| Кӯлоб | 1 | 4 | | | 1 | 5 | | **11** |
| Восеъ | 2 | 2 | | | 1 | | | **5** |
| Ҳамадонӣ | 2 | | | | 2 | 1 | | **5** |
| Фархор | 9 | 3 | 3 | | 1 | 6 | | **22** |
| Данғара | 9 | 1 | 1 | | 1 | 3 | 4 | **19** |
| Ш.Шоҳин | 3 | 4 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | **12** |
| Темурмалик | 1 | 1 | | | 1 | | 1 | **4** |
| Муъминобод | 1 | 4 | | | | 2 | | **7** |
| Ховалинг | 1 | | 2 | | 1 | 3 | 1 | **8** |
| Балҷувон | 3 | | | | 2 | 1 | | **6** |
| Бохтар | 1 | | | | | | | **1** |
| Вахш | 1 | 1 | | | | | 2 | **4** |
| Кӯшониён | 1 | 1 | | | 1 | 1 | | **4** |
| Ҷ.Румӣ | 2 | 6 | | | | | | **8** |
| Ҷайҳун | 5 | 2 | 2 | | | 1 | | **10** |
| Панҷ | | 1 | 2 | | | | | **3** |
| Дӯстӣ | 2 | 1 | | | 2 | 3 | | **8** |
| Қубодиён | 4 | 3 | | | 2 | | | **9** |
| Шаҳритус | 1 | 1 | | 2 | | 2 | | **6** |
| Хуросон | 1 | | | | 1 | | | **2** |
| А.Ҷомӣ | 2 | | | | 1 | 2 | | **5** |
| Ёвон | 2 | 9 | | | 2 | 2 | 1 | **16** |
| Носири Хусрав | | 1 | 1 | | | 1 | | **3** |
| Леваканд | | | | | | | | |
| Норак | 2 | 1 | 1 | | 1 | | | **5** |
| **Ҷамъ дар вилоят** | **56** | **46** | **13** | **3** | **23** | **32** | **3** | **176** |

Мо бо мақсади омӯзишу таҳқиқи раванди татбиқи чорабиниҳои Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2011-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2011, №227), ки мақсаду муҳтавои он ҳавасманд гардонидани ҷавонон ба фаъолияти илмию техникӣ ва миллию инноватсионӣ, ташаккули заминаи меъёрӣ ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имкониятҳои илмию техникии мамлакат дар раванди инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркарди илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад, як идда тадбирҳоро амалӣ намудем.

Якҷоя бо мутахассисони ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он дар тамоми зинаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи бештарро ба омода намудани кормандони соҳаи маориф ба фаъолияти самараноки инноватсионӣ, навоварию ихтироъкорӣ дар мазмуни таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот равона намуда, якҷоя бо маъмурияти донишкада ва филиалҳои он тадбирҳои зеринро амалӣ кардем:

1. Коркарди ҳуҷҷатҳои методии таъминкунандаи навгониҳо ва фаъолияти таҷрибавӣ- озмоишӣ дар таълим (дастур дар бораи роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ, дастур барои мураттаб сохтани барнома, омода намудани ҳуҷҷатҳои нашрӣ, тавсияҳо дар бораи паҳн кардани таҷрибаи пешқадам).
2. Шинос намудани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ бо талаботи дуруст пур кардани журналҳо ва ҳуҷҷатҳои шахсӣ (гузоштани баҳо, санҷиш, тақсим кардани хонандагон ба зергурӯҳҳо).
3. Коркарди низомномаи назорат аз болои раванди фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва натиҷаи экспертӣ оид ба инноватсияи педагогӣ [55,с.112].

Дар ин раванд ва барои ҳалли ин масъала ва рафти татбиқи он ҷамъоварӣ ва коркарди ахбор дар бораи навгониҳо дар ҷои асосӣ меистад. Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ анҷом додани амалҳои зеринро талаб менамояд:

1. Иштирок дар таълими фанҳои нав ҷоринамуда бо мақсади мушоҳида намудани рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳое, ки

дар Барномаи инноватсионӣ дарҷ гардидаанд. Бо ин роҳ муайян намудани инкишофи дониш, малака ва маҳорати хонандагон имконпазир мегардад.

2. Назорат аз болои рафти татбиқи барномаҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таълимӣ (тафтиши журналҳо ва робита пайдо намудани таълим бо воситаҳои технологияи ахборотӣ-коммуникатсионӣ).

3. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва пешниҳод намудани маълумотнома ба маҷлису машварат ва шӯрои педагогӣ.

4. Назорат аз болои раванди иҷроиши нақшаи кории иттиҳодияи методӣ ва шуъбаи таълим, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ дарҷ гардидааст.

5. Ба фаъолияти инноватсионӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ мегардад, бояд муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо фармони директории муассиса роҳбарӣ ва назорат намояд.

6. Интихоби омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ озодона ва бе маҷбуркунӣ бояд сурат гирад [55,с.121].

Озмоиши педагогие, ки оид раванди татбиқи Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии ниҳияи Ёвон, шаҳри Бохтар, ноҳияи Ҷ.Балхӣ, Қубодиёну Шаҳритуз баргузор намудем, ошкор сохт, ки баъзе роҳбарон ва омӯзгорон ба мазмун ва муҳтавои ин барнома ва дар куҷо ва чи тавр татбиқ намудани он шинос набуданд. Оид ба шакл ва тарзи таъсис додани комиссия барои фаъолияти инноватсионӣ фаҳмиши умумӣ надоштанд.

Дар баъзе муассисаҳо ҳатто Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 вуҷуд надошт ва дар бораи он ва талаботҳояш аъзоёни коллектив фаҳмиши умумӣ надоштанд. Кор дар ин самт танҳо дар коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон беҳтару хубтар ба роҳ монда шуда буд. Фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи

давраҳои ба нақшагирифта ё нимсола ё дар охири сол натиҷабардорӣ, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ карда мешавад.

Дар ин раванд вазифаи асосии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ аз таъсис додани комиссия, интихоби ҳайати ширкатчиён, муҳайё сохтани шароит, ҳамоҳанг сохтани маҳорати касбӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ иборат мебошад. Ин амал дар фаъолияти навҷӯӣ дар чунин шакл бояд сурат гирад:

1. Гузаронидани озмунҳои касбӣ (озмуни барнома, озмуни дарсҳо, омӯзгори сол, мақолаю маъруӯзаҳои беҳтарин ва ғайра);

1. Гузаронидани конференсия ва семинарҳои методӣ оид ба мақсад ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ;

2. Ҳавасманд гардонидани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз рӯйи натиҷаи ба даст овардаи муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Дар рафти озмоишҳои педагогӣ ошкор намудем, ки фаъолияти самараноки инноватсионии муассисаро аз рӯи ҳуҷҷатҳои зерин баҳогузорӣ кардан мумкин аст:

- аз рӯи фаъолият дар муассиса мавҷуд будани низомнома дар бораи фаъолияти инноватсионӣ;

- мавҷуд будани фармони роҳбари муассисаи таълимӣ дар бораи ташкили гуруҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ;

- барномаи муаллифӣ оид ба ин ё он паҳлӯи фаъолияти инноватсионӣ;

Озмоиши педагогӣ собит намуд, ки корҳои инноватсионӣ дар шароите натиҷанок мегарданд, агар**:**

- дониш ва маърифати роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, талаботҳои воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, дарки мушкилоти омӯзгорон, дараҷаи касбият, мутобиқати маҳорати омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд;

- ташкил ва зери назорат қарор додани фаъолияти инноватсионии омӯзгорон аз ҷониби маъмурияти муассиса;

- танзими инкишофи касбии омӯзгорон, дастгирии кушиш ва ҳаракатҳои шахсии онҳо дар самти татбиқи навгониҳои педагогӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- ворид намудани омӯзгорон ба ҳалли мушкилоти муассисаи таълимӣ тавассути фаъолияти инноватсионӣ.

- бедор намудани майлу хоҳиши омӯзгорон ба ворид гардидан ба фаъолияти инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот, дар омӯзиши фан, дар сохтори дарс ва дар барномаю китоби дарсӣ.

Саволҳое, ки ба гуруҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пешниҳод намудем, аз инҳо иборат буданд:

**Ҷадвали № 29. Натиҷаи ҷавоби омӯзгорон ба саволҳо оид ба Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020**

| Саволҳои пешниҳодгардида | Гуруҳи озмоишӣ | | Гуруҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдоди омӯзго-рон | % | Теъдоди омӯзго-рон | % |
| Бо мазмуну муҳтавои Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 шинос ҳастед? | 42 | 27,3 | 38 | 26,0 |
| Киҳо хоҳиши дар гуруҳи инноватсионӣ фаъолият кардан доранд? | 15 | 9,7 | 6 | 4,1 |
| Аз омӯзгор дар ин раванд чӣ талаб карда мешавад? | 3 | 1,9 | 2 | 1,4 |
| Дар мазмуни таҳсилот чӣ тавр инноватсия ворид кардан мумкин аст? | 26 | 16,9 | 10 | 6,8 |
| Оё дар идоракунии муассиса инноватсия кардан мумкин аст? | 20 | 13,0 | 26 | 17.8 |
| Дар дарс чӣ? | 11 | 7,1 | 14 | 9,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Дар назорати дохилии муассиса инноватсия кардан имконият дорад? | 37 | 24,0 | 50 | 34,2 |
| **Ҳамагӣ:** | **154** | **100,0** | **146** | **100,0** |

Озмоиш собит намуд, ки танҳо 42 нафар омӯзгорони гурӯҳи озмоишӣ ва 38 нафар омӯзгорони гурӯҳи назоратӣ бо Барномаи давлатии мазкур шиносанду халос. Ба саволи киҳо хоҳиши дар фаъолияти инноватсионӣ кор кардан доранд? Аз гурӯҳи озмоишӣ 15 нафар ва аз гурӯҳи назоратӣ 6 нафар хоҳиш зоҳир намуданд. Ба саволи фаъолияти инноватсионӣ аз омӯзгор чиро талаб менамояд? Аз гурӯҳи озмоиши 3 нафар омӯзгорони аз курси такмил гузашта ҷавоб дода тавонистанд, аз гурӯҳи назоратӣ 2 нафар ҷавоб дода тавонистанд.

Оид ба ворид намудани навгонӣ дар мазмуни таҳсилот 26 нафар аз гурӯҳи озмоишӣ ва 10 нафар аз гурӯҳи назоратӣ ҷавоби арзанда дода тавонистанд. Оид ба саволи инноватсияро дар идоракунии муассисаҳои таълимӣ чӣ тавр мефаҳмед? Аз гурӯҳи озмоишӣ 20 нафар ва аз гурӯҳи назоратӣ 26 нафар омӯзгорон ҷавоби арзанда доданд.

Ба саволи иннаватсия ворид намудан дар дарси омӯзгорон шунавандагони курсҳои такмили ихтисос аз гурӯҳи озмоиши 11 нафар ва аз гурӯҳи назоратӣ 14 нафар ҷавобҳои қаноатбахш дода тавонистанд. Лекин оид ба фаъолияти инноватсионӣ дар назорати дохилии муассисаҳои таълимӣ аз гурӯҳи озмоишӣ 37 нафар омӯзгорон ва аз гурӯҳи назоратӣ 50 нафар фаҳмиши баланд намоиш доданд. Лекин басёрии иштирокчиёни озмоиш тарзи тартиб додани харитаи фаъолияти инноватсиониро дар муассисаҳои таълимӣ намефаҳманд. Натиҷагирӣ ва пешниҳод намудани ҳисоботро бисёриҳо омода карда намефаҳманд.

Сарварони гурӯҳи кории фаъолияти инноватсионии тамоми муассисаҳои зинаи таҳсилоти вилояти Хатлон роҳҳои ташвиқ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами фаъолияти инноватсиониро чандон хуб ба роҳ намондаанд. Нақшаи фаъолияти хешро ба ду давра, яъне солҳои 2011-2015 ва 2016- 2020 тақсим накардаанд ва аз рӯи он киҳо дар кадом

самт ба дастовардҳо ноил гардидаанд ва кадом дастоварди онҳо то кадом андоза паҳн карда шудааст, норавшан қарор мегирад.

Дар корҳои озмоишӣ бештар аз 300 омӯзгорони аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд ва мақсади асосии озмоишҳо то кадом андоза манфиатовар будани фаъолияти донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгоронро арзёбӣ мекунад [53, с.35].

Фарзияи озмоишро роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар ҷараёни озмоиш бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- муайян намудани моҳият ва нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани имконияти муассисаҳои таълимӣ дар роҳандозии талаботи барномаҳои давлатӣ;

- муайян намудани меъёрҳои манфиатоварии барномаҳои давлатӣ дар рушди низоми таҳсилот;

- шароитҳои педагогии илман асосёфта дар татбиқи муносибати босалоҳият дар тамоми зинаҳои таълим;

Ҳамин тавр, озмоиш дар худ қисматҳои зеринро дар бар мегирад:

- санҷиш ва озмоиши раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши сабабҳои дар шароити муосир татбиқ нагардидани баъзе аз чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- натиҷагирӣ ва ҷамъбасти нишондиҳандаҳои озмоиш;

- муайян намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дараҷаи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф.

Дар раванди озмоиш мо аз методҳои зерин истифода бурдем: методи муҳокима (муоина, ба қисматҳо тақсим намудан, муқоиса), методи пурсиш (саволнома, суҳбат, гузориш). Инчунин аз методҳои муоина, мушоҳида, амсиласози баҳри самаранокии корҳои озмоишӣ истифода бурдем.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии мо оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ дар рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 3 давра баргузор карда шуд. Дар доираи давраи якум мо имкониятҳои муассисаҳои таҳсилотро дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба инобат гирифтем, ки барномаҳои давлатӣ дар он чӣ тавр амалӣ мегарданд. Дар соли аввал фаъолият ба омӯзиши раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ ва самараи он дар рушди соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои таҳсилот равона гардонида шуд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он: дар мисоли Академияи таҳсисоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ, ДҶТИБКСМ тамоми қувваи худро ба он равона намуданд, ки барномаҳои давлатӣ самаранок татбиқ гардида, дониш, маҳорат ва малакаи насли наврас ташаккул ёфта, ба ҳаёти мустақил беҳтару хубтар омода гарданд.

Бояд қайд кард, ки давраи аввал - давраи омодагӣ ба озмоиши раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф буд.

Давраи дуюм дарёфти арзишҳо, андеша, ишғолнамоии мавқеъро нисбати самаранокӣ ва манфиатнокии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро дар бар гирифт. Дар ин давра мо аз амсилаи педагогии роҳу усулҳои татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф истифода бурдем.

Давраи сеюм ба ташаккули салоҳияти хонандагон ва роҳу усулҳои ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо равона гардида буд. Мисоли он, Барномаи миллии тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 мебошад, ки дар ин самт баҳри баланд бардоштани маданият ва фарҳанги ҳаёти солим корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд.

Саволномаҳои баргузорнамуда ошкор намуданд, ки фаҳмиш ва маърифати ҳама хонандагон нисбати қимати солимӣ дар ҳаёти инсон якхел набуд: онро ба дараҷаи баланд, миёна ва паст ҷудо намудан мумкин аст. Дар зери мафҳуми дараҷаи баланд он хонанда ва донишҷӯёне баҳогузорӣ карда мешаванд:

- дар бораи арзиш ва қимати солимӣ дар ҳаёти инсон фаҳмиш доранд;

- роҳҳои дуруст ташкил додани тарзи ҳаёти солимро мефаҳманд ва аз омилҳои зараровар ба солимии инсон мепарҳезанд;

- маърифату маданияти солим гузаронидани ҳаётро доранд ва барои он пайваста талош меварзанд;

- иқтидори қадр кардани қимати тарзи ҳаёти солимро дар рафтори хеш ноиланд;

- оқибати зарари майпарастӣ, нашъамандӣ, сигору носро барои солимӣ мефаҳманд ва аз он ҷудогӣ мекобанд.

Дар зери мафҳуми дараҷаи миёна он ҷавонон, хонанда ва донишҷӯёнеро ворид намудем:

- он шахсоне, ки на ҳама вақт ба фикру андешаи хеш пайравӣ менамоянд;

- иродаи устувор ва қатъияти устувор надоранд, нисбат ба ҳаёти солим;

-андешаи хешро дар асоси нуқтаи назар ва боварии дигарон изҳор менамоянд;

-на ҳама вақт талаботҳои педагогиро нисбат ба тарзи ҳаёти солим иқтидори фаҳмидан доранд;

- интихоби хешро ҳамеша асоснок карда наметавонанд;

- дар ҷараёни баргузории чорабиниҳо чандон хоҳиши фаъолона иштирок кардан надоранд.

Дар зери мафҳуми дараҷаи паст он ширкаткунандагонеро ворид намудем:

- ба чорабиниҳо шавқу ҳавас надоранд ва саҳми хешро зоҳир наменамоянд;

- моҳияти тарзи ҳаёти солимро шуурона дарк наменамоянд;

- баҳри даст кашидан аз омилҳои таъсиррасон ба солимӣ қатъият нишон намедиҳанд;

- амалҳои нодурустро оид ба тарзи ҳаёти солим интихоб менамоянд;

- иродаи устувори даст кашидан аз одатҳои бади таъсиррасонанда ба ҳаёти солимро надоранд ва касони дигарро пайравӣ менамоянд.

Дар раванди корҳои озмоишӣ ҷавоб ба саволҳое, ки мо оид ба раванди татбиқи Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 дар гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ пешниҳод намудем, асоснокии нуқтаи назари педагогиро тасдиқ намуд. Саволи аввалин аз китоби «Баҳористон»-и А.Ҷомӣ буд: «Умуман Шумо қимати солимии инсонро дар чӣ мебинед ва кадом хатарҳо ба он таҳдид менамоянд?».

**Ҷадвали 30. Натиҷаи ҷавоб омӯзгорон ба саволҳо оид ба Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020**

| **Номгӯи саволҳо** | **Гуруҳи озмоишӣ** | | **Гуруҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъдод** | **%** | **теъдод** | **%** |
| Зарурияти Барномаи давлатии тарзи ҳаёти солим дар шароити муосир | 42 | 26,3 | 38 | 25,0 |
| Оё сигор ва нос ба тарзи ҳаёти солим таъсир мерасонад? | 20 | 10,5 | 22 | 11 |
| Серхобӣ ва пурхӯрӣ дар солимии инсон | 15 | 9,7 | 6 | 4,1 |
| Одатпайдокунӣ ба маводҳои мухаддир ва нашъаовар | 3 | 1,9 | 2 | 1,4 |
| Зарари нӯшокиҳои спиртӣ дар инкишофи насли наврас ва умуман инсон | 26 | 16,9 | 10 | 6,8 |
| Зиёни оиладории хешутаборӣ дар ҳаёти солим ва инкишофи ҷисмонию рӯҳӣ | 20 | 13,0 | 26 | 17.8 |
| Омилҳои одаткунӣ ба омилҳои номатлуб ва зараровар ба ҳаёти солимии инсон | 11 | 7,1 | 14 | 9,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Роҳҳои пешгирии солимнигоҳдории инсон ва моҳияти он дар инкишофи маънавӣ | 37 | 24,0 | 50 | 34,2 |
| **Ҳамагӣ** | **154** | **100,0** | **146** | **100,0** |

Агар ҷадвали болоро таҳлил намоем мебинем, ки аксари иштирокчиёни гуруҳи озмоишӣ ва назоратӣ ба саволи зарурияти қабул намудани Барномаи давлатии тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Бештар аз 42 нафар аз гуруҳи озмоишӣ ва 38 нафар аз гуруҳи назоратӣ дар ҳалли ин масъала фаъолона ширкат варзида, ҷавобҳои сазовор пешниҳод намуданд. Ба саволи оё сигор ва нос низ ба солимӣ зарар мерасонад? Аз гуруҳи озмоишӣ 20 нафар ва аз гуруҳи назоратӣ 22 нафар фикру андешаи хешро баён намуданд.

Оид ба одатҳои баднафсӣ ва серхобӣ маълум гардид, ки аз гуруҳи озмоишӣ 15 нафар ва аз гуруҳи назоратӣ 6 нафар андешаҳои хешро пешниҳод намуда, оид ба Барнома маълумоти камтар доштанд. Оид ба зиёни маводи мухаддир ва нӯшокиҳои спиртӣ фаъолтар ширкат варзиданд, аммо оид ба хонадоршавии хешутаборон дар тарзи ҳаёти солим фаҳмиши гуруҳҳо пасттару нокифоя буданаш дарк карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки оид ба саволи тарз, роҳҳои татбиқи Барномаи давлатии тарзи ҳаёти солим омӯзгорони тамоми зинаҳои таҳсилот донишу фаҳмиши баланди хешро намоиш доданд.

Дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар раванди татбиқи Барномаҳои давлатӣ мавқеи арзандаро дар баробари дарсҳои назариявӣ, дарсҳои тарбиявӣ ишғол менамоянд, ки дар ҳафта як бор гузаронида мешавад. Дар курси такмили ихтисос бо роҳбарони синф ё кураторони гуруҳ роҳ ва тарзи гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ оид ба татбиқи Барномаҳои давлатӣ ёд дода мешавад.

Оид ба Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 мо дар ДҶТИБКСМ ва филиалҳои он корҳои зиёди омӯзишиву озмоиширо баргузор намудем. Махсусан, дар байни омӯзгорони фанни биология, география, физика, химия курсҳои омӯзишӣ

баргузор карда шуд ва дар он бештар ба баланд бардоштани фарҳанги экологии омӯзгорон дар асоси талаботи муосир диққат дода шуд.

Ташкил ва гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ бо хонандагону донишҷӯён бо иштироки мутахассисони соҳаи экология, хондану шарҳ додани мушкилотҳои экологӣ маърифати насли навро баланд бардошта, онҳоро ба тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, хона, синфхона, мактаб ва муҳите, ки зиндагӣ мекунанд, омода менамояд. Тавассути чунин чорабиниҳо онҳо дар бораи роҳҳои пешгирии гирифторшавиро ба бемориҳои сироятиро ҳосил менамоянд. Меъёрҳои гигиениро риоя намуда, тарзи истифодабариро аз маҳлулҳои химиявӣ ёд гирифта, мулоҳизакор мегарданд. Тавассути чунин чорабиниҳо, насли наврас имконият пайдо менамояд, ки ба саволҳои дар онҳо пайдогардида ҷавоби дуруст пайдо намоянд. Масалан, яке аз чорабиниҳое, ки мо бо насли наврас дар раванди озмоиш баргузор намудем, ин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар оид ба «Роҳҳои пешгирӣ аз коронавирус буд.

Дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон ба дарсҳо бо ниқобу дастпӯшакҳои муҳофизатӣ меомаданд. Дар раванди дохилшавӣ ба бино корманди тиб ҳарорати онҳоро санҷида бо маҳлули химяви дастҳояшонро шушта ба даромадан иҷозат медоданд. Хонандагоне, ки ҳарораташон баланд, сулфа мекарданд онҳоро гардонида, даромадан намонда, аз муоинаи табибон мегузарониданд.

Ҳатто дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва нақлиёт масофаи иҷтимоӣ риоя карда мешуд, ки беморӣ афзоиш наёбад. Тамоми хонандагон бо худ маводҳои ҳимояи шахсӣ доштанд ва пайваста худро безарар мегардониданд. Дар тамоми муассисаҳои таълимӣ гуруҳои ошкоркунӣ фаъолият мекарданд ва шахсони гумонбарро ба ҷойҳои зарурӣ мерасонанд.

Аз натиҷаи корҳои озмоишӣ мо ба хулосаи зерин омадем:

1. Зарурият ба устувор гардонидани муносибатҳои инфиродӣ ва гуруҳӣ ба татбиқи барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба миён омадааст.

2. Зарур аст, ки омилҳои педагогӣ-психологии таъсиррасонӣ ба татбиқи барномаҳои давлатӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот коркард карда шавад.

3. Раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ тақозо дорад, ки стратегияи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар тамоми зинаҳои таҳсилот коркард карда шаванд.

4. Модели педагогии ба баланд бардоштани сифати таълим нигаронидашуда дар асоси талаботи барномаҳои давлатӣ бояд коркард карда шавад.

5. Мушаххас гардонидани нишондиҳандаҳои татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас дар ҳама зинаҳои таҳсилот. Ин тадбирҳо ба таври куллӣ моҳият, мазмун ва шаклҳои ташкили такмили ихтисоси омӯзгоронро иваз менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур кушиш ба харҷ дода шуд, ки муносибати асосӣ ба мазмун ва методҳои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон асоснок гардонида шавад. Дар раванди таҳқиқот натиҷаи зерин ба даст оварда шуд:

1. Маҳорати касбии омӯзгор тавассути пеш аз ҳама тавасстуи ташкили курсу семинарҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ташаккул ёфта, боиси такмили сифатҳои шахсиятӣ, маҳорати касбӣ ва фарҳанги педагогии омӯзгорон мегардад.

2. Таҳқиқот собит намуд, ки муттасилии такмил ва бозомӯзии омӯзгорон ба тариқи зайл амри зарурӣ мебошад:

а) робитаҳои мазмунӣ ва методии давраҳои асосии он - омодагии заминавӣ, шаклҳои ташкили такмили ихтисос ва худомӯзӣ;

б) талаботи ташаккулёфтаи омӯзгор - навсозии педагогӣ-шахсиятӣ;

в) мутобиқати мазмун ва методҳои такмили ихтисос мутобиқ ба дараҷаи омодагии мутахассис;

г) ҳамкории тамоми иштирокчиёни ҷараёни омӯзиш.

Маълум аст, ки дар раванди ислоҳоти низоми таҳсилоти миллӣ ба роҳ мондани фаъолияти босуботи омӯзгор тибқи принсипи салоҳиятнокӣ беш аз пеш аҳамияти махсусро пайдо намудааст.

Он ҳанӯз дар сароғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд, дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ меросхӯри бевоситаи низоми илму таълими он аст, аз ҷониби педагогҳо – олимони ҷудогона истифода мешуд ва ё дар таълифоти ҷудогонаи онҳо таъкид мегардид [53, с.5].

Мутахассисон таъкид сохтаанд, ки муносибати басалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро аз ҳар ҷиҳат ба ҳаёту зиндагӣ омода намояд. Ҷомеаи имрӯза шогирдон – шахсони бо таҷрибаро, ки дорои қобилияти ҳаллу бартарафсозии масъалаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат бошанд, интизор аст [87:5].

Бояд илова намуд, ки нуқтаҳои асосӣ ва роҳҳои даст ёфтан ба салоҳиятнокӣ дар таълим дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 нишон дода шуда, дар асоси ин ҳуҷҷат то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсии тамоми фанҳои таълимӣ барои хонандагони тамоми зинаҳои таҳсилот қадам ба қадам таҷдиди назар гардида, дар асоси муносибатҳои босалоҳият дар таълими таҳия гардиданд [18, с.7].

Таҳқиқоти озмоишӣ собит сохт, ки қисмати бештари омӯзгорон ва ҳатто маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ оид ба барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, ки дар давраҳои гуногун қабул шудаан, ҳамчунин оид ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим камтар тасаввурот доранд. Ин ҳолат водор месозад, ки минбаъд чорабиниву тадбирҳои омӯзишӣ оид ба ин масоил, ки дар воқеъ рушду пешрафти таҳсилоти миллӣ аз ҳам бештар бо иҷрои саривақтии онҳо вобастагӣ дорад, ҳар чи бештар ташкилу баргузор карда шаванд. Илова

ба ин, зарур аст, ки масъулияти ташкилоту муассисаҳое, ки амалисозии бандҳои алоҳидаи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба зиммаи онҳо вогузор шудааст, то ба ҳадди имкон баланд бардошта шавад. Танҳо дар ин сурат метавон иҷрои саривақтӣ ва бечунучарои нақшаи чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифи кишварро таъмин сохт.

## Хулосаи боби дуюм

Таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллӣ дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, аз мавҷуд будани омӯзгорони баландихтисос ва бо донишҳои илмию педагогӣ мусаллаҳ вобаста мебошад. Омӯзгор, таҷриба ва дониши он омили асосии татбиқи стратегия ва барномаҳои рушди маориф дар инкишофи ҷамъият ва таҳсилоти босифат мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар тамоми тадбирҳои заруриро андешид, ки дар муҳлати кутоҳтарин масъалаи нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ бартараф гардида, тамоми зинаҳои таҳсилот бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин карда шаванд [7, с.3].

Дар баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорон ва татбиқи самараноки барномаҳои давлатӣ нақши асосиро такмили ихтисос ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон бозиданд. Дар ин давра муносибати ба салоҳиятноки асосёфта дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба фаъолияти аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ мубадал гашт.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба омӯзгор дар шароити муосир зарур меояд, ки бо истифода аз донишҳои муосири педагогӣ ва техникию технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба мисли тахтаи электронӣ, видеопроекторҳо, шабакаи Интернет фаъолияти

таълимиашро пеш бурда тавонад. Бар зимми ин, омӯзгори муосир бояд навовару эҷодкор ва аз талаботи таҳсилоти муосир огоҳ бошад.

Сиёсати маориф бояд ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат ва ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шавад, ки ин масоил мақсади асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф буда, ин барномаҳо асосан барои ноил шудан ба ҳамин ҳадафҳо қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ собит сохт, ки омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳар чӣ бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад [53, с.14].

Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва такмили малакаю маҳорати касбии омӯзгорон аз фаъолияти пурсамари муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷиҳати амалисозии муқаррарот ва нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 аз ҷониби мақомоти дахлдор тамоми чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Педагогикаи муосир талаб менамояд, ки барои зиндагию ҳаёти бобарор дар ҷамъият, фард ё шахс бояд таҷрибаи шахсӣ, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодиро ноил бошад. Бо роҳи татбиқ намудани маҳороти эҷодӣ, шахс ба дараҷае тартиб додани модул, сохтани лоиҳа ва вазифаҳо бояд расад. Мутобиқи ақидаи педагогогҳои машҳур бояд пеш аз ҳама дар мазмуни таълим чораҳо андешида шавад. Дар муносибати

босалоҳият дар ҷойи аввал на огоҳии ахбории хонанда ва донишҷӯ, балки маҳорати ҳал карда тавонистани мушкилоти мушаххас қарор мегирад.

Муносибати босалоҳият шахсро маҷбур месозад, ки таълимро дар тамоми ҳаёт давом дода, дониш, маҳорат ва малакаи хешро пайваста дар ҳолати пайдо шудани зарурият такмил ва бозомӯзӣ намояд. Дар шароити муосир ин вазифаро Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар зимма доранд ва пайваста баҳри татбиқи он талош меварзанд.

Ворид намудани мафҳуми салоҳиятнокӣ дар методикаи таълими тамоми фанҳо зарурияти ҷустуҷӯи мақсадҳои таълим ва ноил гардидан ба натиҷаи муайян мебошад. Дараҷаи донистани забонро мантиқан на дар асоси антоними «медонад/ намедонад», балки дар ассоси майл ба нишондоди «метавонад/ наметавонад» баҳогузорӣ намудан зарур аст.

Дараҷаи ташаккулёбии малакаи фаъолияти гуфтугӯӣ (дараҷаи салоҳияти муоширатӣ) нишондиҳандаи маданияти умумиинсонӣ шуда хизмат мекунад. Салоҳияти муоширатӣ аз иқтидори инсон дар ин ё он ҳолати муоширатӣ, аз тавоноии синфбандии ҳолат дар вобастагӣ аз мавзуъ, вазифа, мавқеъгирии муоширатӣ, инчунин одаткунӣ ба суҳбат ибтидо мегирад.

Дар раванди татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор бояд тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

– кушиши хонанда ва донишҷӯро барои мустақилона иҷро намудани супориш дастгирӣ намояд;

– ҳавасмандии онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ бедор намояд;

– муҳасилинро барои фикру андешаронӣ, нуқтаи назари худро ифода карда тавонистан, баҳс ва хулосабарорӣ, ақидаю мулоҳизаҳои дигаронро шунида тавонистан омода намояд;

– савол ва ба он ҷавоб доданро ёд диҳад;

– шаклҳои мухталифи ҳавасмандгардониро барои фаъол сохтани фаъолияти хонандагон истифода бурда, ташаббускории онҳоро дастгирӣ намояд;

– ба хонандаю донишҷӯ дар гуруҳ кор кардан, ба фаъолияти худ баҳо додан, мавқеъи худро муайян кардан, масъулиятшинос будан, имконияти мустақилона масъалагузорӣ кардан, мушкилоти пешомадаро ҳал карда тавонистанро ёд диҳанд;

– ба хонандагони тарзи худомӯзӣ, фикрронӣ, муошират, ислоҳи камбудиҳоро пешниҳод намуда, фаҳмонад, ки инсон набояд ифодаҳои “намедонам”, “наметавонам”, “намефаҳмам”- ро ба забон орад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон доданд, ки як қисмати чорабиниҳои дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф пешбинишуда иҷро шуда бошанд ҳам, қисмати дигари онҳо, ки иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, ба иҷро нарасидаанд ва ин ҳолат ба рушду пешрафти соҳаи маориф ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар ин самт халал ворид месозад.

Гузашта аз ин, таҳҳқиқот собит сохт, ки маъмурияту омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ аз мавҷудияти аксар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф огаҳӣ надоранд, барои ислоҳи вазъ дар ин ҷода зарур аст, ки масъулини соҳаи маорифи кишвар минбаъд тадбирҳои мушаххаси амалӣ андешанд.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Натиҷаҳои омӯзишу таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо ҷамъбаст намуда, мо ба хулосаҳои зерин омадем:

*1) Маълум карда шуд,* ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо дарназардошти шароит ва талаботи замони муосир кушишҳои бешуморе баҳри бартарафсозии мушкилоти дар натиҷаи бесарусомониҳои дар солҳои навадуми асри гузашта дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар соҳаи маорфи кишвар ба вуқуъ пайваста, дигаргунсозии мазмуну мундариҷаи таълим, сохтмону таъмир ва азнавсозии бинои муассисаҳои таълимӣ, бо мақсади ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва ташаккули мактаби миллӣ ба харҷ дода шуда, як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегияву консепсия ва барномаҳои рушди соҳаи маориф таҳия, тасдиқ ва мавриди амал қарор гирфтаанд, ки ба рушди бемайлони соҳаи маориф дар кишвар дар воқеъ мусоидат кардаанд.

*2) Ошкор карда шуд,* ки барномаҳои давлатӣ дар воқеъ омили асосии рушди соҳаи маориф дар замони истиқлолият гашта, дар натиҷаи татбиқи самараноки онҳо соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба як силсила дастоварду муваффақиятҳо ноил шудааст. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ кушишҳои бешуморе баҳри дигаргунсозии мазмуну мундариҷаи таълим, ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ сохтани таҳсилоти ватанӣ, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ ба харҷ дода шуда, барои ноил шудан ба ин мақсадҳо беш аз чорсад номгӯй санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва даҳҳо сттратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳия ва тасдиқ гардида, ба рушди бемайлони таҳсилоти миллӣ мусоидат карданд.

*3) Муайян карда шуд,* ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ фаъолияти худро бо мақсади таҳкими ҳадафҳои аслии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соҳаи маориф - тарбияи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагону донишҷӯён, ташаккули шахсияти онҳо, амнияти иттилоотӣ ва рушди зеҳнии ҷавонон ба роҳ монда, баҳри ташкил ва танзими низоми таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тарбияи кадрҳои илмӣ, ба манбаи асосии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони баландсавияи дар бозори меҳнат рақобатпазир табдил додани муассисаҳои таълимию илмии кишвар ҷаҳду талош намудааст.

4) *Муқаррар карда шуд,* ки мушкилоти дар соҳаи маорифи кишвар дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва муноқишаву бесарусомониҳо ба миѐномада баъд аз имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар натиҷаи андешидани чораҳои мушаххаси амалӣ - қабул ва маврида амал қарор додани Стратегияи миллӣ ва даҳҳо номгӯй барномаҳои давлатии рушди маориф батадриҷ бартараф карда шуда, вазъи таълиму тарбия рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Аз он ҷумла, амалисозии Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, Барномаҳои давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 ва барои солҳои 2011-2016 боиси бартарафзои мушкилоти ҷойи нишаст ва таъмин гаштани муассисаҳои таълимии мамлакат бо кадрҳои омӯзгорӣ гаштааст.

5) Вазъи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, омӯзиш ва таҳлили вазъ *собит сохт,* ки иҷрои Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020, ки маблағгузории он ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, ба истиснои баъзе ҳолатҳои аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ, соҳибкорони маҳаллӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъмин шудани якчанд озмоишгоҳҳои таълимӣ, асосан иҷро нашудааст.

*6) Маълум карда шуд,* ки қабул ва дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ва барномаҳои дигари рушди соҳаи маориф ҷиҳати баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, савияи донишу маҳорати педагогӣ, психологӣ ва методии онҳо, бахусус, дар мавриди татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим заминаҳои мусоид фароҳам оварда, ба рушди таҳсилоти ватанӣ ва ҷавобгӯ шудани он ба талаботи таҳсилоти муосир ҳамаҷониба мусоидат кардаанд.

*7) Муайян карда шуд,* ки дараҷаи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ҷиҳати татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ва истифодаи технологияҳои иннватсионии таълим, сатҳи тахассуси касбии ва маҳорату малакаҳои кор бо таҷҳизоту технологияҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорони фанҳои физика, химия, биология, география, математика, технологияи иттилоотӣ ва мудирони озмоишгоҳҳои таълимии муассисаҳои таълимие, ки кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳи таълимии муҷаҳҳаз доранд, ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар ин самтҳо ташкилу баргузории чорабиниҳои омӯзишии иловагиро дар ҳар як муассисаи таълимӣ тақозо дорад.

*8) Ошкор карда шуд,* ки дар ин давра муносибати ба салоҳиятнокӣ асосёфта дар таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот ба фаъолияти аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ мубадал гашта, дар ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва татбиқи самараноки барномаҳои давлатӣ нақши асосиро такмили ихтисос ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон бозиданд. Заҳмату талошҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он танҳо ба таъсис додани курсҳои такмили ихтисосу бозомӯзӣ анҷом наёфта, балки дар амалисозии барномаҳои давлатии

рушди маориф, ташкил ва баргузории конфренсияҳои гуногуни ҷумҳуриявию байналмилалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои омӯзишӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим басо назаррас мебошад.

*9) Муайян карда шуд,* ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар шароити муосир омӯзгор бояд соҳиби салоҳиятҳои муосири педагогӣ бошад ва фаъолияти таълимиашро бо истифода технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва инноватсионии таълим, ба мисли тахтаи электронӣ, видеопроекторҳо, шабакаи Интернет ва ғайра пеш бурда тавонад, дар баробари ин, омӯзгори муосир бояд нававару эҷодкор ва аз талаботи таҳсилоти муосир ҳамеша огоҳ бошад.

*10) Собит карда шуд,* ки омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва такмили малакаю маҳорати касбии омӯзгорон аз фаъолияти пурсамари муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷиҳати амалисозии муқаррарот ва нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 аз ҷониби мақомоти дахлдор тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишӣ, онлайнкурсу семинарҳо ва ба ин восита ҳар чӣ бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосиру инноватсионии таълим амри зарурӣ мебошад.

*11) Муайян карда шуд,* ки дар раванди татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор бояд тадбирҳои зеринро амалӣ намояд:

– кушиши хонанда ва донишҷӯро барои мустақилона иҷро намудани супориш дастгирӣ намояд;

– ҳавасмандии онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ бедор намояд;

– муҳасилинро барои фикру андешаронӣ, нуқтаи назари худро ифода карда тавонистан, баҳс ва хулосабарорӣ, ақидаю мулоҳизаҳои дигаронро шунида тавонистан омода намояд;

– поблема гузоштан, савол додан ва ба он ҷавоб доданро ёд диҳад;

– шаклҳои мухталифи ҳавасмандгардониро барои фаъолнокии хонандагон истифода бурда, ташаббускории онҳоро дастгирӣ намояд;

– ба хонандаю донишҷӯ дар гурӯҳ кор кардан, ба фаъолияти худ баҳо додан, мавқеъи худро муайян кардан, масъулиятшинос будан, имконияти мустақилона масъалагузорӣ кардан, мушкилоти пешомадаро ҳал карда тавонистанро ёд диҳанд;

– ба хонандагони тарзи худомӯзӣ, фикрронӣ, муошират,ислоҳи камбудиҳоро пешниҳод намуда, фаҳмонад, ки инсон набояд ифодаҳои “намедонам”, “наметавонам”, “намефаҳмам”- ро ба забон орад.

*12) Ошкор карда шуд,* ки як қисмати чорабиниҳои дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф пешбинишуда иҷро шуда бошанд ҳам, қисмати дигари онҳо, ки иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор шудааст, ба иҷро нарасидаанд, аксари маъмурияту омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аз мавҷудияти аксар барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф огаҳӣ надоранд. Ин ҳолат ба рушду пешрафти соҳаи маориф ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар ин самт халал ворид сохта, барои ислоҳи вазъ дар ин ҷода зарур аст, ки масъулини соҳаи маорифи кишвар минбаъд тадбирҳои мушаххаси амалӣ андешанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Омӯзишу таҳқиқи вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, раванди ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорон ва татбиқи

муносибати босалоҳит ба таълим ба таҳия ва ироаи тавсияҳои зерин водор сохтанд:

- барои ноил шудан ба татбиқи пурра ва самараноки барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф минбаъд зарур аст, ки манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ва бахши хусусӣ  ҷалб карда шаванд, зеро ин гуна муносибат ба коҳиш додани сарбории буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ оварда мерасонад;

- бояд методологияи ягонаи арзёбии самаранокии барномаҳои давлатӣ коркард ва муқаррар карда шавад. Ин зарурати таҳияи системаи ягонаи нишондиҳандаҳоро дар назар дорад, ки объективӣ будани арзёбии самаранокии татбиқи барномаҳои давлатиро таъмин менамояд;

- дар ҳисоботҳо оид ба иҷрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф чорабиниҳои пешбинишуда ва аз онҳо воқеан амалишуда ба ҳисоб гирифта нашуда, ба муносибати масъулони иҷрои талаботи дахлдори барномаҳои давлатӣ баҳои сазовор дода намешавд, ҳисоботҳои нодуруст оид ба татбиқи барномаҳои давлатӣ боиси амалӣ нашудани як қисм аз чорабиниҳои пешбинишуда мегарданд. Ин мушкилотро бо роҳи пурзӯр намудани раванди таҳлилу назорат ва аз нав арзёбӣ кадан ҳал кардан мумкин аст, ки имкон медиҳад, ҳисоботҳо ба иҷрои воқеии барномаҳои давлатӣ мувофиқ гарданд ва нақшаи чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ саривакт амалӣ карда шаванд;

- барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф бе дарназардошти имконоти буҷети маҳаллӣ таҳия ва тасдиқ мешаванд, ки ин минбаъд ба иҷро нашудани талаботи барномаҳои давлатӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, зарур аст, ки минбаъд ҳангоми таҳия ва тасдиқи лоиҳаи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф имкониятҳои буҷети маҳаллӣ пурра ба ҳисоб гирифта шавад, то ки минбаъд дар амалисозии нақшаи чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ мушкилот пеш наомада, чорабиниҳои пешбинишуда саривақт иҷро шаванд ва бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки танҳо ҳалли маҷмуии ҷамъи мушкилоти дар боло зикршуда ба татбиқи

саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии барномаҳои давлатӣ ва рушди соҳаи маориф мусоидат хоҳад кард;

- тавассути баргузории курсҳои такмили ихтисос як бор дар панҷ сол ва ё соле як бор ташкил кардани семинарҳои омӯзишӣ ноил шудан ба такмили маҳорати касбӣ ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ғайриимкон аст. Бинобар ин зарур аст, ки ин кор мақсаднок ташкил карда шуда, мунтазам бо иштироки олимону коршиносон ва омӯзгорони таҷрибаи пешқадамдошта дар тамоми шаҳру ноҳия ва маҳалҳо семинарҳои омӯзишӣ, дарсҳои маҳорат, мизҳои мудаввар ва тадбирҳои дигари омӯзишӣ ташкилу баргузор карда шаванд, дар баробари ин, ҳар як муассисаи таълимӣ бояд ба шабакаи Интернет васл карда шуда, барои баргузории видеодарсҳо, видеосеминарҳо ва видеоконференсияҳо шароитҳои мусоид фароҳам оварда шавад, то ки омӯзгорон тавонанд бевосита дар муассисаи таълимиашон лоаққал моҳе як маротиба бо технологияҳои инноватсионии таълим ошноӣ пайдо карда, ба ин васила салоҳиятҳои касбии худро ташаккул диҳанд;

- барои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, на танҳо салоҳиятнокии касбии омӯзгор, балки, пеш ва беш аз ҳама, фароҳам будани шароитҳои педагогии татбиқ (воситаҳои айёниву техникӣ, кабинету озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазу муосир, видеопроектору тахтаҳои электронӣ ва ғ.) зарур аст. Биноан, танҳо ба роҳи таъмини шароитҳои педагогии таълим дар ҳар як муассисаи таълимӣ метавон ба татбиқи комили талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ноил шуд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05. 2002, № 220 Дар бораи консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2002.

2. Қарори Ҳукукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 11. 2004. №425 «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2019» Душанбе: 2004.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, № 197 «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2006.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон». - Душанбе, 2006.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2006, №362 «Дар бораи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015». - Душанбе: 2006.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2006, №484 «Дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2006.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.08.2008, №436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015». - Душанбе: 2008.

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2009. №254 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015». - Душанбе: 2009.

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2009 «Дар бораи тасдиқи қоидаи баргардондани маблағҳои буҷавӣ аз ҳисоби

мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд». - Душанбе, 2009.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 07. 2009, №427 «Дар бораи Низомномаи намунавӣ барои хонандагони болаёқат». - Душанбе, 2009.

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.02.2010, №89 «Дар бораи Барномаи Низомномаи намунавӣ барои хонандагони болаёқат». - Душанбе, 2009.

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27. 02. 2010, №89 «Дар бораи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020». - Душанбе, 2010.

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 09. 2010, №416 «Дар бораи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015». - Душанбе: 2010.

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 10. 2010, №475 «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016». - Душанбе, 2010.

15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03. 05.2010, №223 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015». - Душанбе, 2010.

16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2011, №278 «Дар бораи Барномаи маҷмуи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015». -Душанбе: 2011.

17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2011, №427 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020». - Душанбе: 2011.

18. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06. 2012, №334 «Дар бораи Стратегияи милии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020». - Душанбе, 2012.

19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2012, №335, «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016». - Душанбе, 2012.

20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №382, «Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017». - Душанбе:2012.

21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2014, №295 «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020». -Душанбе, 2014.

22. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014 №353 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-202». - Душанбе, 2014.

23. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2014, №295 «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: 2014.

24. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2015, №256 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: 2015.

25. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2015, №659 «Дар бораи Дурахшандагон». - Душанбе: 2015.

26. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2015, №494 «Дар бораи Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2015.

27. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №357 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва омӯзиши касбии кормандони соҳаи маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022». - Душанбе: 2017.

28. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №443 «Дар бораи Барномаи давлатии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва каммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2017». - Душанбе, 2017.

29. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2010, №560 «Дар бораи Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020”

30. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №444 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ». - Душанбе, 2017.

31. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2017, №529 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015». - Душанбе, 2017.

32. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2020, № 639 «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030». - Душанбе, 2020.

33. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2011, № 227 «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020».

34. Қонуни забони Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон // «Адабиёт ва санъат», 1989, 3 август.

35. Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». -Душанбе: “Ирфон”, 2012.

36. Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.10.2009. №687 «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2018. - 8 с.

37. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”.- Душанбе, 2018.

38. Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ. - Душанбе, 2016.

39. Перспективы развития образования в Республике Таджикистан. - Душанбе, 2019.

**Монография, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ**

40. Аткинсон Р.Л. и др. Введение в психологию (Учебник для студентов унверситетов). /Аткинсон Р.Л. - Москва: 2002. - 672 с.

41. Бадалов М. Ҳамгироии ҳадафҳои маориф дар бораи рушди устувор бо барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, /М.Бадалов. – Душанбе: «Бухоро», 2017. - 72 с.

42. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим. - Душанбе: «Донишварон», 2018.- 48 с.

43. Болтов, В.А. Компетентностная модель: от идеи к образавательной программе// «Педагогика» /В.А. Болтов, В.В.Сериков - 2003, №10. с.8-14.

44. Вербитский, А.А. Личьностный и компетентностный подходы в оброзований /А.А. Вербитский //- М: Логос, 2009. - 336 с.

45. Виготский, Л.С. Избранные психологические исследования. -М: /Л.С.Вигожний АПН РСФСР, 1956. -384 с.

46. Глоссарий терминов рынка труда, разработки стандартов образователных программ и учебных планов. Европейский фонд образования. ЕФО, 1997.

47. Давлатшоев, И. Рушди ҳамкориҳои мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи маънавии мактабиён. /И.Давлатшоев. – Душанбе: «Сифат», 2015, - 160 с.

48. Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» / «Минбари халқ» - Душанбе, 2016, №52. - с.4

49. Дзенушкайте, С.А. Наш дом. /С.А.Дзенушкайте. - М: Педагогика, 1987. -150 с.

50. Жуйков, С.Ф. Психологические основы повышения эффективности обучения младших школьников родному языку /С.Ф.Жуйков. - М: «Педагогика», 1979.-184 с.

51. Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно целевая основа компетентностного подхода в оброзовании. Авторская версия.- М: /И.А.Зимняя// Исследовательский центр проблем качества подготовка специалистов, 2014.

52. Искандаров, Ҳ. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф/ Ҳ. Искандаров. – Душанбе. 2011, - 167 с.

53. Қурбонзода, Х. Татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маорифи вилояти Хатлон /Х. Қурбонзода. – Душанбе: «Авесто», 2014. - 69 с.

54. Қурбонзода, Х. Такмили ихтисос (нишондиҳандаҳои оморӣ)/ Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев, С.Собиров, С.Ҳасанов// - Душанбе: «Маориф», - 2016, - 86 С.

55. Қурбонзода, Х. Ҳомии маориф /Х. Қурбонзода, М.Ғиёсиев// - Душанбе: «Империал Групп», - 2016, - 52 С.

56. Қурбонзода, Х. Мактабшиносӣ, қ.1-2. / Х.Қурбонзода, И.Холназаров. - Душанбе: «Империал-Групп», 2016. – 178 с.

57. Қурбонзода, Х. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф /Х.Қурбонзода, Ҳ. Бобоев. - Душанбе: «Империал-Групп», 2016. - 87 с.

58. Лутфуллозода, М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. /М.Лутфуллозода, Ғ.Бобизода. – Душанбе, 2017. - 88 с.

59. Мактаб-фараҳи маърифат. – Душанбе: «Эрграф», 2010.

60. Матвеев, В.М. Учителю о работе с октябрятами. /В.М.Матвеев. - М: «Просвещение», 1984.

61. Мирбобоев, Р. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ / Р. Мирбобоев, Ҳ. Зиёев, С. Қосимӣ, М. Бадалов. - Душанбе: «Маориф», 2016, - 272 с.

62. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2014. - с. 5.

63. Маълумот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нисолаи аввали соли 2018. - Душанбе: «Маориф», 2018.

64. Маълумоти омории соҳаи маориф. - Душанбе: «Маориф», 2019.

65. Маҷмӯаи осори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Азизулло», 2019.

66. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ).- Душанбе: «Ирфон», 2018. -72 с.

67. Насриддинов, З. Даргоҳи такмили ихтисос (Нақли дирӯз, имрӯз ва фардои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф) / З. Насриддинов. – Душанбе, 2008. – 144 с.

68. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ.- Душанбе, 2016. - 36 с.

69. Олиференко, П.Я. Спутник классного руководителя/П.Я. Олиференко. - М: «Просвещение», 1990.

70. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: «Шарқи озод» 2017. - 47 с.

71. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: «Шарқи озод», 2018. - 47 с.

72. Паём–барномаи дурнамои миллат. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2019. -62 с.

73. Пимошенко, Л.Н. Воспитание старшеклассниц / Л.Н. Пимошенко. - М: «Просвещение», 1983.

74. Пиракова, Г. Барномаҳои давлатии соҳаи маориф / Г. Пиракова.- Душанбе: Бухоро, 2018.

75. Подлосий, И.П. Педагогика начальной школы: учебник для студентов педучилище и колледжей / И.П. Подлосий. -М: ВЛАДОС, 2008.

76. Раҳмон, Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст / Э. Раҳмон. - Душанбе: 2006.

77. Раҳмон, Э. Раҳнамои маориф /Э. Раҳмон. – Душанбе: «Аржанг», -2011. -152 с.

78. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. - Душанбе: «Эрграф», -2016. - 363 с.

79. Раҳмон, Э. Забони миллат ҳастии миллат /Э. Раҳмон. - Душанбе: «Нашриёти муосир», - 2020. - 432 с.

80. Раҳнамо оид ба мазмуну мундариҷа, сохтори маориф ва ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани таҳсилот.- Душанбе: «Шарқи озод», 2005.-24 с.

81. Раҳмонов, А.А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон/ А.А. Раҳмонов, А.Б. Расулов, Қ.Б. Қодиров, Х.С. Афзалов// - Душанбе, 2011, -184 с.

82. Таҳияи стандарт, барномаи таълим ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ. - Душанбе, 2018. - 52 с.

83. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Империя Групп», - 2016.

84. Хрипкова, А.Г. Мальчик – подросток юноша/ А.Г. Хрипкова, Д.В. Колесов//- М: «Просвещение», 1982. – с.301.

85. Холназаров, И. Афгори рангин / И. Холназаров// - Душанбе: «Кайҳон», 2018. -128 с.

86. Шарипов, Ф., Каримова И.Х. Педагогика. - Душанбе: «Ирфон» 2008. - 284 с.

87. Ширвинд, Б.Е. Классный руководитель и пионерский отряд/ Б.Е. Ширвинд// -М: «Просвещение» 1980. - 276 с.

**Мақола ва маърӯзаҳо**

88. Абдулазизова, З. О компетентности обучения высшей школы / З. Абдулазизова // Маърифати омӯзгор, 2018. -№3,14-15 с

89. Абдураҳим, Ш. Тарбия ва инкишофи кӯдакони то 2-3 сола// «Маърифати омӯзгор», /Ш. Абдураҳим 2018 №7 24-25 с.

90. Аминов, С. Таҳсили фарҳангию чандзабонӣ/С. Аминов // Маърифати омӯзгор, 2019. -№4. 15-17 с.

91. Байденко, В.А. Компетентции в профессиональном оброзовании// Высшее образование в России, /М.Байденко - Москва, 2014, №11.- с.3-13.

92. Бобоҷонова, Д. Насб ва истифодаи тахтаи электронӣ дар дарс// «Маърифати омӯзгор» / Д. Бобоҷонова. - Душанбе: 2018, №5. - с.10

93. Бойматов, А. Меъёрҳои баҳогузорӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ// «Маърифати омӯзгор», / А. Бойматов. 2018, №2. с.8-9.

94. Валиев, Л. Истифодаи тахтаи электронӣ дар дарс// «Маърифати омӯзгор», /А.Валиев 2018, №7-с. 12-13.

95. Воробоёва, Е.В. Оценки мотивации достижения успеха в учебной деятельности, современные наукоемкие технологии/«Маърифати омӯзгор», /Е.В.Воробоева 2016, №2, с.9.

96. Давлатқадамова Б. Усули банақшагирии дарсҳои кушод// «Маърифати омӯзгор»,/ Б.Давлатқадамова 2019, №6. С. 25-26.

97. Дубова, М.В. О возможностях реализации компетентностного подхода в начальном общем оброзовании // «Современная педагогика», /М.В.О.Дубова 2015, №3. - 25 с.

98. Искандаров, Ҳ. Донистан хуб аст. - Душанбе: «Маориф, 2014. С. 99-106.

99. Искандаров, Ҳ. Мактаб ва бунёди ҷомеаи солим. - Душанбе: 2014. - С. 70-74.

100. Искандаров, Ҳ. Қонун талаби замон. - Душанбе: 2014. - 30-34.

101. Искандаров, Ҳ. Такмили ихтисос масъалаи ҷиддист. - Душанбе: 2014. - С. 87-98.

102. Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения. /И.Я.Лернер - М: «Педагогика» 1991. - 183 с.

103. Одилзода, Д. Тарбияи кӯдакону наврасон // «Маърифати омӯзгор» 2018, №1. – С. 15.

104. Одинаев, А. Истифодаи босалоҳияти принсипҳои дидактикӣ // «Маърифати омӯзгор», 2018. - С.40-43.

105. Раҷабов, Ш. Илм бо амал тавъам бошад // «Омӯзгор»,. 25.05 2017, №21. - С. 4.

106. Раҷабзод, Ш. Чаро муассисаҳои таълимӣ бо тахтаҳои электронӣ таъмин нестанд // «Омӯзгор», 8.02.2019, №5. - С.6.

107. Раҷабзода, Ш. Ҳалли масоили таълиму тарбия масъулияти бештарро тақозо мекунад // «Омӯзгор», 10.01.2019, №2. - С. 8.

108. Салоҳиддинова, Г. Муносибати босалоҳият // «Маърифати омӯзгор», 2018, №5. - С. 26-27.

109. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Пешвои миллат» муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш дар шаҳри Душанбе дар таърихи 01.09.2019. - Душанбе, 2019. - 24 с.

110. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 октябри соли 2010. -Душанбе: «Шарқи озод», 2010.

111. Толибова, Ф. Маориф боз ҳам меҳвари таваҷҷуҳ // Маориф, аз 23-январи 2017. - С. 4

112. Холназаров, И. Сохтори хадамоти методиро таҷдиди назар мебояд / «Омӯзгор» №2. 217. С. 8.

113. Холназаров, И. Такмили ихтисоси омӯзгорон дар мадди аввал// «Омӯзгор», 2019. №6.

114. Ҳомидов, Ҳ. Сифати таҳсилотро чӣ гуна бояд баланд бардошт?// Омӯзгор. - 2017.

**Диссертатсия ва авторефератҳо**

115. Абдусамадова, М.А. Компетентностный подход в профессиональной подготовке учителей начальных классов в эстетическом воспитании учащихся (на примере уроков изобразительного искусства) // М.А. Абдусамадова: Автореф. дисс.канд. пед. наук. - Душанбе, 2014. - 22 с.

116. Азизӣ, С.Т. Социально – педагогические аспекты воспитания и обучения трудновоспитуемых детей// С.Т. Азизӣ: Автореф. дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 2013. - 22 с.

117. Булбулов, Дж. Системный подход к проблеме повышения квалификации по формированию конкурентоспособности учителей в условиях реформирования общего образования в Таджикистане// Дж. Булбулов/ Дисс… докт. пед наук. - Душанбе, 2014. - 331 с.

118. Гулов, А.К. Взаимодействие семьи и школы в нравственном воспитании школьников начальных классов/А.К.Гулов: Автореф. дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 2010. - 22 с.

Гулова, Н.А. Асосҳои психологию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ /А.К.Гулова /Дисс…канд.пед. наук. - Душанбе, 2019. -146 с.

119. Джафарпур Монофаред. Педагогические основы развития критического мышления у будущего учителя (на материале педагогических университетов Ирана) /М.Джафапур: Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Душанбе, 2012. - 24 с.

120. Джонмахмадова, Г.Ш. Инновационные технологии в методике преподования русского языка как неродного (на материале средних общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения) // Г.Ш. Джонмаҳмадова/ Дисс... канд. пед. наук. – Душанбе, 2019. -170 с.

121. Касымова, И.Т. Научно-мировоззренческие функции обучения русскому языку в рамках формирования профессиональных компетенций студентов – таджиков (на примере вузов Республики Таджикистан) // И.Т. Касымова: Автореф. дисс. докт. пед. наук. - Душанбе, 2013. - 48 с.

122. Кенджаева, З.Х. Формирование профессиональной компетенции будущих учителей начальных классов в процессе преподавания таджикского языка // З.Х. Кенджаева: Автореф. дис. канд. наук. - Душанбе, 2015, -24 с.

123. Кобра, Ф.Х. Влияние эмоционального и познавительного интеллекта на повышение академической успеваемости

старшеклассников // Ф.Х. Кобра: Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Душанбе, 2013. - 20 с.

124. Мақсудов, З.О Теоретические предпосылки реализации ценностно-компетентностного подхода в подготовке студента педагогического колледжа – будущего учителя/З.О.Мақсудов: Автореф. дис. канд. пед. наук: – Душанбе, 2015. -22 с.

125. Мохаммад, Х.Н. Педагогическое содействие семьи в социализации учащихся общеобразовательных школ (на материале исламской Республики Иран) // Х.Н. Мохаммад: Автореф. дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 2012. - 25 с.

126. Наджимова, Х.Б. Особенности организации учебного процесса с одарёнными учащимися в условиях лицея// Х.Б. Наджимова: Автореф. дис. канд. пед. наук. - Душанбе, 2000. – 22 с.

127. Нарзуллоев, Б.Х. Теоретическая обоснованность формирования этнокультурной компетентности будущего учителя музыки/ Б.Х. Нарзуллоев: Автореф. дис. канд. пед. наук. - Душанбе, 2014. -24 с.

128. Носиров, С.Ш. Гражданское воспитание учащихся старших классов на уроках «Права человека» / С.Ш. Носиров: Автореф. дисс. канд. пед наук. - Душанбе, 2006. – 20 с.

129. Обидова, М.И. История становления системы народного образования в северных районах Таджикистан (1917-1941)/М.И. Обидова: Автореф. дис. канд. пед. наук. – Душанбе, 2004. -21 с.

130. Салимов, И.С. Педагогические основы становления воспитательной системы в вузе (на примере Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни) / И.С. Салимов: Автореф. дисс. канд. пед. наук. – Душанбе, 2012. - 24 с.

131. Собиров, С. Роҳҳои тақвияти ҷараёни такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим/ С. Собиров/ Дисс…канд. пед. наук. - Душанбе, 2020. - 146 с.

132. Утаев, М.М. Дидактические условия формирования профессиональной компетентности будущих учителей иностранного языки в процессе педагогической практики (на материале английского языка в таджикской школе) / М.М. Утаев: Автореф. дисс канд. пед. наук.- Душанбе, 2012. – 23 с.

133. Фархудинов, И. Проблемы реформирования и преспективы развития системы оброзования Таджикистана после обретения независимости // И. Фархудинов: Автореф. дисс. канд. пед. наук. - Душанбе, 2013. – 21 с.

## МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

**а) Мақолаҳои дар нашрияҳои пешбари тақризшаванда нашргардида, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд.**

[1-М] Сафарзода Г.С. Татбиқи барномаҳои давлатии тарбияи насли наврас – омили ғанӣ гардидани маънавиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе, 2019, №4. – С. 307-310. ISSN 2074-1847.

[2-М] Сафарзода Г.С. Таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷа// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе, 2020, №4. – С. 270-273. ISSN 2074-1847.

[3-М] Сафарзода Г.С. Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим яке аз роҳҳои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, №4 (37). – С. 68-73.

[4-М] Сафарзода Г.С. Нақши барномаҳои давлатӣ дар ташакулли салоҳиятҳои омӯзгорон// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020, №4 (32). – С. 34-41.

[5-М] Сафарзода Г.С. Таъсиси муассисаҳои таълимии шакли нав. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020 №5.- С 271-275. ISSN 2074-1847

[6-М] Сафарзода Г.С. Муносибати салоҳиятнок дар банақшагирии раванди таълим//Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021, №1-1 (83). – С. 93-97.

[7-М] Сафарзода Г.С. Вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ/Г.С. Сафарзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. 2023. -№1-1 (107). – С. 116-123.

[8-М] Ҷонмаҳмадова Г.Ш., Сафарзода Г.С. Хусусиятҳои муҳими такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити муосир / Г.Ш. Ҷонмаҳмадова, Г.С. Сафарзода [Матн] // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. 2023. - №2 (32). – С. 72-76.

**б) Маводи дар маҷаллаву нашрияҳои дигар чопшуда:**

[9-М] Такмили ихтисоси омӯзгорон – омили асосии баланд бардоштани малакаи касбӣ //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 26 солагии таъсисёбии ҲХДТ (10 декабри соли 2020). – Бохтар, 2020. - С. 133-138

[10-М] Татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф дар мисоли вилояти Хатлон. Бохтар: Матбааи вилояти Хатлон – 2017- 101с.

[11-М] Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маориф//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир” (31 марти с. 2023). – Душанбе: ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода, 2023. - С. 86-94.